

# Дарсдодани синфҳои кӯдакон Соли 1





Муассисаи Руҳӣ



Китоби 3

# Дарсдодани синфҳои кӯдакон
# Соли 1

Муассисаи Руҳӣ

Китобҳои ин маҷмуа:

Номгӯи зер китобҳои дастрасанд аз маҷмуае, ки аз тарафи Муассисаи Руҳӣ таҳия шудааст. Ин китобҳо ҳамчун силсилаи асосии курсҳо дар кӯшиши мунтазам барои вусъати қобилияти ҷавонон ва калонсолон барои хидмат ба ҷомеаҳои худ истифода мешаванд. Муассисаи Руҳӣ инчунин маҷмӯи курсҳоеро таҳия мекунад, ки шохаҳое аз китоби сеюми силсила барои таълими муаллимони дарсҳои ахлоқи баҳоӣ барои кӯдакон, ва инчунин маҷмӯи дигар шохаҳо аз китоби 5-ум, барои тарбияи мушаввиқони гурӯҳҳои навҷавонон аст. Инҳо низ дар рӯйхати зер нишон дода шудаанд. Бояд қайд кард, ки ин рӯйхат бо назардошти пешрафи таҷриба дар майдони амал метавонад тағйир ёбад ва дар замоне, ки як қатор унсурҳои барномаи таълимии таҳияшаванда ба марҳилае мерасанд, ки онҳо метавонанд ба таври васеъ дастрас гарданд, номгуҳои иловагӣ ворид карда мешаванд.

| | |
|---|---|
| Китоби 1 | *Фикронӣ дар бораи руҳи инсонӣ* |
| Китоби 2 | *Қиём барои хидмат* |
| Китоби 3 | *Таълими синфҳои кӯдакон, Соли 1* |
| | *Таълими синфҳои кӯдакон, Соли 2* (давраи шуъбавӣ) |
| | *Таълими синфҳои кӯдакон, Соли 3* (давраи шуъбавӣ) |
| | *Таълими синфҳои кӯдакон, Соли 4* (давраи шуъбавӣ) |
| Китоби 4 | *Ду Мазҳари Зуҳури Илоҳӣ* |
| Китоби 5 | *Шукуфо сохтани қувваҳои навҷавонон* |
| | *Ангезаи нахустин : Аввалин давраи шуъбавии китоби 5* |
| | *Ҳалқаи доим афзоянда : Дуввумин давраи шуъбавии китоби 5* |
| Китоби 6 | *Хидмат дар майдони таблиғ* |
| Китоби 7 | *Ҳамроҳӣ дар роҳи хидмат* |
| Китоби 8 | *Аҳд ва Мисоқи Ҳазрати Баҳоуллоҳ* |
| Китоби 9 | *Ба даст овардани дидгоҳи таърихӣ* |
| Китоби 10 | *Эҷоди ҷомеаҳои пуё* |
| Китоби 11 | *Асбоби моддӣ* |
| Китоби 12 | *Хонавода ва ҷомеа* |
| Китоби 13 | *Мушорикат дар иқдомоти иҷтимоӣ* |
| Китоби 14 | *Мушорикат дар гуфтумонҳоиривоҷёфта* |

Ҳаққи чоп © 2023 бо Муассисаи Руҳӣ, Колумбия
Тамоми ҳуқуқ маҳфуз. Нашри 2.2.1.PE.PV чопи Июни 2023
Нашри Тоҷикистон

Нахустин чоп ба забони испанӣ зери унвони *Enseñar clases para niños, primer grado*
Ҳаққи чоп © 1987, 1996, 2021 бо Муассисаи Руҳӣ, Колумбия
ISBN 978-958-52941-7-2

Иҷозаи чопи шумораи маҳдуди ин китоб ба забони тоҷикӣ ба Муассисаи миллии омузишии Тоҷикистон аз тарафи Муассисаи Руҳӣ дода шудааст

Муассисаи Руҳӣ
Кали, Колумбия
Email: instituto@ruhi.org
Website: www.ruhi.org

# Феҳраст

Афкоре барои роҳнамо ..................................... v

Чанд усули таълим ва тарбияи баҳоӣ .............. 1

Дарсҳо барои синфҳои кӯдакон, Соли 1......... 41

# Афкоре барои роҳнамо

Ин китоб аз ду қисм иборат аст, ки ҳадафи онҳо эҷоди қобилият дар шумораи афзояндаи одамон то ин, ки онҳо барои хидмати бисёр ситоишшудаи дарсдиҳии синфҳои муназзам барои таълим ва тарбияи руҳонии кӯдакон дар маҳаллаҳо ва деҳот бархезанд. Ин сеюмин китоб аз силсилаи аслии дарсҳои Муассисаи Руҳӣ буда, нахустин китоб аз маҷмӯаи китобҳое мебошад, ки як роҳи хидмати махсусеро барои хоҳишмандон пешкаш мекунад. Ширкаткунандагоне, ки тасмим мегиранд ин роҳро паймоянд ба мутолиаи маҷмӯае аз давраҳои шохавӣ барои дарс додан ба кӯдакон хоҳанд пардохт, ва дар айни ҳол ҳар як бо суръате, ки бо вазъияти худи онҳо худ мутаносибаст, ба пешрафт дар роҳи силсилаи аслӣ низ идома хоҳанд дод.

Роҳнамо дар ҳидояти гурӯҳе, ки ин китобро мегузаранд, бояд биниши дар боло зикршударо дар зеҳн нигаҳ дорад ва ба ёд дошта бошад, ки эҳтимолан танҳо чанд фоизе аз ширкаткунандагон қасди онро хоҳанд дошт, ки худро ба ин ҳавзаи фаъолият бибахшанд. Бинобар ин, ба таври куллӣ, нақши китоб ҳозири он аст, ки варои ҳадафи аввалияи худ, ҳар фардеро, ки акнун устуворона дар роҳи хидмат қарор дорад, бо чанде аз мафҳумҳо ва ғояҳое ошно кунад, ки дар барномаи омӯзишии хурдсолон, ки дар деҳкада ё маҳаллаи ӯ дар ҳоли иҷро аст, муассиранд. Умед чунон аст, ки бо ин кор китоб ба афзоиши огоҳӣ даруни як ҷомеа кӯмак кунад, афзоиши огоҳӣ ҳам аз вазифаҳои ҷомеа нисбат ба парвариши руҳонии кӯдакон, ва низ сифатҳо, нигаришҳо, ва рафторе, ки бузургсолон бояд дар муомилаи худ бо онҳо аз худ нишон диҳанд.

Ширкаткунандагон аз мутолиаи қисми дуввуми Китоби 2 бо ин фармурдаи Ҳазрати Абдулбаҳо ошно ҳастанд, ки таълим ва тарбият се қисм аст: ҷисмонӣ, инсонӣ ва руҳонӣ. Дар ин ҷо ин имкониятро хоҳанд ёфт, ки дарки худро аз навъи охири таолим ба тарбият афзоиш диҳанд, яъне тарбияти руҳонӣ, ки моҳияти руҳонӣ ва болотари фард бо кӯмаки он парвариш меёбад. Он чӣ аз оғоз бояд возеҳ бошад, он аст ки тарбияти руҳонии кӯдакон, чунон ки мавриди назари оини Баҳоӣ аст, аз кӯдаконро зери бори бовариҳои ҷазмандешона (догматикӣ) гузоштан, ки баъзан ба таълимоти динӣ ҳамроҳ аст, томоман фарқ дорад. Баръакс, ҳадафи он эҷоди ишқ ва дониш, нигариши боз ва пазиро нисбат ба ёдгирӣ, ва шавқи мудом ба ҷустуҷӯи воқеият мебошад.

Ба ҳамон андоза эътирофи ин нукта муҳим аст, ки дар таълим ва тарбияти насли ҷадид, дарки диниро наметавон комилан канор гузошт, зеро ин кор ба монанди маҳрум кардани онҳо аз дастрасӣ ба ҳақоиқи Илоҳӣ ва усули руҳонӣ хоҳад буд, усуле, ки бояд ба афкор ва аъмоли онҳо сомон диҳад. Ғояҳое вуҷуд дорад, ки беҳтар аст хурдсолонро раҳо кунем, то аз муомилаи худ бо иҷтимоъ, зоҳиран бо интихоби озодона, меъёрҳо ва ҷаҳонбинии худро касб кунанд. Ба назар намерасад, ки ҳомиёни ин ғояҳо бидонанд, ки қудратҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ бо чӣ шиддате ба пешбурдани он намунаҳои бовар ва рафторе, ки ба нафъи худашон аст, мепардозанд. Аммо ҳатто агар чунин набуд, далеле нест фарз кунем, ки наслҳои баъдӣ бе таълим ва тарбияте, ки моҳияти руҳонии фардро мепарварад, тавонанд дунёи беҳтаре бисозанд. Навъи башар вақте аз ҳидояте, ки аз Мураббии Илоҳӣ омадааст, маҳрум монад, наметавонад чизе беш аз бесарусомонӣ, беадолатӣ ва ранҷ эҷод кунад.

Бинобар ин, дар барномаи шашсолаи таълим ва тарбияти кӯдак, ки дар ин китоб ва китобҳои шохавӣ аз он пешбинӣ шудааст, таолими Баҳоӣ нақши меҳварӣ доранд. Бо ин ҳол шакле, ки ин барнома тартиб дода шудааст, ба хусус ин, ки матни он дар силсилаи поя ба поя танзим шудааст, роҳро барои ширкати хурдсолон аз тамоми пешинаҳо боз мекунад. Дарсҳои соли аввал ба парвариши сифатҳои руҳонӣ дар кӯдакони панҷ ё шаш сола мепардозанд ва ин кӯшиш аст барои кӯмак ба комил кардани ахлоқ. Соли дуввум бар рӯи ин дарсҳо бино шуда, одат ва намунаҳои рафториеро парвариш медиҳад, ки сифатҳои дарунии дар барномаи соли қабл баёншударо ҷилвагар мекунанд – мисоли он одати дуо хондан, ки аз тариқи он ҳолати даруние, ки хусусиятҳои он майли наздик шудан ба Худо аст, ҷилвагар мешавад. Китобҳои солҳои баъд ба масъалаи дониш мепардозанд. Ба таври хос одамон барои кӯшиши огоҳона ба сӯи пешрафти руҳонии худ бояд ба манбаъҳое, ки маърифати Худованд аз он сарчашма мегирад, пайваст бошанд. Ба ин тартиб дарсҳои ин солҳо ба мавзуҳои асосӣ дар ҳаёти ду Мазҳари Зуҳури Илоҳии ин рӯз ва Мазоҳири Зухури қабл аз Онҳо омада, мепардозанд. Соли охир имконияте барои кӯдакон фароҳам меоварад, то дониши худро аз Зуҳури Ҳазрати Баҳоуллоҳ бо ҳидоят ва ёрии намунаи аълои Ҳазрати Абдулбаҳо ва шарҳҳояшон афзоиш диҳанд. Умед аст, ки дар натиҷа кӯдакон ин одатро дар худ парвариш диҳанд, ки дар масири зиндагӣ ва зимни ҳамсӯ сохтани афкор ва аъмолашон бо таолими Ҳазрати Баҳоуллоҳ ба осор ва баёноти Ҳазрати Абдулбаҳо рӯ оваранд. Замоне, ки хурдсолон ба синни 11 ё 12 солагӣ мерасанд, омодаи гузаштан ба барномаи тавондиҳии руҳонии навҷавонон ҳастанд. Дар тӯли ин барнома огоҳии афзояндаи онҳо бо мутолиаи маҷмӯаҳои матнҳо бо ҳамроҳии як мушаввиқ беш аз пеш густариш меёбад. Матнҳои чанде аз китобҳои навҷавонон идомаи омӯзишҳое ҳастанд, ки дар синфҳои кӯдакони баҳоӣ ироа шуда буд. Муаллимони навкор ва муштоқ бояд боварӣ ҳосил кунанд, ки волидайне, ки худ баҳоӣ нестанд ба имконияти фиристодани писарон ва духтарони худ ба чунин синфҳо мароқ зоҳир мекунанд ва аз дидани таъсири тарбияи руҳонӣ бар қалбҳо ва ақлҳои кӯдаконашон мудом масрур мешаванд.

Ҳамон тавре, ки дар боло зикр шуд, синфҳои соли аввал бар комил сохтани ахлоқ марказонида шудаанд. Пас дар ин бистар аст, ки қисми аввали китоби зери назар, яъне "Чанд усули таълим ва тарбияти баҳоӣ", баъзе аз мафҳумҳои асосии аз Осори Амрӣ баромадаро, ки паёмадҳои зимнии амиқе барои таълим ва тарбият доранд, баррасӣ мекунад. Нимаи аввали воҳид ба ин баҳс бахшида шудааст, ва нимаи дигар ба рӯйкардҳое, ки дар иҷрои дарс метавон дошт, ва низ ба робитаи муаллим бо волидайн мепардозад.

Яке аз нахустин мафҳумҳое, ки дар ин воҳид ба гуфтугӯ гузошта мешавад, тавони билқувваи инсон аст. Ин мафҳум аз тариқи тасвири дар баёне аз Ҳазрати Баҳоуллоҳ омада, дида баромада мешавад, ки дар он инсонро ба мисли "маъдан, ки дорои ҷавоҳирҳои бебаҳо аст", мебинанд. Аз ширкаткунадагон хоста мешавад бар ду маврид оиди далотатҳои зимнии ин баён андешаронӣ кунанд: яке ин, ки рӯйкардҳои омӯзишие, ки донишомӯзонро зарфҳои холӣ ва дар интизори пур шудан аз иттилоот мебинанд, беҳтар аст канор гузошта шаванд, ва дигар ин, ки кӯдакон бе парвариши муносиб, нахоҳанд тавонист ҷавоҳирҳои бисёреро, ки дар ботинашон пинҳон аст, зоҳир созанд.

Ин воҳид ишора мекунад, ки аз чумлаи ҷавоҳирҳое, ки ба фард ато шудаанд, онҳое ҳастанд, ки "сифатҳои руҳонӣ" хонда мешаванд; онҳоро сохторҳои доимие медонем, ки ҳусни ахлоқ ва шарофати шахсиятро метавон бар руи он бино намуд. Яке аз афкори асосие, ки тамоми ширкаткунандагон бояд ба таври лозима онҳоро касб кунанд, он аст, ки сифатҳои руҳонӣ дастаи сершуморе аз "фазилатҳо" ҳастанд, ин истилоҳи куллиест,

ки барои ҳамаи навъҳои хислатҳои таърифӣ, аз он ҷумла одатҳо, нигаришҳо, маҳоратҳо ва тавоноиҳо ба кор меравад. Дар бахшҳои шашум ва ҳафтум, чанде аз далолат зимни ин гузора баррасӣ мешавад. Роҳнамо моил хоҳад буд боварӣ ҳосил кунад, ки аъзои гурӯҳ метавонанд гуфтугӯҳои худро ба он матлабҳое, ки дар қисми сеюми Китоби 1 мутолиа карданд, рабт диҳанд, дар он ҷойҳое, ки дар бораи сифатҳои руҳонӣ, ба унвони қувваҳои руҳи инсон, ки бояд дар ин ҳаёт парвариш ёбанд, то дар сафари абадиямон ба сӯи Худо моро кӯмак ва ёрӣ намоянд, фикронӣ намудаанд. Муҳаббати Худо ва маърифати Илоҳӣ аз парвариши сифатҳои руҳонӣ ҷудоинопазиранд. Муҳим аст, ширкаткунандагон дарк кунанд, ки чӣ гуна афкори дар ин ду бахш овардашуда байни дарсҳои Соли 1 ва он давраҳое ки дар заминаи фазилатҳое, ки вақтшиносӣ ва садоқатро ҳамчун ҳамон як навъ хислатҳо мебинанд, фарқ мегузорад. Вақте муаллимон ин фарқиятро дарк мекунанд, аз тамоил ба ин, ки парвариши ахлоқи некро асосан аз ҷанбаи ислоҳи рафтор мулоҳиза кунанд, дурӣ хоҳанд ҷуст.

Албатта, сифатҳои руҳонӣ динамикаи хоси худро доранд, ки элементҳои меҳварии дарсҳо (яъне дуо, аз бар кардани навиштаҳо, ва достонҳо) ба таври хос дар парвариши онҳо мекӯшанд. Ширкаткунандагон аз мутолиаи Китобҳои 1 ва 2, дар бораи моҳияти ин элементҳо бинишҳое касб кардаанд ва ҳадаф аз Бахши 8 он аст, ки ба онҳо кӯмак кунад, то ин омӯхтаҳои худро дар вазифаи таълим ва тарбияти кӯдакон истифода баранд. Онҳо бояд зимни ин кор ташхис диҳанд, ки ин дарсҳо барои парвариши сифатҳои руҳонӣ дар хурдсолон, онҳоро дар робитаи бевосита бо калимаҳои Илоҳӣ қарор медиҳанд ва бо достонҳо дар бораи Ҳазрати Абдулбаҳо, яъне таҷассуми волотарини армонҳои башарӣ, онҳоро рӯҳбаланд мекунанд.

Мафҳуми дигаре, ки дар ин воҳид мавриди ковиш қарор мегирад, тарс аз Худо аст, ки дар Бахши 12 ба он пардохта мешавад. Тибқи Осори Баҳоӣ, тарс аз Худо "сабаби аввал" аст дар тарбияти инсон. Он чӣ муҳим аст, он аст ки ширкаткунандагон дарк кунанд, тарс аз Худо аз муҳаббати Худо ҷудошуданӣ нест, зеро он тарсест, ки аз майл ба хушнуд кардани Оне, ки дӯсташ медорем ва хоҳиши дур будан аз ҳар амале, ки монеъи расидани муҳаббати Ӯ ба мо мешавад, пайдо мешавад. Агар муҳаббат набошад, тарсе ки моро ба рӯйгардонӣ аз рафтори ношоиста меангезад, аз навъи дигар аст: тарс аз азоб тавассути Худои хашмгин. Ин тасвире нест, ки бояд вориди ақлҳои кӯдакон шавад. Муаллимони муштоқ дар ҳоле, ки бояд робитаи байни муҳаббати Худо ва тарс аз Худоро дар фароянди тарбиятӣ ба хубӣ дарк кунанд, бояд дарёбанд ин мавзӯъе нест, ки кушоду равшан дар синф гуфта шавад. Дар иваз бояд ёд бигиранд, ки оташи муҳаббати Худоро дар қалбҳои донишомӯзони худ шӯълавартар созанд ва ба онҳо ниҳояти боварииро бахшанд, ки Худованде, ки башарро ба хотири муҳаббати бениҳояти Худ офаридааст, ҳаргиз павариш ва муҳофизаташро аз мо боз нахоҳад дошт. Дар таҳлили ниҳоӣ, муҳаббати Ҷамоли Ӯст, ки кӯдаконро аз анҷом додани аъмоле, ки муқобили розигии Худост, боз хоҳад дошт.

Гуфтугӯ дар бораи мафҳумҳо ва идеяҳои боло, ширкаткунандагонро ба дарки ин амр роҳнамоӣ мекунад, ки саранҷом аз тариқи як фароянди тарбияти руҳонӣ, кӯдакон бояд худи ба даст овардани сифатҳои руҳониро подош бидонанд, ва доштани ахлоқи ношоистаро бузургтарин танбеҳ дар назар гиранд. Бинобар ин ҳамаи инҳо кӯмак мекунад, ки ширкаткунандагон битавонанд ба ислоҳи рафтори хурдсолон аз нуқтаи назари муносибе бингаранд: на ба унвони ҳадафи аслӣ балки ба унвони кӯмаке барои комил сохтани ахлоқ. Бар ин асос, дар муомилаи худ бо кӯдакон роҳҳои муносибе хоҳанд ёфт, то рафтори матлубро ташвиқ кунанд, ва аз улгуҳои рафтори ношоиста барҳазар доранд. Чанде аз ин роҳҳо дар Бахши 13 зикр шудаанд. Чанде мафҳумҳои дигар, ки ба

таври мухтасар дар ин бахш ба онҳо пардохта шудааст, мафҳумҳое ки ба озодӣ ва инзибот (назму тартиб) рабт доранд. Дар ҳоле, ки танбеҳи шадид, ошкоро ҷое дар таълим ва тарбияти кӯдакон надорад, озодии мутлақ додан ба онҳо барои анҷоми ҳар он чӣ мехоҳанд, низ ба ҳамон андоза ба парвариши руҳонии онҳо осеб мезанад.

Ин қисми китоб пас аз он ба масъалаи нафъи ҳифз кардани назм ва тартиб дар синф, дар ҳоле ки як муҳити ёдгирии сурурангез эҷод мешавад, мепардозад. Роҳнамо бояд ба ёд дошта бошад, ки аксари ширкаткунандагон таҷрибаи қаблӣ дар дарсдодани кӯдакон нахоҳанд дошт ва бинобар ин, дар ин ҷо чанд ғояи аввалӣ барои баррасӣ матраҳ шудааст, ки мумкин аст онҳо бихоҳанд пас аз шурӯъ ба ин хидмат ба бахшҳои рабт дошта баргарданд ва дар партави таҷриба дар бораи ин афкор андешаронӣ кунанд.

Ширкаткунандагон дар идома, баъзе рӯйкардҳои мумкинро дар асной машғул сохтани кӯдакон ба фаъолиятҳое, ки дарсҳоро, ташкил медиҳанд, баррасӣ хоҳанд кард. Илова бар унсурҳои меҳварии иборат аз дуо, аз бар кардани навишта ва достонҳое, ки дар боло мавриди таъкид қарор гирифт, ин фаъолиятҳо иборат аз суруд, бозӣ ва рангдиҳиро дар бар мегирад. Ширкаткунандагон дар таҷзия ва таҳлили рӯйкардҳое, ки дар дастрасашон аст, дарси аввалро, ки дар бораи сифати руҳонии покӣ аст, дида мебароянд.

Саранҷом дар Бахши 26, ширкаткунандагон моҳияти гуфтугӯеро, ки байни як муаллим ва волидайни яке аз хурдсолони синфаш шакл мегирад, баррасӣ мекунанд. Ин бахш бар омӯхтаҳои ширкаткунандагон дар ин замина дар Китоби 2 ва таҷрибаҳои эҳтимолии онҳо бино шудааст. Онҳо эҳтимолан ин таҷрибаҳоро аз замони мутолиаи Китоби 2 то ҳол, ба унвони бахше аз ҳастаи дар ҳоли густариши дӯстоне касб кардаанд, ки ба мулоқоти хонаводаи кӯдакони синфҳои дар маҳалла ё деҳкада мепардозанд. Роҳнамо бояд итминон ҳосил кунад, ки ба ширкаткунандагон вақти кофӣ дода мешавад, то тамринотеро, ки хоҳони аз нав баррасӣ кардани мафҳумҳои қисми аввал, барои омодасозӣ барои гуфтугӯ бо волидайн аст, анҷом диҳанд. Ин тамрин абзоре (инструмент) хоҳад буд, ки аъзои гурӯҳ бисёре аз мафоҳим ва идеяҳои мавриди гуфтугӯро дар зеҳни худ тақвият намоянд.

Воҳиди дувум, яъне "Дарсҳо барои синфҳои кӯдакони соли аввал", иборат аз ду қисмат аст: бисту чаҳор дарси пешниҳодӣ барои ин сол ва бахшҳои муқаддимотӣ барои ошно шудани комили муаллимон бо матнҳои дарсҳо, ки ҳар як дар атрофи парвариши як сифати руҳонӣ сомон ёфтаанд. Барои ҳар чаҳор дарс дида баромадани маҷмӯаҳое аз бахшҳои муқаддимотӣ ихтисос дода шуда аст. Ин бахшҳо ширкаткунандагонро дар мурури унсурҳои меҳварии ҳар дарс ҳидоят мекунанд ва ширкаткунандагон ба монанди коре, ки дар воҳиди қабл дар мавриди дарсҳои аввал бо мавзӯъи покӣ анҷом додаанд, ин унсурҳои асосиро таҷзия ва таҳлил мекунанд.

Як навишта аз Осори баҳоӣ унсури меҳварии ҳар дарсро ташкил медиҳад. Навишта ҳамроҳи матни кӯтоҳ омадааст, ки муаллимон ташвиқ мешаванд дар муаррифии навишта ба кӯдакон аз он истифода кунанд. Ин матнҳо ҳарчанд мухтасар бошанд ҳам, дар онҳо маҷмӯаҳои калимот ва тасвирҳо аз Осори муборака оварда шудаанд, ки ба кӯдакон кӯмак кунанд, то ба тадриҷ дар зеҳни худ тасаввуроте оиди пӯёии (динамикаи) махсуси сифати руҳонии мавриди назар шакл гирад. Тавоноии як муаллим дар баёни афкори муқаддимотӣ ба наҳваи табиӣ, ва кӯмак ба донишомӯзон дар касби басиратҳое дар бораи ин пӯёӣ, аз тариқи таҷриба ва андешаронии давомнок бар сифоти руҳонии дар дарс зикршуда, рушд хоҳанд кард. Дар партави ин матлаб дар бахшҳои муқаддимотӣ аз ширкаткунандагон хоста мешавад, дар бораи аҳамияти ҳам сифат, ҳам зиндагии фардӣ

ва ҳам барои сайъҳои худ дар заминаи дарсдиҳӣ, таомуле дошта бошад. Гузидаи мухтасаре аз баёноти марбута ба ҳар сифате барои ин ҳадаф ғунҷонда шудааст.

Ширкаткунандагон пас аз ин андешаронӣ, достонҳоеро, ки сифатҳои мавриди назарро нишон медиҳанд, баррасӣ хоҳанд кард. Ҳадаф аз ин достонҳо, ки асосан аз ҳаёти Ҳазрати Абдулбаҳо баромадаанд, он аст, ки партаверо аз зоҳиршавии номаҳдуди сифатҳои руҳонӣ ба унвони хислатҳои руҳи инсон ба кӯдакон нишон диҳад. Барои ин манзур суолоте барои ҳар достон омода аст, ки ба муаллимон кӯмак кунад то силсилаи рӯйдодҳо, ва воқеияти руҳонии мавриди ҷустуҷӯро дар достон, васеътар аз чорчӯба бингаранд. Ба таври хос дар мавриди достонҳои Ҳазрати Абдулбаҳо, ин суолот ба тарзе танзим шуда аст, ки муаллимон битавонанд ҳангоми ривояти достонҳо бар ин нукта таъкид кунанд, ки Он Ҳазрат чӣ тавр сифати руҳониро дар ниҳояти камол зоҳир месохтанд, ва аз рабтдоданҳои мустақим ва сатҳӣ, ки метавонад зеҳни кӯдаконро аз фаҳми аҳамияти воқеии аъмоли Он Кас дур кунад, парҳез намоянд.

Вақте ширкаткунандагон, ҳар гурӯҳ чаҳор дарсро ба ин тарз таҷзия ва таҳлил карданд, аз онҳо хоста мешавад, замонеро дар гурӯҳи худ сарфи тамрини элементҳои мухталиф намоянд ва рӯйкардҳои дар воҳиди аввалбударо ба кор гиранд (яъне қисми аввали китоб). Аз аҳамияти унсури тамрин кардан ҳарчи гуфта шавад кам аст. Бахши бузурге аз масъулият бар ӯҳдаи роҳнамост, ки ба аъзои гурӯҳ дар сайъҳояшон барои тақвияти тавоноии худ ба унвони муаллимон билқувва кӯмак кунанд. Созмондиҳии мутолиаи дарсҳо ба сурати маҷмӯаҳои чаҳортоӣ, аз ин лиҳоз мизоне аз инъитофро мумкин месозад ва роҳнамо бояд оиди суръати лозима бо машварати ҳамоҳангкунанда (координатор)-и муассиса барои синфҳои кӯдакон қадре биандешад, ки беҳтарин роҳи пешравӣ кадом аст. Мумкин аст замонҳое бошад, ки ширкаткунандагон пеш аз машғул шудан ба ин хидмат битавонанд кулли воҳид аз ҷумлаи унсури тамринии онро ба анҷом бирасонанд. Дар он сурат, зарурате дорад касоне, ки муштоқанд синфҳои кӯдакон дошта бошанд, ба суръат пас аз такмили Китоби 3 битавонанд чӣ бо шурӯъи кӯдакони синфи худ ва чӣ аз тариқи кор дар паҳлӯи як муаллими дигар ва кӯмак ба анҷоми чанде аз фаъолиятҳо таҷриба касб кунанд. Аммо дар шароити дигар, мумкин аст муфид бошад, ки ширкаткунандагон пас аз такмили мутолиа ва тамрини як ё ду маҷмӯаи чаҳор дарсӣ, касби таҷрибаи дарсдоданро оғоз намоянд. Сипас роҳнамо дар фосилаҳои муносиб ширкаткунандагонро такроран гирди ҳам хоҳад овард, то чаҳор дарси дигарро дар партави таҷрибаи рӯ ба афзоиши худ мутолиа ва тамрин кунанд. Дар ин ҷо лозим ба зикр аст, ки созмондиҳии бахшҳои муқаддимотӣ дар гурӯҳҳои чаҳор дарсӣ ба он манзур нест, ки сифатҳои руҳонии мавриди назарро онҳо ба тарзи хоссае ба ҳам рабт диҳанд.

Сарфи назар аз чунин тартибот, зарурӣ аст, ки муаллимон комилан бо дарсҳо ошно шаванд ва барои ҳар ҷаласаи синф, худро ба хубӣ омода созанд. Агар муаллим дуоҳо ва навиштаҳоро мустақиман аз рӯи китоб нахонад, балки ёд гирифта бошад, онҳоро аз ҳофиза тиловат кунад, аз қабл омода бошад, ки навиштаи дарсро муаррифӣ кунад ва ривоят кардани достонро тамрин карда бошад, синфҳои кӯдакон бисёр муваффақтар хоҳанд буд. Ба ғайр аз ин қабил омодасозиҳо ба ҷуз лавозимот барои бозӣ ва баргаҳои рангомезӣ ва қаламҳои рангӣ, мавод ва манобеи изофагии бисёр каме барои синфҳо мавриди ниёз аст. Варақаҳои рангдиҳиро, ки дар поёни қисми дувуми Китоб қарор доранд, метавон таксир (копия) кард ё рӯи қоғазҳои ҷудогона аз нав онҳоро кашид. Илова бар ин, онҳоро метавон аз вебсайти Муассисаи Руҳӣ даунлод ва чоп кард. Файлҳои сабтшудаи сурудҳои соли аввал низ аз тариқи роҳнамо фароҳам шудаанд, ки шояд муаллимон бихоҳанд, на танҳо барои ба дарс омода сохтани худашон, балки барои мусоидати кӯдакон дар ёдгирии сурудҳо аз онҳо истифода кунад. Касоне, ки дар ҷомеаи

худ барои хурдсолон синфҳо таъсис мекунанд, ташвиқ мешаванд, ки дафтарчаеро барои ёддошт аз кӯшишҳои худ дошта бошанд. Онҳо бо ин дафтарча метавонанд иттилооти лозимаро ба роҳатӣ дар даст дошта бошанд. Дафтарча ҳамчунон намунаеро аз одати омода сохтани худ ва андешаронӣ, тақвият хоҳад кард.

Ба таври ошкоро баёни ин нукта дар ин ҷо муфид аст, ки 24 Дарси Соли 1 бо ин ҳадаф тарҳрезӣ шудаанд, то боварӣ ҳосил кунем, ки ҳар якро метавон дар шароити оддӣ дар як ҷаласаи синф омӯхт. Тақсими элементҳои як дарс барои гузаронидан дар тӯли ду ҷаласа тамоиле ба тӯлонӣ кардани ғайризарурии фаъолиятҳо эҷод мекунанд. Аммо муҳимтар ин аст, ки он метавонад корoии ин фароянди ёдгириро заифтар кунад. Фароянде, ки дар он эҷоди зарби оҳангӣ (ритм) дар фаъолиятҳо, ки ҳар як сатҳҳои гуногуни фишурдагӣ доранд, аммо дар айни ҳол ҳама бахшида ба як сифати руҳонӣ ҳастанд, зарурӣ аст.

Саранҷом, бояд чанд калима дар бораи робитаи байни муаллим ва донишомӯзон дар фароянди омӯзишӣ гуфт, мавзӯе, ки дар Бахшҳои 9 ва 10 Қисми аввал ба онҳо пардохта мешавад, аммо он дар сар то сари китоб дар назар дошта мешавад. Возеҳ аст, ки ҳар муаллим бояд тамоми кӯшиши худро бинамояд, то тамоми сифатҳои руҳониро, ки кӯдакон дар соли аввал мутолиа мекунанд, ба ҷаҳдҳои худ низ дар байни кӯдакон таҷассум кунад. Албатта муҳимтарини онҳо муҳаббат хоҳад буд, муҳаббате, ки инъикос аз муҳаббати Худо аст. Ин муҳаббат дар муҳите, ки муаллим эҷод мекунад эҳсос хоҳад шуд: дар мизони омодасозии қабл аз дарс, дар дуоҳои оғозини ҳар ҷаласа, дар забоне, ки барои муомила бо донишомӯзони худ ба кор мебарад ва дар тарзи ташвиқ ва ситоиши донишомӯзон барои пешрафташон.



# Чанд усули таълим ва тарбияи Баҳоӣ

## Ҳадаф

Дарки чанде аз усул ва мафҳумҳо аз Осори Баҳоӣ
дар заминаи таълим ва тарбият,
ва андешаронӣ оиди тарзи ҷалб кардани кӯдакон ба синфҳое,
ки онҳоро аз назари руҳонӣ парвариш медиҳанд

# БАХШИ 1

Ин китоб, яъне Китоби 3-и Муассисаи Руҳӣ шуморо бо хидмати бисёр ситоишшудае ошно хоҳад кард, яъне дарс додани синфҳои баҳоӣ барои таълим ва тарбияти рӯҳонии кӯдакон. Агар пас аз мутолиаи китоб тасмим бигиред бахше аз замон ва қувваҳои худро ба ин хидмат ихтисос диҳед, дар мавқеияте хоҳед буд, ки битавонед дар ҷомеаи худ барои гурӯҳе аз хурдсолон, ки вориди соли аввали як барномаи омӯзишии шашсола мешаванд, синфҳои ҳафтагӣ таъсис намоед. Зимни дарс додани синфҳо, шумо албатта, дар давом додани омӯзиши китобҳои силсилаи аслӣ пеш хоҳед рафт.

Дарс додан ба кӯдакон танҳо яке аз бузургтарин хадамот дар роҳе аст, ки шумо дар ҳоли паймудани он ҳастед. Ҳатто агар тасмим бигиред ба он напардозед, мутолиаи ин давраро арзишманд хоҳед ёфт. Зимни ширкат кардан дар раванди ҷомеасозӣ дар деҳкада, шаҳр ё маҳаллаи худ, дар мавқеиятҳои бисёре бо кӯдакони хурдсол муомила хоҳед дошт ва хоҳед тавонист аз аксари фаҳмишҳои яқин, ки аз мутолиаи ин китоб касб мекунед, баҳра баред. Лаҳзае дар ин бора андеша ронед, ки баёни зер аз Байтул Адли Аъзам чӣ эҳсосоте нисбат ба кӯдакон дар шумо бармеангезад:

> **“Кӯдакон гаронбаҳотарин ганҷинае ҳастанд, ки як ҷомеа метавонад дошта бошад, зеро умед ва зомини оянда ҳастанд. Кӯдакон ҳомили донаҳои сиришти иҷтимоъи оянда ҳастанд, сириште, ки асосан дар зери таъсири рафтори бузургсолони ҷомеаи имрӯз нисбат ба кӯдакон, ё норасоиҳои онҳо шакл мегиранд. Кӯдакон амонате ҳастанд, ки ҳар ҷомеае, ки онҳоро нодида гирад, наметавонад аз сазои чунин ғафлат дар амон бимонад. Муҳаббати ҳамаҷонибa ба кӯдакон, тарзи рафтор бо онҳо, кайфияти таваҷҷӯҳе, ки ба онҳо бахшида мешавад, ҳолати рафтори бузургсолон нисбат ба кӯдакон – ҳамаи ин аз ҷумлаи ҷанбаҳои ҳаётии мавриди ниёз аст.”[1(тарҷума)]**

Дарсҳои соли аввал, ки дар қисми дувуми китоб оварда шудаанд, содда ҳастанд. Ҳар як иборат аз маҷмӯаи фаъолияте аст, ки ба парвариши як сифати руҳонӣ марказонида шудаанд. Кӯдакон ташвиқ мешаванд, ки дуоҳо ва навиштаҳоро аз Осори Муборака аз бар намоянд ва ба достонҳо ва тавзеҳ ва шарҳҳое аз таолим гӯш диҳанд, наққошӣ ва рангдиҳӣ кунанд, суруд бихонанд ва бозӣ кунанд. Барои гузаронидани ин дарсҳо эҳтиёҷ ба дониши зиёде дар заминаи таълим ва тарбият нест. Сарфи назар аз ин, ки омӯзиши расмӣ барои муаллим будан дидаед ё на, ин давра шуморо барои дарс додани коромади як синфи ҳафтагии кӯдакон омода хоҳад кард. Ҳамчунон, ки давраҳои шохавии Китоби 3-ро мутолиа карда таҷриба касб менамоед, имконият хоҳед дошт, то дар бораи бисёре аз масоили таълим ва тарбият фикронӣ намоед. Дар ибтидо, эҳтимолан, дақиқан аз барномаи дарсӣ пайравӣ хоҳед кард, аммо ба тарзи афзоянда метавонед бо мазмунҳои изофӣ, ки худатон таҳия мекунед, онро ғано бахшед.

# БАХШИ 2

Биёед, бо баёноти зер аз Ҳазрати Абдулбаҳо ва Ҳазрати Баҳоуллоҳ, ки ба мо кӯмак мекунанд арзиши кори муаллимро дарк кунем, андеша ронем. Шояд бихоҳед онҳоро аз бар кунед, то ҳангоми дарс додан онҳоро ба хотир оваред.

> **“Хушо ба ҳоли он муаллиме, ки ба таълими кӯдакон бархезад ва мардумро ба роҳи Худованди Азизи Бахшандаи Ваҳҳоб роҳнамоӣ намояд.”[2(мазмун)]**

**“Таълими кӯдакон ва тарбияти навниҳолҳои ҷаннати Абҳо аз аъзам хадамот ба Даргоҳи Кибриёст...”[3]**

**“Таълими кӯдакон мувофиқи Навиштаҳои возеҳ фарз ва воҷиб аст. Бинобар ин муаллимон ходимони Ҳазрати Раҳмонанд, зеро ба он хидмат, ки иборат аз ибодат аст бархостаанд. Бо ин сабаб бояд шумо ҳар даме шукрона намоед, ки тарбияти авлоди руҳонӣ менамоед...”[4]**

1. Ҳамчунон, ки дар бораи аҳамияти ин баёнот андеша меронед, ҷойҳои холиро дар ҷумалоти зер пур кунед:

а. ____________ он __________ ки ба _________ кӯдакон бархезад ва мардумро ________________________________________ Худованди Азизи Бахшандаи ____________________________.

б. _______________ кӯдакон ва ____________ навниҳолҳои ҷаннати Абҳо аз _____________ хадамот ба Даргоҳи Кибриёст.

в. Таълими кӯдакон мувофиқи Навиштаҳои возеҳ ______________________ ва _____________ . Бинобар ин ___________ ___________ Ҳазрати Раҳмонанд, ____________ба ин хидмат, ки _________аз ________ аст, бархостаанд. Бо ин сабаб бояд шумо ҳар даме __________________________________ намоед, ки тарбияти ________________________ менамоед.

2. Бар асоси он чӣ то ҳол мутолиа кардаед, таъин кунед, ки кадом як аз гузораҳои зер дуруст ҳастанд:

_____ Волидайн, муаллимон, ва ҷомеа, ҳама дар масъулияти тарбияти руҳонии кӯдакон шарик ҳастанд.

_____ Ҳар ҷомеа вазифаи таъсиси синфҳое барои тарбияти кӯдаконро дорад.

_____ Дарс доданро ба кӯдакон метавон ибодат ҳисоб кард.

_____ Чун кӯдакон ба мактаб мераванд, лозим нест ҷомеа синфҳое барои тарбияти руҳонии онҳо ташкил диҳад.

_____ Муаллими кӯдакон парваришдиҳандаи фарзандони руҳонист.

# БАХШИ 3

Баёноти зиёде дар Осори Муборака вуҷуд доранд, ки ба ҳавзаи таълим ва тарбия рабт доранд. Дар ин давра ва давраҳои мисли он, чанде аз онҳоро мутолиа хоҳем кард. Барои шурӯъ баёни зеринро аз Ҳазрати Баҳоуллоҳ бихонед:

**“Инсонро ба монанди маъдане, ки дорои ҷавоҳироти бебаҳо аст мушоҳида намо. Бо тарбият ҷавоҳири он ба арсаи ошкор ояд, ва олами инсонӣ аз он баҳравар гардад.”**[5]

Такмили ҷумлаҳои зер ба шумо кӯмак хоҳад кард, ки дар бораи маънои амиқи ин баён фикрронӣ намоед ва онро агар то ҳол аз бар накардаед, аз бар намоед.

а. Инсон монанди ______________________________ аст, ки дорои ҷавоҳирҳои __________________ мебошад.

б. Ба ___________________________ ҷавоҳири он _________________ ва олами инсонӣ аз он __________________ .

Далолатҳо зимнии баёноти Ҳазрати Баҳоуллоҳ барои арсаи таълим ва тарбият бисёр зиёд аст, ва дар бахшҳои баъд ба чанде аз онҳо пардохта хоҳад шуд. Дар ҳоли ҳозир биёед як андешаро дар назар бигирем. Фарз кунед, ҳудуди бист зарфи холӣ ба шумо дода ва хоста шудааст онҳоро қошуқ ба қошуқ бо об пур кунед. Агар таълим ва тарбият чунин тасаввур мешуд (яъне хӯрондани зарроти иттилоот ба донишомӯзон) он вазифаи хастакунандае мебуд, оё чунин нест? Сипас, маъдане пур аз ҷавоҳироти пинҳонро тасаввур кунед, ки қобили иктишоф ва зоҳир шудан ҳастанд. Оё мувофиқ нестед, ки дарс додан, вақте ки ба унвони кашфияти ҷавоҳирот дида шавад, дар ҳақиқат кори бисёр сурурангез аст?

## БАХШИ 4

Биёед, дар бораи навиштаи боло бештар фикр кунем. Оё метавонем сифатҳои монанди муҳаббат, садоқат, адолат, бахшиш, истиқомат ва самимиятро аз ҷумлаи ҷавоҳироти бебаҳое, ки Ҳазрати Баҳоуллоҳ ба он ишора мефармоянд дар назар бигирем? Қувваи зеҳни инсонро чӣ? Қуввае, ки он метавонад асрори табиатро кашф кунад, осори зебои ҳунариро эҷод кунад, афкори шарофатмандона ва таолибахшро баён кунад? Кӯдаконе, ки шумо ба онҳо дарс хоҳед дод ба таври билқувва (потенсиалӣ) тамоми ин хислатҳоро доранд. Оё метавонед чанде аз хислатҳои дигарро номбар шавед? Оё бе таълим ва тарбияти муносиб ҳеҷ кадоме аз онҳо парвариш хоҳанд ёфт? Дар андешаронӣ бар ин суолот мисоли овардашуда дар Китоби 1-ро ба ёд оваред, ин ки чароғ билқувва тавони нур бахшидан дорад, аммо барои ин кор бояд даргиронида шавад.

______________________________________________

______________________________________________

______________________________________________

______________________________________________

______________________________________________

______________________________________________

## БАХШИ 5

Ҳамаи мо барои парвариши тавони билқувваи худ аз марҳилаҳои як фароянди омӯзишӣ мегузарем, ки метавон гуфт, то поёни ҳаётамон зоҳир мешавад ва комилтар меёбад. Мо дар хона, мадраса, маҳалли кор ва ҷомеа таҳти таълим ва тарбият қарор мегирем. Мо саволе, ки дар ин ҷо бояд аз худ бипурсем он аст, ки синфҳои баҳоӣ барои кӯдакон ба хусус дар соли аввал ба унвони яке аз ҷанбаҳои ин раванди омӯзишӣ, модомулумр бояд бар чӣ чизе марказонида бошад? Чанде аз насиҳатҳои Ҳазрати Абдулбаҳо дар ёфтани посух ба мо кӯмак хоҳад кард:

> **"Масъалаи ахлоқро бисёр аҳамият бидиҳед. Ҳамаи падарон ва модарон бояд кӯдаконро муддати дароз насиҳат кунанд ва бар он чи сабаби иззати абадия аст, далолат намоянд."[6 бо тарҷума]**

> **"Тарбият ва одоб хеле муҳимтар аз таҳсили илмҳост. Тифли поку покиза, хуштинат ва хушахлоқ - ҳатто агар ҷоҳил бошад ҳам - беҳтар аз тифли беадабе аст, ки ношуста, бадахлоқ, вале дар ҷамеъи фанҳо моҳир, зеро тифли хушрафтор фоидаовар аст, вале тифли ҷоҳил, бадахлоқ, фосид ва зараровар аст, вале олим. Вале агар илм ва адаб ҳар ду биомӯзад, нуран ало нур гардад."[7]**

> **"Дар оянда ахлоқи умумӣ бисёр фосид гардад. Бояд тифлонро бо роҳи баҳоӣ тарбият намуд, то саодати ду ҷаҳон ёбанд ва илло дар заҳмат ва машаққат афтанд, зеро саодати олами инсонӣ вобаста ба ахлоқи руҳонист."[8]**

Баёноте монанди ин сабаб шудааст, ки Муассисаи Руҳӣ дар соли аввали барномааш бахшида ба тарбияти руҳонии кӯдакон бар комил сохтани ахлоқ аҳамияти марказӣ диҳад. Пеш аз он, ки дар идома дар ин ҳадаф ҷустуҷӯ кунем, шояд бихоҳед фаҳматонро оиди "писандида" будани ахлоқ дар гурӯҳи худ дар гуфтугӯ бигузоред ва чанде аз натиҷаи гуфтугӯро дар фазои зер бинависед:

________________________________________

________________________________________

________________________________________

________________________________________

________________________________________

## БАХШИ 6

Яке аз мафҳумҳое, ки ҳангоми фикррони дар бораи писандида будани ахлоқ билофосила ба ёд меояд, "фазилат" аст. Барномаҳои арзишманди бисёре дар ҷаҳон вуҷуд дорад, ки хоҳиши парвариш додани маҷмӯаи муайяне аз фазилатҳоро дар донишомӯзон доранд. Дар ин барномаҳо истилоҳи "фазилат" барои тавсифи маҷмӯаи васеъе аз хислатҳои писандидаи инсонӣ ба кор меравад, яъне баъзе аз онҳо аз ҷумлаи одатҳо ҳастанд, монанди одати вақтшиносӣ. Чанде дигари онҳо нигаришҳо ҳастанд, монанди нигариши ҳамдилӣ бо касоне, ки ба сахтиҳо гирифторанд. Баъзеи дигар ба маҳорат ва тавоноӣ ишора мекунанд, монанди тавоноии ба таври возеҳ сӯҳбат кардан. Аммо дастае аз фазилатҳо

вуҷуд дорад, ки нисбат ба ҳамаи фазилатҳои дигар арзиши алоҳидае доранд (монанди садоқат, бахшиш, хоксорӣ ва муҳаббат), ки мо онҳоро "сифатҳои руҳонӣ" меномем. Аз шумо хоста мешавад, ки дар соли аввал кӯшишҳои худро бар парвариши ин хислатҳои бунёдии руҳи инсон марказонед. Ин ба он ба маънӣ нест, ки дар муомилаи худ бо кӯдакон фазилатҳои дигарро нодида хоҳед гирифт, балки фақат манзур аз он аст, ки дар дарсҳое, ки таълим хоҳед дод, дар дараҷаи аввал ба сифатҳое, ки барои сафари абадии руҳ ба сӯи Худо зарурӣ ҳастанд, хоҳед пардохт. Барои дарки фарқияте, ки дар ин бобат ба он этиқод дорем, вақтшиносиро ба унвони як фазилат дар назар бигиред. Фарде, ки вақтшинос аст, метавонад бадзот ва золим низ бошад, аммо зулм ва бадзотӣ наметавонад хислатҳои инсоне бошад, ки сифатҳои илоҳии садоқат, нияти холис, муҳаббат ва адолат, саховат ва бахшоишро касб намудааст. Дар навбати худ барои чунин инсон вақтшинос будан ҳам хеле матлуб аст.

Дар қисми сеюми Китоби 1 дар бораи сифатҳое, ки руҳ бояд дар айёми зиндагонӣ ба даст орад, андаке фикрронӣ кардаед. Мумкин аст муносиб бошад, ки ба он қисми китоб бозгардед ва бахшҳои рабтдоштаро дида бароед. Сипас, оиди аҳамияти парвариши сифатҳои руҳонӣ аз синни ҳассоси хурдсолӣ, аз назари он чӣ, ки дар Китоби 1 мутолиа кардед, фикрронӣ намоед. Дар зер дар фазои барои шумо фароҳам оварда шуда андешаҳои худро бинависед.

________________________________________

________________________________________

________________________________________

________________________________________

________________________________________

________________________________________

________________________________________

## БАХШИ 7

Зимни ин, ки ба кӯдакон кӯмак мекунед, ки ахлоқи шоистае аз худ зоҳир созанд, табиатан ба рафтор ва кирдори онҳо диққат хоҳед дод, зеро фазилатҳо ҳатман зарур аст, ки ба амал дароварда шаванд. Шумо ба унвони муаллим рафтори хубро бо роҳҳои бисёре тақвият хоҳед кард. Дар асnои ба пеш бурдани гурӯҳи хурде аз хурдсолон, аз ситоиш, ташвиқ, насиҳат, шарҳ додан борҳо ва борҳо истифода хоҳед кард. Ҳамчунин вақте пайвандҳои амиқи муҳаббат ва меҳрубонӣ бо донишомӯзони худ барқарор карда бошед, гоҳе як ибрози мулоими норозияте аз тарафи шумо ба унвони васила барои бартараф кардани рафтори нописанди як кӯдак, ба шумо кӯмак хоҳад кард.

Дар бахшҳои баъд оиди баъзе масъалаҳое ҷустуҷӯ хоҳед кард, ки ба роҳи таълими шумо бо донишомӯзон рабт доранд. Ба манзури гуфтугӯямон дар ин ҷо биёед мисолеро дар назар гирем. Дар муомилаатон бо кӯдакон бе ҳеҷ шакке кӯшиш хоҳед кард, ки нигариши саҳим шудан бо дигарон (саҳми дигаронро додан) ва одатҳои вобаста бо онро дар онҳо парвариш диҳед. Баъзе чизҳое, ки метавонед бигӯед ва анҷом диҳед, чӣ ҳастанд? Ин саволро бо дигар аъзои гурӯҳи худ ба гуфтугӯ бигузоред.

Ҳоло дар бораи саволи зер андешаронӣ кунед: саҳим шудан бо дигарон ба унвони ҷанбае аз рафтор агар нишона аз бахшиш, яъне сифати руҳоние, ки инъикоси яке аз хислатҳои Худованди Бахшанда ва Карим аст, набошад, оё масалан, дар замони қаҳтӣ низ боқӣ хоҳад монд? Посух албатта он аст, ки гарчи иваз кардани рафтор ҷойгоҳи худро дорад, аммо ҳадафи воқеӣ ин парвариши сифатҳои рӯҳоние аст, ки ба унвони қувваи руҳи инсон бояд бо маърифати Илоҳӣ ва муҳаббати Илоҳӣ (муҳаббати Худо) парвариш ёбад.

> **“Дар хусуси кӯдакон навишта будӣ : бояд аз аввал кӯдаконро бо тарбияти илоҳӣ парвариш дод ва ҳамеша зикри Ҳақро ба ёди онон овард, то муҳаббати Худо дар тинати онон мустаҳкам шавад ва қарор ёбад ва бо шири модар омехта шавад.”[9]**

> **“Кӯдаконро бояд аз хурдсолӣ аз пистони муҳабати Худо шир дод ва дар оғуши шиносоии Худо тарбият намуд, то нуронӣ гарданд, раҳмонӣ шаванд, илм ва дониш омӯзанд ва хулқ ва атвори фариштагон ёбанд.”[10]**

> **“Ва инак дар бораи тарбияти кӯдакон суол карда будӣ, вазифаи ту он аст, ки ононро аз пистони муҳаббати Худо шир диҳӣ ва ба руҳониёт ва таваҷҷӯҳ ба сӯи Худованд, ва ба рафтори хуб ва некии одоб, ва беҳтарин ахлоқ, ва касби фазилатҳо ва хислатҳои писандида дар олами инсонӣ ташвиқ кунӣ...”[11]**
> **(мазмуни Осор аз арабӣ)**

Шояд бихоҳед ҳадди ақал яке аз ин навиштаҳоро аз бар намоед.

## БАХШИ 8

Дарсҳое, ки дар синфи аввал ба кӯдакони умуман 5 ё 6 сола таълим хоҳед дод, бо дар назар доштани идеяҳое, ки то инҷо оиди онҳо ҷустуҷӯ кардаем, таҳия шудаанд. Мумкин аст, ҳоло муфид бошад, ки ба қисми дувум муроҷиат кунед ва 2 ё 3 дарсро ба таври комил бихонед, дар ҳоле, ки ба дарси аввал таваҷҷӯҳи хосе менамоед. Баъдан имконият хоҳед дошт ҳар 24 дарсро ба таври муфассал баррасӣ ва таҳлил кунед. Дар ин ҷо шуморо ташвиқ мекунем, ки дар партави бахшҳои гузашта ба элементҳои мухталифи дарсҳо чунон, ки дар зер зикр шудааст, фикр кунед.

Ҳар дарс бо дуоҳое, ки шумо ва баъзе аз кӯдакон тиловат мекунед, оғоз мешавад. Дарҳол пас аз он хурдсолон бо кӯмаки шумо замонеро барои аз бар кардани як дуо мебахшанд. Дар парвариши кӯдак, ки бояд “аз пистони муҳаббати Худо шир” дода шавад, дуо як ҷузъи ҷудоинопазир аст. Ҳазрати Абдулбаҳо ба мо мефармоянд, ки “кӯдакон мисли ниҳоланд ва ин таълим ва муноҷот монанди борон, ки тароват ва латофат бахшад ба монанди насими Муҳаббати Худо, ки аз шодӣ ба завқ орад.” Лаҳзае фикронӣ кунед, ки ин элементҳои синф чӣ гуна ба ҳадафи куллии парвариши ахлоқ дар кӯдакон кӯмак мекунад. Кӯшиш кунед афкори худро дар чанд ҷумла суратбандӣ кунед. Чанд баёноте аз Китоби 1 монанди навиштаҳои зер ба шумо кӯмак хоҳанд кард:

**“Бузургтарин дастовард ё ширинтарин ҳолат чизе ҷуз гуфтугӯ бо Худо нест. Дуо сабабгари маънавият, таваҷҷӯҳ ва эҳсосҳои Илоҳӣ, сабаби ҷазбшуданҳои ҷадид ба малакут аст ва омили эҷоди қувва ва истеъдоди волотари ҳушро ба вуҷуд меорад.”[12(тарҷума).”]**

**“Эй бандаи ман, оятҳои Худоро, ки ба дасти ту расидааст, мисли онҳое, бисарой, ки ба Ӯ наздик шудаанд, то ширинии навои ту ҷонатро афрӯзад ва дили ҳамаи одамонро ба худ ҷазб кунад.”[13(мазмун)]**

**“Руҳ қувваи таъсирбахш дорад ва ҳамчунин дуо ва муноҷот таъсири руҳонӣ дорад.”[14(тарҷума)]**

**“Шоиста аст, ки банда ба сӯи Парвардигор дуо ва талаби мусоидат (ёрӣ) кунад ва бо илтимос ва зорӣ аз Ӯ мадад ҷӯяд. Ин аст рутбаи убудият, ва Парвардигор он чӣ мехоҳад мувофиқи ҳикмати комилаш ҳукм мекунад.”[15] (тарҷума)**

____________________________________________________________

____________________________________________________________

____________________________________________________________

____________________________________________________________

____________________________________________________________

____________________________________________________________

Мавзӯи ҳар дарс дар атрофи қитъае аз Осори Муқаддаса аст, ки аз кӯдакон интизор дошта мешавад, ки аз бар намоянд. Аз шумо хоста мешавад, ниҳояти кӯшиши худро бикунед, то ба онҳо кӯмак кунед, ки фаҳми появие аз маънии он ҳосил кунанд, фаҳме, ки ҳамеша барои парвариши сифатҳои руҳонӣ зарурӣ аст. Пурсише, ки метавон аз ин назар баррасӣ намуд он аст, ки оё бе кӯмаки Калимаҳои Илоҳӣ метавонед сифатҳои лозимаро ба тарзи маънидор парвариш диҳед? Дар ин ҷо низ барои назмбахшӣ ба афкори худ, баъзе аз андешарониҳои худро дар китобҳои пешинаи силсилаи дарсҳо ба ёд оваред, ба унвони мисол андешаҳоро дар бораи қувваи Калимаҳои Илоҳӣ дар Қисми аввали Китоби 2. Ба таври хос баёни зер, ки эҳтимолан аз ёд медонед, чӣ гуна ба шумо кӯмак мекунад, то ба ин суол бипардозед?

**“Калимаи илоҳӣ ба монанди ниҳолест, ки манзил ва маконаш дилҳои бандагон аст. Бояд онро бо оби зиндагонии ҳикмат ва баён тарбият намоед, то решааш устувор гардад ва шохаҳояш аз осмон бигзарад.”[16]**

____________________________________________________________

____________________________________________________________

____________________________________________________________

____________________________________________________________

____________________________________________________________

____________________________________________________________

Яке аз элементҳои дигари дарсҳо, достонҳое мебошанд, ки ривоят мешаванд. Аксари онҳо аз ҳаёти Ҳазрати Абдулбаҳо омадаанд, ки ба унвони Намунаи аълои таолими Падари бузургвори Худ таҷассуми сифатҳое будаанд, ки шумо моил ҳастед дар кӯдакон парвариш диҳед. Бо мутолиаи Қисми 3 Китоби 2 аз неъмати беназире, ки дар шахси Ҳазрати Абдулбаҳо ба башар иноят шудааст огоҳед. Достонҳое, ки кӯдакон аз ҳаёти Он Ҳазрат меомӯзанд, нақши хоссае дар парвариши онҳо доранд ва борҳо бояд ишқи амиқи Он Касро нисбат ба кӯдакон ба онҳо ёдоварӣ кард. Ҳамчунон, ки пайванди онҳо бо Ҳазрати Абдулбаҳо қувват мегирад, метавонед онҳоро бовар кунонед, ки вақте кӯшиш мекунанд ба намунаи аълои Он Кас пайравӣ кунанд, қалби Он Ҳазратро масрур месозанд. Ба фикри шумо, достонҳое, ки аз ҳаёти Ҳазрати Абдулбаҳо бо сурур ва эҳтиром ривоят мешаванд, чӣ кӯмаке ба парвариши сифатҳои лозима дар хурдсолон менамоянд?

______________________________________________________________

______________________________________________________________

______________________________________________________________

______________________________________________________________

______________________________________________________________

Хондани суруд элементи дигаре аз дарсҳои ахлоқ аст, ки қалбу руҳи кӯдаконро саршор аз шодӣ мекунад. Ҳазрати Абдулбаҳо мефармоянд:

> **“Ҳунари мусиқӣ малакутӣ ва муассир аст. Мусиқӣ ғизои руҳ ва нафс аст. Қувва ва ҷазби мусиқӣ руҳи инсонро боло мебарад, таъсироти аҷибе дар қалбҳои кӯдакон дорад, зеро қалбҳояшон пок аст ва нағамот таъсири шадид дар он дорад. Истеъдодҳои пинҳонӣ дар қалби он кӯдакон ба воситаи мусиқӣ зоҳир мешаванд.”[17(тарҷума)]**

Бо гурӯҳи худ гуфтугӯ кунед, ки чаро муҳим аст, кӯдакон аз хурдсолӣ хондани сурудҳои зеборо ёд бигиранд.

_______________________________________________________

_______________________________________________________

_______________________________________________________

_______________________________________________________

_______________________________________________________

Бозӣ ва рангдиҳӣ ду элементи дигари дарси ахлоқ ҳастанд. Бозиҳо дар моҳияти худ ба ҳамкорӣ равона шудаанд ва мақсад аз онҳо он аст, ки ба парвариши чанде аз нигаришҳо ва одатҳои лозима кӯмак кунанд. Варақаҳои рангдиҳӣ, ки барои дарсҳо таҳия шудаанд, ба сифати руҳоние, ки дар дарс мавриди назар аст, рабт доранд. Рангдиҳӣ низ ба чанде аз маҳоратҳо ва тавоноиҳои барои кӯдакон дар ин марҳилаи рушдашон зарурӣ, қувват мебахшад. Ин ду фаъолият ба эҷоди фазои саршор аз сурур, ки аз хусусиятҳои заруриии тарбияти руҳонии кӯдакон аст, кӯмак мекунад. Шояд бихоҳед дар бораи зарурияти як фазои сурурангез барои парвариши сифатҳои руҳонӣ чанд калима бигӯед.

## БАХШИ 9

Дар чанд бахши қабл дар бораи ҳадафи дарсҳои соли аввал бинише ба даст овардем ва дидем, ки ҳар элемент чӣ нақше дар дар сайқал додани ахлоқ дорад. Ҳоло биёед, моҳияти робитаи шумо бо хурдсолони синфатонро ба таври мухтасар баррасӣ кунем.

Пеш аз ҳар чиз, ва дар дараҷаи аввал, ин он муҳаббате аст, ки нисбат ба донишомӯзони худ эҳсос хоҳед кард, муҳаббате, ки ба унвони инъикосе аз муҳаббати Худо, ҳамаи кӯдакон аз ҳар пешинаҳоро дар бар хоҳад гирифт. Ин ки ин ишқ чӣ гуна ба тарзе иброз шавад, ки ба ҳамаи кӯдакон бирасад, мавзӯе аст, ки ҳар муаллим дар ёдгирии он мекӯшад.

Муҳаббати шумо ба донишомӯзонатон, ки пок ва дур аз ҷонибдорӣ аст, кашфи ҷавоҳирҳои бебаҳои ҳар кӯдакро барои шумо осон хоҳад кард, ҷавоҳирҳое, ки ба дасти Холиқи Қадир дар воқеияти ҳар кӯдак ба амонат ниҳода шудааст. Шумо ҳар донишомӯзеро мавҷуди шариф хоҳед дид, ки ба сурати Илоҳӣ халқ шудааст. Ин ҳақиқати калимоти зер аз Ҳазрати Баҳоуллоҳ шоҳиде барои он аст:

> **“Дар зоти ҷовидонӣ ва вуҷуди азалии Худ будам, аз муҳаббати Худам нисбат ба ту огоҳ шудам. Туро халқ кардам, ва мисоли Худамро бар ту афканда, ҷамоли Худамро барои ту зоҳир кардам.”[18(мазмун)]**

> **“Сохтам туро бо дастҳои қувват, ва халқ фармудам туро ба ангуштони қудрат, ва ба амонат ниҳодам дар ту ҷавҳари нурамро.”[19(мазмун)]**

> **“Ту чароғи Манӣ ва мисбоҳи Ман дар ту аст, пас аз он нуроният биҷӯ, ва ғайри Маро маҷӯ, зеро ба ростӣ туро ғанӣ халқ фармудам бениёз, ва қарор фармудам неъматро бар ту тамом.”[20]**

Албатта, бояд бидонед, ки муҳаббат ва ишқ бешубҳа имтиҳон карда мешавад, ҳамчунон, ки дарс медиҳед, гоҳе бо хусусиятҳои ахлоқии номатлубе дар донишомӯзони худ рӯ ба рӯ мешавед. Зарурӣ аст, ки дар чунин мавридҳо аз ин тасаввури ғалат, ки бархе аз кӯдакон ислоҳнопазир ҳастанд, худдорӣ кунед. Муаллими синфҳои кӯдакони баҳоӣ бояд шакке надошта бошад, ки ҳар кӯдаке қобилияти ноил шудан ба маърифати Илоҳӣ аз тариқи Мазоҳири Зуҳураш ва итоат ба Таълимоти Онҳоро дорад, то аз назари руҳонӣ пешрафт кунад. Ҳар яке аз хурдсолон дар синфи шумо шариф офарида шуда аст, ва бо мусоидати шумо метавонад ин шарофатро ошкор созад. Ба ёд овардани ибороте, ки Мавлои маҳбуб Ҳазрати Абдулбаҳо дар ишора ба кӯдакон ба кор мебаранд, ба шумо кӯмак хоҳад кард, то ҷавоҳири руҳонии онҳоро ба унвони офариниши Худо, бо возеҳияти бештаре бибинед.

Дар зер гулчине аз чунин ибороте омадааст, онҳоро бихонед ва дар бораи он андешаронӣ кунед, ки ҳар яке аз ин иборот чӣ гуна бояд дарки шуморо аз мавҷудоти арзишманде, ки ба дарс доданашон хоҳед пардохт, шакл диҳад:

- ин кӯдакони нозанин
- ин кӯдакони мунир ва нуронӣ
- ин кӯдакони зебои малакут
- ин ниҳолҳое, ки ба ҷӯйбори ҳидоятат киштаӣ
- навниҳолҳои Ҷаннати Абҳо
- ниҳолҳои бӯстони Ту
- ниҳолҳои латиф дар боғи муҳаббати Худо
- тозаниҳолони чамани маърифати Илоҳӣ
- ниҳолони шукуфта дар баҳори раҳмонии Ту
- гулҳои бӯстони Ту
- гулҳои боғи ҳидояти Ту
- гулҳои чамани Ту
- шохаҳои шаҷараи ҳаёт
- шохаҳои ҷавон дар боғҳои маърифати Ту
- навдаҳои сабзандаи бешаи мавҳибати Ту
- паррандагони боғи наҷот
- шамъҳои барафрохта ба ангуштони Ҷамоли Муборак
- сохтаи дасти қудрати Ту
- нишонаҳои азамати Ту
- маҳбубони Ҳазрати Абдулбаҳо

## БАХШИ 10

Шакке нест, кӯшиш хоҳед кард, ки ин сифатҳоро на танҳо дар муомила бо кӯдакон дар синф, балки дар ҳамаи ҷанбаҳои ҳаёти худ ба таври афзоянда зоҳир созед Ҳазрати Баҳоуллоҳ ба мо тавсия мефармоянд:

> **“Эй қавм, мабодо аз касоне бошед, ки мардумро ба некӣ амр мекунанд ва худ иҷрои онро фаромӯш менамоянд.”[21]**

Аҳамияти асосӣ дорад, ки муаллимони синфҳои кӯдакон дар бораи маъно ва далолатҳои зимнии ҳар сифате, ки дар дарсҳо баррасӣ мешавад, дарки афзоянда ба даст оранд, дарке, ки ба сайъю кӯшишҳои марбут ба омӯзиш рабт дошта, дар парвариши ниҳолони латифе, ки таҳти нигоҳубини шумо ҳастанд, ба онҳо кӯмак хоҳад кард. Ба унвони мисол таваҷҷӯҳ хоҳед кард, ки дарси аввал бар покӣ диққат мекунад. Муносиб ба назар мерасад, ки синфҳои ба масъалаҳои ахлоқӣ рабт дошта, бо ҷустуҷӯ дар сифати покии қалб оғоз шаванд. Ҳазрати Баҳоуллоҳ ба мо ёдоварӣ мефармоянд, ки Худованд “ҷамеъи он чӣ дар осмонҳо ва замин аст” ро барои мо муқаррар дошта “магар қалбҳоро” ки маҳалли фуруд омадани ҷамол ва ҷалоли Худ муайян фармудааст. Пок намудани оинаи қалб, ба он тавоноии инъикос намудани ҳамаи хислатҳои дигареро, ки руҳи инсон бояд бо онҳо зиннат ёбад, мебахшад.

Барои он, ки ба муаллимон кӯмак шавад, ки дар бораи сифатҳои руҳоние, ки дар соли аввал ёдоварӣ шудаанд, фикр кунанд, Қисми дувуми китоб иборат аз чандин навиштаҳои ба ҳар сифат рабт дошта, мебошад. Ҳоло шуморо ташвиқ мекунем, то навиштаҳои зеринро дар бораи покӣ бихонед. Сипас дар бораи аҳамияти ин сифат барои зиндагии инсон ба таври куллӣ ва ба таври хос, барои кӯшишҳои касоне, ки барои дарс додан барои кӯдакон бархостаанд, бо дигар аъзои гурӯҳи худ гуфтугӯ кунед. Пас аз он, ки чанде аз афкори худро дар фазои фароҳамшуда навиштед, шояд бихоҳед, ҳадди ақалл яке аз ин навиштаҳоро аз ёд намоед.

> **“Эй бародари Ман, қалби поку латиф ба мисли оина аст, онро бо сайқали муҳаббат ва инқитоъ аз ҳама чӣ ғайр аз Худо пок кун, то офтоби ҳақиқӣ дар он ҷилва намояд ва субҳи абадӣ бидамад.”[22]**

> **“Эй Писари Вуҷуд! Қалби ту манзили Ман аст, онро муқаддас кун барои фуруд омадани Ман ва руҳи ту назаргоҳи Ман аст, покаш кун барои зоҳир шудани Ман.”[23(мазмун]**

> **“Қалбҳо чун соф ва латиф шавад, ба Худо наздик гардад, ва Шамси Ҳақиқат дар ӯ битобад.”[24]**

> **“Дар шеваи зиндагии инсон - аввал покӣ ва баъд тозагӣ ва озодагии руҳ. Ҷӯйро бояд пок намуд, баъд обҳои ширини ҳаётро ҷорӣ намуд.”[25]**

________________________________________

________________________________________

________________________________________

________________________________________

________________________________________________

________________________________________________

________________________________________________

## БАХШИ 11

Ҳоло лозим аст аз худ бипурсед, ки ба унвони муаллими хурдсолон чӣ гуна метавонед ба тақвияти ангезаи (мотиватсия) онҳо кӯмак кунед, ангезаҳое барои амал кардан мувофиқи таълимоте, ки Худо аз тариқи Мазҳари Зуҳураш Ҳазрати Баҳоуллоҳ зоҳир фармудааст ва ангезаҳое барои парвариши сифатҳое, ки ба фармудаи Ӯ бояд зиннатбахши руҳи мо бошад. Ҳамчунон, ки аз паси посух додан ба ин савол мегардед, дар бораи баёноти зер аз Ҳазрати Баҳоуллоҳ андеша ронед:

> **“Ба ростӣ, ки забони қудрати Ман хитоб ба халқам фармуд, ки ба хотири муҳаббати ҷамол ва зебоии Ман ба ҳудуд ва аҳкомам амал намоед. Хушо ба ҳоли ҳабибе, ки аз ин калима бӯи хуши Маҳбубро ёфт, калимае, ки ниҳояти фазл ба атре аз он бархост, ки ба васф наёяд.”[26]**

> **“Ва чароғи муҳаббати Илоҳиро ба равғани ҳидоят, дар паноҳгоҳи истиқомат, дар синаи мунири худ барафрӯзед ва ба шишаи таваккул ва инқитоъ аз ҳама чиз ба ҷуз Худо ҳифзаш намоед, то васвасаҳои бади кофирон нури онро хомӯш манамояд.”[27(тарҷума)]**

> **“Эй Писари Вуҷуд! Муҳаббати Ман қалъаи Ман аст; он ки воридаш шавад, наҷот ва амният ёбад ва он, ки рӯй баргардонад, саргардон ва нобуд шавад.”[28]**

1. Ҷумлаи зеринро бо калимоти аз навиштаи боло комил кунед:

   а. Мо бояд ба хотири муҳаббати ____________________ Худованд ва ба ҳудуд ва аҳкомаш амал намоем.

   б. __________ муҳаббати Илоҳиро бояд ____________________ дар синаи __________________ барафрӯзем.

   в. Бояд чароғи ________ Илоҳиро ба ____________________ Илоҳӣ барафрӯзем.

   г. Бояд онро бо______________________ва ___________ худ ҳифзаш намоем.

   д. Бояд чароғи __________ Илоҳиро ба шишаи __________ ва ________ аз ___________________________ намоем.

e. Мо бояд ба хотири муҳаббати ____________ ва ______________ Худованд ба ҳудуд ва аҳкоми Ӯ амал намоем. Ва муҳаббати Илоҳиро барафрӯзем ва ҳифзаш намоем, то васвасаҳои бади кофирон онро ___________манамояд.

## БАХШИ 12

Дар муддати замоне, ки бо хурдсолон мегузаронед, кӯшиш хоҳед кард, то "чароғи муҳаббати Илоҳӣ"-ро дар қалбҳои мунири онҳо барафрӯзед ва онҳоро нисбат ба ато ва бахшишҳои Ӯ ва суруре, ки аз имкони рушд ёфтан ба воситаи калимоти Ӯ ҳосил мешавад, ҳушёр созед. Албатта, ишқи мо ба Худованд ва шавқи мо ба дарёфти ато ва бахшишҳои Ӯ ба ҳамроҳии худ ин тарсро ба вуҷуд меоварад, ки мабодо бо сабабе ишқи Ӯ ба мо нарасад. Агар хатогиҳоямон монеъ шаванд, ки моро аз дарёфти атои Ӯ манъ кунанд чӣ? Муҳаббати Илоҳӣ сабаби вуҷуд доштани мост ва агар ҳатто лаҳзае аз он маҳрум будем, ҳаёти мо нобуд мешуд. Тарс аз Худо, яъне ин тарсе, ки агар аз Худованд сарпечӣ кунем, мумкин аст натавонем муҳаббати Ӯро дарёфт кунем, моро дар роҳи рост нигоҳ медорад ва аз васвасаҳои нафс, ҳирс ва ҳасад, ваҳмҳо ва ҳавову ҳавас муҳофиза мекунад.

Дар кӯшишҳои худ барои коштани донаҳои муҳаббати Худо дар қалбҳои кӯдакон бояд дар бораи тарс аз Худо низ фикр кунем, чунки ин ду аз якдигар ҷудоинопазиранд. Ҳазрати Абдулбаҳо мефармоянд:

> **"Ин тифлонро бо насиҳатҳои Илоҳӣ тарбият кунед ва аз аввали хурдсолӣ муҳаббати Худоро дар қалбҳояшон эҷод намоед, то шояд дар ҳаёти худ тарс аз Худоро зоҳир созанд ва ба мавҳибатҳои Илоҳӣ боварӣ дошта бошанд. Онҳоро таълим диҳед, ки худро аз нуқсонҳои башарӣ озод кунанд ва камолоти Илоҳии дар қалби инсон пинҳонро касб намоянд."**[29 (тарҷума)]

Шоёни зикр аст, ки тарс аз Худо мафҳуме нест, ки ба таври рӯирост ба кӯдакон ба гуфтугӯ гузошта шавад. Танҳо тасвире, ки бояд дар зеҳн ва қалбҳои онҳо бошад, ин тасвири Худои Меҳрубон аст, ки бояд ба меҳрубониҳо ва атоҳояш боварӣ ва эътимоди комил дошта бошанд. Ҳамчунон, ки мекӯшед муҳаббати Илоҳиро дар онҳо парвариш диҳед, яке аз фикрҳое, ки метавонед баён кунед он аст, ки чанде аз камолот ва амалҳо мувофиқи ризои Илоҳианд ва чанди дигаре на. Метавонед ҳарчанд гоҳ як бор ба кӯдакон ёдоварӣ кунед, ки чун Худоро дӯст медоранд, моиланд ризоияти Ӯро ҷалб кунанд. Масалан, метавон ба онҳо гуфт, ки доштани забони шафқатомез ва меҳрабон будан бо якдигар амалҳое ҳастанд, ки шоистаи ризои Худованданд, аммо истифода аз каломи номеҳрабон ё осеб задан ба дигарон, сабаби норизоияти Ӯ мешаванд.

Навиштаи зерин барои андешаронии шумо омадааст:

> **"Шумо бояд дар ҳамаи ҳолатҳо ибодро ба он чӣ сабаби зоҳир шудани ахлоқи руҳония ва аъмоли пок аст, даъват фармоед, то ҳама огоҳ шаванд, ба он чӣ ки сабаби болоравии инсон аст. Ва ба ҳиммати комил ба сӯи мақоми аъло ва мартабаи олӣ шитоб намоянд. Ва тарс аз Худо сабаби аввалин аст аз барои тарбияти хулқ. Хушо бар ҳоли онҳое, ки ба он расиданд."**[30]

**“Лашкари ғолиб дар ин Зуҳур аъмол ва ахлоқи писандида аст, ва поя ва сардори ин лашкар худотарсӣ аст, тарсе ки дорои ҳама ва ҳукмфармо бар ҳама аст.”**[31]

**“Боқии сифатҳои камолия тарс аз Худо аст, ва муҳаббат ба Худо аз тариқи муҳаббат ба ибод, ҳалим будан, сабру тамкин, сидқ ва парҳезгорӣ, раҳму шафқат, қатъият ва шуҷоат, субот ва саъй, ҷаҳд ва кӯшиш, карам ва бахшиш, вафо ва сафо, шараф ва ғайрат, ҳиммат, бузургворӣ ва ҳуқуқпарварӣ аз мисоли онҳост.”**[32]

Дар партави баёноти ин бахш ва бахши қаблӣ як ё ду параграф дар тавсифи робитаи байни муҳаббати Худо ва тарс аз Худо ва он ки чӣ гуна пуёии муомилаи байниҳамдигарии ин дуто барои парвариши ахлоқи шоёни таҳсин зарур аст, бинависед:

______________________________________________________________

______________________________________________________________

______________________________________________________________

______________________________________________________________

______________________________________________________________

______________________________________________________________

______________________________________________________________

______________________________________________________________

______________________________________________________________

______________________________________________________________

______________________________________________________________

______________________________________________________________

______________________________________________________________

______________________________________________________________

______________________________________________________________

## БАХШИ 13

Ҳамон тавре, ки бояд аз гуфтугӯҳои бахшҳои пешин возеҳ шуда бошад, тарбияти руҳонӣ аз нерӯи ҷазбшудан ба зебоӣ баҳра мебарад ва бо марказият додан бар парвариши сифатҳои руҳонӣ, қалбҳои кӯдаконро ба таври лозима ба сӯи зебоии ҳақиқӣ (яъне зебоии ахлоқи хуб, зебоии зотии Калимаи Муқаддас, зебоии рафтори намунавӣ, зебоии афкори олӣ ва муҳимтар аз ҳама ҷазбшудан ба Ҷамоли Абҳо) ҳидоят мекунад. Итоат аз аҳкоми Илоҳӣ ниҳоятан аз муҳаббат ба ҷамоли Ӯ бармеояд. Ба ин тартиб, кӯдакон рушд мекунанд ва мебинанд, ки касб кардани сифатҳои руҳонӣ худ ба худ подоши аъзаме аст ва ахлоқи нолоиқа бузургтарин танбеҳ. Ҳазрати Абдулбаҳо мефармоянд:

**“Асли асоси рафтори нодуруст нодонӣ ва ҷаҳолат аст. Ба ин хотир бояд ба василаи биниш ва дониш ташаббус намуд ва таълими ахлоқ кард ва рӯшанӣ**

**ба офоқ дод, то дар дабистони инсонӣ ба ахлоқи руҳонӣ хулқ бигиранд ва яқин кунанд, ки ҳеҷ дӯзахи даҳшатноктаре бадтар аз хулқ ва хӯи ғалат нест, ва ҳеҷ ҷаҳанname касифтар аз сифатҳои лоиқи сарзаниш нест."[33] (бо тарҷумаи калимаҳо)**

Барои кӯмак ба кӯдакон, ки сурури инъикос кардани сифатҳои малакутиро таҷриба кунанд, бояд онҳоро дар саъйю кӯшишҳояшон барои нишон додани рафтори дурусткорона ташвиқ кунем ва аз рафтори номатлуб боздорем. Бояд ҳам аз танбеҳи сахт ва ҳам аз озодии мутлақ ва иҷозат додан ба кӯдакон, ки мувофиқи майли худ амал кунанд, парҳез кард, чунон, ки Байтул Адли Аъзам ба мо ёдоварӣ мефармоянд, ки "муҳаббат назму тартибро лозим дорад ва ҷасорат ба он, ки кӯдаконро ба мушкилӣ одат диҳем, на ин ки кӯдаконро ба ҳавову ҳавасашон вогузорем ва комилан ба тадбири худашон супорем."(тарҷума) ва дар идома мефармоянд, ки "бояд бо муҳаббат, аммо исроркорона ҳидоят намуд, то мувофиқи усул ва мизони баҳоӣ зиндагӣ кунанд." (тарҷума) Ҳазрати Абдулбаҳо низ тавзеҳ медиҳанд:

**"Модар агар аз тифлӣ ҳаракати писандида бинад, бояд ситоиш кунад ва таҳсин намояд ва хотири тифлро хурсанд кунад, ва агар камтарин ҳаракати бефоида содир ёбад, тифлро насиҳат кунад ва сарзаниш намояд бо василаҳои маъқул, ҳатто агар ҷазое чун маломат бо сухан лозим бошад, иҷро кунад. Вале зарба ва таҳқири лафзӣ абадан ҷоиз нест, зеро ба куллӣ ахлоқи тифлон аз зарба ва таҳқири лафзӣ вайрон гардад."[34] (тарҷумаи баъзеи калимаҳо)**

Муаллим ба манзури пайравӣ кардан ба ҳидоятҳои Ҳазрати Абдулбаҳо бояд ба роҳе биандешад, ки метавонад ҳаракати писандидаи кӯдаконро ситоиш кунад ва ба қалбашон сурур бахшад. Ин эҳтиёҷ ба он дорад, ки муаллим мушоҳида кунад, ва пешрафти ҳар кӯдакро ёддошт намояд ва аз он худдорӣ кунад, ки ҳамеша фақат чанд тан аз кӯдаконро ситояд ва дигаронро нодида бигирад. Бинобар ин барои кӯдаке, ки ба таваҷҷӯҳи меҳромези муаллим одат гирифтааст, фақат як ишорае ки набудани дастгирӣ дар мавриди рафтори нописанд аст, метавонад аломати зарифе, аммо муассире барои танбеҳ бошад. Гоҳ мумкин аст, зарурӣ бошад, ки муаллим аз ин фаротар равад ва тайид накардани бадрафториро ба сурати забонӣ баён кунад, ба хусус агар кӯдаке дар ҳоли халалрасонӣ дар як фаъолият аст. Ин корро бояд бо лаҳни қатъӣ ва мӯҳтарамона ва бе хурдтарин асаре аз асабоният ё бесабрӣ анҷом диҳад. Илова бар он аксаран лозим меояд, ки муаллимон дар хориҷ аз синф барои насиҳати чанде аз кӯдакон замоне бигзаро-нанд.

Мумкин аст чунин иттифоқ афтад, ки ҳатто муаллим пас аз он, ки ба насиҳати боло пайравӣ мекунад, чанде аз кӯдакон рафтори мутобиқи интизорот надошта бошанд. Дар чунин ҳолатҳо мумкин аст, манъ карданҳои хурде ва муносибе мавриди ниёз бошад. Мисолҳое аз ин манъ карданҳо мисли ин мавридҳо аст: Кӯдак иҷозати барои рангдиҳӣ надошта бошад ё чанд дақиқа аз як бозӣ берун нигоҳ дошта шавад. Ду андешаи асосӣ вуҷуд дорад, ки дар ин замина бояд дар зеҳн дошт. Аввал он, ки муаллим бояд бо возеҳият барои кӯдак шарҳ диҳад, ки чаро ӯ мавриди манъ карда шудан воқеъ шудааст. Масалан, бигӯяд: "чун фалон корро кардӣ бояд панҷ дақиқа аз бозӣ берун мунтазир бимонӣ ва баъд ворид шавӣ." Мавриди дуввум он, ки манъ кардан бояд билофосила баъд аз рафтори бад ба кор равад, вагарна кӯдак мумкин аст натавонад танбеҳро ба рафтораш рабт диҳад.

Ҳоло бо дигар аъзои гурӯҳи худ дар бораи идеяҳои боло гуфтугӯ кунед. Оё метавонед силсилае аз ҷумлаҳо биандешед, ки фикр мекунед муносиб аст дар ташвиқи рафтори хуби кӯдакон ва ситоиши пешрафти онҳо, чӣ ба сурати фардӣ ва чӣ ба сурати гурӯҳӣ

ба кор равад? Чӣ ҷумлаҳое барои боздоштан аз бадрафторӣ агар лозим шуд, муносиб хоҳад буд?

## БАХШИ 14

Барои кӯмак ба кӯдакон дар парвариши сифатҳои писандида муҳим аст, ки муҳити муносибе дар синф эҷод кунед, муҳите, ки бо рафтори боинтизомонаи кӯдакон фарқ мекунад.

Ҳазрати Абдулбаҳо мефармоянд:

> **“. . . бояд мактабҳои кӯдакон ба ниҳояти интизом бошанд, таълим ва таолим маҳкам гардад ва ислоҳ ва комил кардани ахлоқ мунтазам шавад, то аз синни хурдсолӣ дар ҳақиқати кӯдакон асоси илоҳӣ гузошта шавад ва бунёди раҳмонӣ бунёд гардад.”[35]**

Бо ишора ба синфҳои ҳафтагӣ барои кӯдакон насиҳатҳои зеринро мефармоянд:

> **“Албатта доиман ин анҷуманро давом диҳед ва аҳамият бидиҳед, то рӯз ба рӯз рушд кунад ва ба нафасоти Руҳулқудс зинда гардад. Агар ин анҷуман чунон ки бояд ва шояд тартиб ёбад, яқин бидон, натиҷаҳои азиме бахшад.”[36]**

Ҳунари дарс додан одатан шомили он аст, ки муаллим бидонад чӣ гуна ҳар кӯдакро он тавре ҳидоят кунад, ки рафтори ӯ ба эҷод ва нигоҳ доштани як муҳити ёдгирии сурурангез, аммо боинтизом кӯмак намояд. Гарчи бинишҳои бисёре дар ин замина ҳаст, ки бояд аз таҷриба ба даст оваред, чанд идеяи асосиро баррасӣ хоҳем кард, то ба шумо кӯмак кунад, аз оғоз худро омода созед. Барои шурӯъ, тавсифи зерин аз як вохӯрии синфро бихонед:

> Вақте кӯдакон аз роҳ мерасанд, чанд дақиқа ба онҳо вақт медиҳед, то батартиб шаванд ва сокит бинишинанд. Вақте ҳамаи хурдсолон ҷо ба ҷо шуданд, аз муҳити ором истифода мекунед ва дарсро бо дуо шурӯъ мекунед. Фаъолияти баъдӣ, ки анҷом медиҳед, сурудхонӣ аст. Пас аз он мавзӯи дарсро муаррифӣ мекунед ва ба кӯдакон кӯмак мекунед, ки як навиштаро аз бар намоянд. Сипас, дар ҳоле ки му-

ҳите аз интизор эҷод кардаед, барои кӯдакон достоне ривоят мекунед, сипас як бозӣ анҷом медиҳед. Вақте тамом шуд, варақаҳои рангдиҳӣ ва қаламҳои шамъӣ ё рангаро тайёр мекунед ва аз онҳо мехоҳед, ки даруни тасвирро бодиққат рангдиҳӣ кунанд. Барои ба поён расонидани дарс кӯдаконро ташвиқ мекунед, ки дар сукут бинишинанд ва худро барои дуоҳои хотимавӣ омода кунанд. Сипас шумо ва чанд кӯдак муноҷот тиловат мекунед.

Оё дар силсилаи фаъолиятҳо мантиқе вуҷуд дорад? Фикр мекунед фаъолиятҳо ба чӣ далеле ба ин тартиб меоянд?

________________________________________

________________________________________

________________________________________

________________________________________

________________________________________

________________________________________

________________________________________

________________________________________

## БАХШИ 15

Ҳамон тавре, ки дар боло дар бораи он гуфтугӯ кардаед, кӯдакон ба синф меоянд, ки сокит бинишинанд. Шумо низ набояд қасди онро дошта бошед, ки кӯдаконро сокит нигоҳ доред. Бояд бикӯшед аз энержии табии онҳо баҳра бурда, онро дар роҳи ёдгирӣ ҳидоят кунед. Ба ин манзур лозим хоҳад буд, ки барои лаҳзаҳои сукут дар замонҳои фаъолият ва худангехтагӣ барномарезӣ кунед. Дар тамоми мавридҳо созмондиҳӣ як элементи асосӣ аст. Вақте созмондиҳӣ шудааст, диққатдиҳӣ ва ёдгирӣ барои кӯдакон роҳаттар аст. Арзишманд аст, ки дар ин замина ҳадди ақалл се нуктаи зерро дар назар бигирем:

1. Ҳар ҷаласа бояд ба таври возеҳ ва пайдарпай оғоз шавад ва ба тарзи ботартиб низ поён ёбад.

2. Бояд як равиш эҷод шавад. Бинобар ин кам-кам кӯдакон хоҳанд донист, ки кадом фаъолиятҳо пас аз ҳам анҷом мешаванд, ва аз онҳо чӣ интизоре меравад.

3. Муддате, ки ба ҳар фаъолият бахшида мешавад, бояд тағйирпазир бошад ва ба иштиёқ ва энержии кӯдакон мувофиқ бошад.

Ҳамон тавре, ки дар тавсифи бахши қабл зикр шуд, фаъолиятҳое, ки кӯдакон дар ҳар ҷаласа анҷом медиҳанд, чунин аст:

а. Тиловат ва аз бар кардани дуоҳо

б. Хондани сурудҳо

в. Ёдгирӣ ва аз бар кардани навиштаҳо аз осори баҳоӣ

г. Гӯш додан ба достонҳо

д. Бозӣ кардан

е. Рангдиҳии наққошиҳо

ж. Тиловати дуоҳои хотимавӣ

Табиатан дар аксари мавридҳо ин фаъолиятҳо аз назари сатҳи энержӣ ва мизони ҳаракати лозима аз ҳам фарқ мекунанд. Чанде ба фаъолияти бисёр эҳтиёҷ доранд ва дигаре оромтар ҳастанд.

Кадом як аз ин ҳафт фаъолият бештарин мизони ҳаракатро металабад? ______

________________________________________________________________

________________________________________________________________

________________________________________________________________

Кадом як аз фаъолиятҳо оромии бештаре доранд? ________________________

________________________________________________________________

________________________________________________________________

________________________________________________________________

Барои муназзам нигоҳ доштани фазо лозим аст, муаллим корҳое анҷом диҳад. Кадом як аз мавридҳои зер ба эҷоди муҳити матлуб кӯмак мекунанд ва кадом монеъи он ҳастанд? Онҳоро ба тартиб бо “К” ва “М” аломат бизанед.

_____ Покиза ва муназзам нигоҳ доштани фазое, ки синф дар он баргузор мешавад

_____ Ором ва сабур мондан, сарфи назар аз шароит

_____ Сабри худро аз даст додан, вақте кӯдакон ба дастуруламалҳо гӯш намедиҳанд

_____ Аз қабл омода кардани маводи лозима барои ҳар фаъолият

_____ Ҳама ҷоро барои пайдо кардани лавозимоти як фаъолияти хос ҷустуҷӯ кардан дар ҳоле, ки кӯдакон мунтазиранд

_____ Равшан кардани он корҳое, ки қарор аст кӯдакон барои ҳар фаъолият анҷом диҳанд

_____ Омода доштани фаъолиятҳои дигар барои кӯдаконе, ки вазифаҳои худро зудтар тамом мекунанд бо мақсади машғул нигоҳ доштани онҳо

_____ Кӯмак додан ба кӯдакон, то ба таври муназзам аз як фаъолият ба фаъолияти дигар гузаранд

_____ Достонро аз рӯи китоб барои кӯдакон хондан.

_____ Достонро чунон хуб ёд гирифтан, ки битавон бо иштиёқ ва осонӣ онро барои кӯдакон ривоят кард.

## БАХШИ 16

Дар кӯшиши шумо барои эҷод кардани муҳити саршор аз назм ва ботартибӣ дар синф, лозим хоҳад буд, ки чанд меъёрҳои рафториро барқарор созед. Чанд ҳафтаи аввал аз ин назар аҳамияти муҳим хоҳанд дошт. Дар аввали кор ҳар интизорие, ки барпо шавад, эҳтимолан дар тамоми тӯли сол бояд нигоҳ дошта шавад. Дар оғоз муаллим бояд чунин меъёрҳои рафториро интихоб кунад ва онҳоро ҳадди аксар, се ё чаҳортои онҳоро дар як замон, ба забони содда барои кӯдакон фаҳмонида диҳад. Меъёрҳои бисёр куллӣ монанди: "мо бояд ба рафтори худ диққат кунем" кӯмаки зиёде ба онҳо намекунад, аммо фаҳмидани мавридҳои монанди "мо ба навбат сӯҳбат мекунем" осон аст. Бо аъзои гурӯҳи худ меъёрҳои таъиншударо ба гуфтугӯ бигузоред ва чанд мавриди дигарро ба ин рӯйхат илова кунед:

а. Мо ҳангоми бозӣ ба якдигар кӯмак мекунем.

б. Мо муттаҳид мемонем ва даъво намекунем.

в. Мо аз ҳамроҳшудани дӯстони нав ба синфамон хурсанд мешавем.

г. Мо ба якдигар ва ба муаллимамон ҳангоме ки сӯҳбат мекунанд, гӯш медиҳем.

д. Мо бо забони муҳаббатомез бо якдигар сӯҳбат мекунем.

е. Мо барои сӯҳбат кардан мунтазири навбати худ мемонем.

ё. Мо қаламҳоямонро бо ҳамдигар истифода мекунем.

ж. Мо кӯшиш мекунем вазифаҳои худро тамом кунем.

з. ____________________

и. ____________________

к. ____________________

л. ____________________

Интизороти рафторӣ вақте, ки ба сурати ҷумлаҳои содда монанди ин танзим мешаванд, метавон бо кӯдакон ба гуфтугӯ гузошт ва ба таври мураттаб гузораҳоро бо онҳо такрор кард. Ба ин тартиб гузораҳо метавонанд ба унвони меъёрҳое, ки кӯдакон муштоқи ба даст овարданашон ҳастанд, дарунӣ шаванд ва ба унвони қонунҳое дида намешаванд, ки ба таври хушк ба онҳо бор шаванд. Вақте ки кудакон ба маҷмӯи мушаххасе аз интизорот одат карданд, муаллим метавонад батадриҷ мавридҳои дигаре пешниҳод кунад, дар ҳоле, ки ба ёд дорад дар як вақт, бояд мавридҳои зиёдеро изофа накунад. Агар душвории хосе дар як ҷаласа ба вуҷуд ояд, метавон ба кӯдакон кӯмак кард, то ҷумлаҳои соддае дар бораи он бисозанд. Дар чунин мавриде муаллим бояд маҳкам ва устувор, ва дар айни ҳол саршор аз дӯстӣ ва илтифот бошад.

# БАХШИ 17

Дар Бахши 8 элементҳои гуногуни дарсҳои Соли аввалро ба таври мухтасар мавриди баррасӣ қарор додем ва гуфтугӯ кардем, ки чӣ гуна ҳар яке аз онҳо ба парвариши ахлоқи шоёни таҳсин кӯмак мекунанд. Дар ин бахш ва ҳафт бахши баъдӣ чанде аз рӯйкардҳоеро, ки шумо метавонед дар аснои машғул сохтани кӯдакон ба фаъолиятҳои пешниҳодӣ ба худ хос кунед, баррасӣ хоҳем кард. Ин корро бо фаъолияти аз бар кардан шурӯъ мекунем.

Аз бар кардани дуоҳо ва навиштаҳо аз Осори муборака дар дарсҳое, ки таълим хоҳед дод, нақши меҳварӣ дорад ва дар ҳар ҷаласа кӯдаконро дар тиловати дуои аз ёд шуда ва аз бар кардани навиштаҳои нав кӯмак хоҳед кард. Қабл аз баррасии ин, ки чӣ гуна метавонед онҳоро ба ин фаъолият машғул доред, лозим аст дар бораи бардошти нодурусти умумие, ки беҳтар аст он дар асное кӯмак ба хурдсолон барои аз бар кардани Калимаҳои Илоҳӣ канор гузошта шавад, матлабҳое баён гардад.

Нуқтаи назари монанди инро шояд шунида бошед, ё ин ки вақте ба дарс додан шурӯъ мекунед, бишнавед. “Кӯдакон набояд чизҳоро такрор кунанд”, “Онҳо бояд ёд бигиранд, ки фикрҳои худашонро баён кунанд”, “Онҳо набояд ҳақиқатҳо ва маълумотро тӯтивор баён кунанд”. Дар ҳақиқат танқиди ба истилоҳ “ёдгирии тӯтивор” чунон паҳншуда аст, ки ин афкор дар тамоми нуқоти ҷаҳон рӯз ба рӯз густурдатар мешавад. Дуруст аст, ки шахс метавонад як муодилаи риёзӣ, таърифи як қонуни физикӣ ё як қитъа насри адабиро бо фаҳми ночизе ё ба куллӣ нафаҳмида аз бар кунад. Аммо суоле, ки бояд аз худ бипурсем ин аст, чаро бояд аз бар кардани як ибораи амиқ ва фаҳмидани маъно дар муқобили якдигар қарор дода шаванд? Ҳофиза ҳамон қадар яке аз қувваҳои зеҳни инсон аст, ки қувваи фаҳм, фикрронӣ ва хаёл кардан ҳастанд. Ҳамаи онҳо якдигарро комил мекунанд ва қувват мебахшанд. Танҳо андаке метавонем тасаввур кунем, ки аз бар кардани Калимаҳои Илоҳӣ бо қувваҳои бепоёни он дар аз нав офаридани қалб ва зеҳни инсон то чӣ ҳад ҳуш ва идрокро дар кӯдакон қувват хоҳад бахшид. Баъдан ҳамчунон, ки марҳилаҳои гуногуни рушдро тай мекунанд, аз баёноте, ки аз бар кардаанд, бинишҳои тозае касб хоҳанд намуд ва хоҳанд тавонист аз қувваи эҷодкунанда, эҳёкунанда, ва дигаргунсозандаи Калимаҳои Илоҳӣ дар сар то сари ҳаёти худ баҳра баранд.

Бо дигар аъзои гурӯҳи худ гуфтугӯ кунед, ки чаро муҳим аст, як муаллим боварӣ дошта бошад, ки аз бар кардани Калимаҳои Илоҳӣ ба мустаҳкам кошта шудани донаҳои маърифати руҳонӣ дар зеҳнҳо ва қалбҳои кӯдакон кӯмак мекунад, донаҳое, ки бо гузашти замон рушд хоҳанд кард, то самараҳои дилпазир бидиҳанд.

# БАХШИ 18

Зимни дар зеҳн доштани андешаҳои болоӣ, биёед оиди дар назар гирифтани навиштаи дарси аввал, фикр кунем, ки чӣ гуна ба донишомӯзони худ барои аз бар кардани баёноте аз Осори Муборака кӯмак хоҳед кард. Барои шурӯъ шояд моил бошед, ба онҳо кӯмак кунед, ки бинишҳои аввалияро аз аҳамияти сифати руҳоние ки дар дарс мавриди назар аст, касб кунанд. Ба ин манзур муаррифии кӯтоҳе фароҳам шудааст, то аз он баҳра баред. Барои ин кор калимаҳои душворро низ интихоб кунед ва дар мавқеиятҳое, ки кӯдакон ба осонӣ метавонанд худро дар он қарор диҳанд, ба кор баред. Ин рӯйкардро он тавр, ки дар дарси аввал тавсиф шудааст (дарсе, ки ба сифати покӣ мепардозад) дар назар бигиред.

Қалби мо ба монанди оина аст. Мо бояд ҳамеша онро тозаву покиза нигоҳ дорем. Кина доштан нисбат ба дигарон, ҳасудӣ ба як нафар ва номеҳрубонӣ бо ҳар фарде, ба ҳар далеле монанди ғуборе ҳастанд, ки оинаи қалбамонро мепӯшонанд. Вақте қалби мо пок аст, он нури Худованд ва хислатҳои Ӯро инъикос мекунад (хислатҳои монанди меҳрубонӣ, муҳаббат ва бахшиш) ва мо метавонем сабаби шодии дигарон шавем. Барои кӯмак ба ҳифзи покии қалбҳоямон, биёед ин навиштаеро аз Ҳазрати Баҳоуллоҳ аз бар кунем:

**“Эй Писари Руҳ! Нахустин насиҳати Ман ин аст, ки қалби пок, некӯ ва мунирро молик шав…”**[99]

*Насиҳат*

1. Як рӯз Жерард ва Мэри тасвирҳоро рангдиҳӣ мекарданд. Ба Жерард қалами зард лозим шуд, вале Мэри онро додан намехост. Муаллим ба Мэри гуфт, ки ӯ бояд қаламро ба Жерард ҳам диҳад. Муаллим ба Мэри насиҳати хирадмандона дод.

2. Патрисия намедонад, бо пулаш чӣ харидорӣ намояд: ширинӣ ё китоби достонҳоро. Волидайн маслиҳат доданд, ки китобро харидорӣ намояд. Волидайн ба Патрисия насиҳати хубе медиҳанд.

*Молик*

1. Тиная пеш аз хоб муноҷот хонданро дӯст дорад. Ӯ китоби хурдакак дорад, ки аз рӯи он мехонад. Тиная молики китоби муноҷоти хурдакак аст.

2. Мо сабзавоти хушмаззаи зиёде дар боғи худ мерӯёнем. Мо молики қитъаи замини хубе ҳастем, ки миқдори зиёди сабзавоти тару тозаро ба мо медиҳад.

*Қалби пок*

1. Кэйти асабонӣ шуд ва калимоти номеҳрубононае ба Агот гуфт. Агот нороҳат буд, аммо хеле зуд Кэтиро бахшид. Агот қалби поке дорад.

2. Густаво дӯст дорад, ки кулчачаҳои ширини худро ки ба ҳама кӯдакон тақсим кунад. Ҳатто ба Хорхе, ки ҳеҷ чизи худро ба дигарон тақсим намекунад. Густаво қалби поке дорад.

*Қалби некӯ*

1. Вақте волидайни Минг Линг дӯстонашонро ба манзили худ даъват мекунанд, ӯ бо шодӣ ба онҳо хӯрок таклиф мекунад. Минг Линг қалби некӯ дорад.

2. Ҷаноби Робертсон хеле солхӯрда аст. Ҷимми ба ӯ кӯмак мекунад, ки ҳосили меввахои боғашро ба бозор бибарад. Ҷимми қалби некӯ дорад.

*Қалби мунир*

1. Вақте эҳсоси нороҳатӣ мекунам, модарам ҳамеша маро хушҳол ва шод месозад. Модарам қалби мунире дорад.

2. Обуя бемор шуд ва лозим буд тамоми вақти худро дар бистар бигузаронад. Ӯ хеле дуо хонд, нороҳат нашуд, ва ҳамчунон хушбахт буд. Обуя қалби мунире дорад.

Албатта, муқаддима ва ҷумлаҳои тавзеҳиро сирфан аз рӯи китоб нахоҳед хонд. Бинобар ин, лозим аст аз қабл ба хубӣ омода шавед, то ин қисматро ба тарзи табиӣ баён кунед.

Дар мавриди дуоҳое, ки кӯдакон аз бар мекунанд, пешниҳод мешавад, то рӯйкарди ба ин монандро ба кор баред, аммо ба ӯҳдаи худи шумост, кадом калимаҳо ва ё иборахое ба шарҳ додан эҳтиёҷ доранд. Моил хоҳед буд аз ин назар каме эҳтиёт шавед. Гоҳе вақтҳо мумкин аст кофӣ бошад, ки ба кӯдакон иҷозат диҳед, то худашон тадриҷан маънои калимаҳоро аз дуоҳо биёбанд. Масалан, ба дуои зер нигоҳ кунед, ки кӯдакон дар дарси аввал шурӯъ ба ёдгирӣ хоҳанд кард. Онҳо билофосила дармеёбанд, ки ҳам "қалби соф" ва ҳам "дурр" (марворид) чизҳои боарзише ҳастанд. Аммо барои дарки он, ки ниҳоятан Худо ба мо қалби пок додааст, онҳо эҳтимолан бояд ёд бигиранд, ки калимаи ато ба чӣ маъност. Барои ин ҳадаф чӣ ҷумлаҳое тарҳрезӣ хоҳед кард?

**"Худоё, қалби софе чун дурр ато фармо."**[37]

## БАХШИ 19

Ҳоло биёед, яке аз рӯйкардҳоеро, ки метавонед дар кӯмак кардан ба донишомӯзони худ барои аз бар кардани дуо ва навиштаҳо истифода баред, дар назар бигирем. Метавонед баёнро ба қисматҳои кӯтоҳтаре тақсим кунед ва кӯдакон ҳар як аз онро ба навбат ёд бигиранд. Пас аз аз бар кардани порчаи аввал, метавонед порчаи дуввумро илова кунед ва ба ҳамин тартиб метавонад тамоми навишта ё дуо аз бар шавад. Метавонед аз кӯдакон бихоҳед порчаҳоро гоҳе як нафарӣ ва гоҳе гурӯҳӣ аз паси шумо такрор кунанд.

Барои мисол ба манзури дарс додани навиштаи дарси аввал ба донишомӯзони худ бо ибораи "Эй Писари Руҳ" оғоз хоҳед кард ва аз онҳо хоҳед хост, ки онро такрор кунанд. Сипас "Эй Писари Руҳ"-ро бо "Нахустин насиҳати ман ин аст" пайваст хоҳед кард ва аз онҳо хоҳед хост, ки ду ибораро бо ҳам такрор кунанд. Саранҷом калимоти "қалби пок, некӯ ва мунирро молик шав"- ро изофа хоҳед кард. Вақте гурӯҳ ба ин тариқ навиштаро аз бар кард, метавонед ба чанд кӯдак кӯмак кунед, то онро аз ёд тиловат кунанд. Албатта лозим хоҳад буд боварӣ пайдо кунед, ки ин тамрин ба шакли бонишот анҷом мешавад, то диққати кӯдакон барқарор бимонад ва муҳити сурурангез нигоҳ дошта шавад. Ҳамчунон кӯдакон бо афзоиши батадриҷи қобилияташон мумкин аст битавонанд, порчаҳои дарозтареро аз як дуо, ё як навиштаи комилро якбора аз бар кунанд.

Ҳамчунон, ки ин бахши синфро анҷом медиҳед, мумкин аст мавқеиятҳое пеш ояд, ки интизори воқеъ шуданашонро надоред ва шумо бояд ёд бигиред, ки бо таҷрибаи даставвал ин пешомадҳоро ҳаллу фасл кунед. Вале боз ҳам пешомадҳое вуҷуд доранд, ки хуб аст, ба унвони қисмате аз омодасозии худ, онҳоро дар назар бигиред. Суолоти зерро бо дигар аъзои гурӯҳи худ ба гуфтугӯ бигузоред:

- Агар кӯдакони зиёде дар синф дошта бошед, чӣ гуна ба онҳо кӯмак хоҳед кард, ки навиштаҳоро аз бар намоянд?
- Агар баъзе аз кӯдакон зудтар аз дигарон навиштаро аз бар намоянд, чӣ хоҳед кард?
- Агар аз бар кардан барои як ё чанд кӯдаке душвор бошад, чӣ хоҳед кард?
- Чӣ тавр тартиб хоҳед дод, ки як кӯдак ҳатто вақте наметавонад тамоми як навиштаро дар синф аз бар кунад, боз ҳам эҳсоси муваффақият намояд?

## БАХШИ 20

Кӯдакон ошиқи сурудхонӣ ҳастанд ва ин фаъолият ки қабл аз ҳифз кардани навишта анҷом мешавад, яке аз сурурангезтарин фаъолиятҳои синф аст. Калиди муваффақият дар тамрин аст. Худи шумо сурудҳоро бо касе, ки инро метавонад, бихонед. Дар ҳоле, ки диққати махсусе ба ритм ва мелодӣ мекунед. Агар битавонед нусхаи сабтшудаи сурудҳоро бишнавед, бо суръати бештаре онҳоро ёд хоҳед гирифт. Бояд бо кӯдакон низ сурудҳоро борҳо ва борҳо бихонед, то ба хубӣ онҳоро ёд бигиранд. Калимоти сурудҳоро бо равиш дар аз бар кардани навиштаҳо, метавон аз бар намуд. Бо ин фарқияте, ки ин бор калимаҳоро бо мелодӣ такрор мекунанд. Мумкин аст дарёбед, ки бар асоси қобилияти донишомӯзонатон хондани баъзеи сурудҳо беш аз ҳад душвор аст. Дар чунин мавридҳо шумо метавонед байтҳоро бихонед ва донишомӯзонатон дар хондани қисмати нақарот (хор) ба шумо бипайванданд.

## БАХШИ 21

Фаъолияти баъдие, ки баррасӣ хоҳед кард, достонгӯӣ аст. Ҳамон тавре, ки пештар ишора шуд, аксари достонҳои соли аввал аз ҳаёти Ҳазрати Абдулбаҳо баромадаанд. Ин достонҳо ба ҳадафи бисёр махсусе кӯмак мекунад. Онҳо кӯмак мекунанд, ки зоҳиршавии комили сифатҳои руҳониеро, ки онҳо сайъ мекунанд ба даст оваранд, дар айёми ҳаёти заминии Намунаи Аълоямон бибинанд. Эҳтироме, ки муаллим ҳангоми ривоят кардани ин ҳикоёт аз худ нишон медиҳад, эҳсосоти малакутие дар қалбҳои ҳассоси кӯдакон бармеангезад ва ҳисси руҳонии онҳоро бедор мекунад.

Ҳарчанд достонҳое, ки дар бораи Ҳазрати Абдулбаҳо барои кӯдакон ривоят хоҳед кард, кӯтоҳ ҳастанд, аммо бинишҳои руҳонии дар онҳо баёншуда амиқанд. Бинобар ин, моил хоҳед буд, ки донишомӯзони худро фаротар аз рӯйдодҳои тасвиршуда бибаред, то ба онҳо кӯмак кунед, ки тобишҳоеро аз воқеияти руҳонӣ дарк намоянд. Биёед достони дарси аввалро дар партави ин дастур баррасӣ кунем.

> *«Ҳазрати Абдулбаҳо ҳамеша метавонистанд бигӯянд, ки аз қалби як инсон чӣ мегуза-рад ва одамонеро, ки қалбашон пок ва мунир буд, бисёр дӯст доштанд. Хонуме буд, ки ифтихор дошт ҳангоми шом меҳмони Ҳазрати Абдулбаҳо бошад. Чунонки нишаста буд ва ба калимаҳои ҳакимонаи Он Кас гӯш медод, ба истакони об дар муқобили худ нигоҳе андохт ва фикр кард: «Оҳ, кош Ҳазрати Абдулбаҳо қалби маро аз ҳар хостаи заминӣ холӣ мекарданд ва дубора онро бо муҳаббат ва фаҳми Илоҳӣ пур мекарданд. Дуруст ҳамон тавре, ки ин корро метавон бо ин истакони об анҷом дод.»*

*Ин фикр фавран аз зеҳнаш гузашт, вале ӯ чизе дар борааш нагуфт. Аммо пас аз он чу-нин воқеае рӯй дод, ки сабаб шуд бифаҳмад Ҳазрати Абдулбаҳо медонистанд ӯ дар бо-раи чӣ фикр мекунад. Он Ҳазрат дар ҳоле ки дар миёнаи суханронии Худ буданд, тавақ-қуф карданд ва хидматгореро назди Худ хонданд ва бо оромӣ чанд калима ба ӯ фарму-данд. Хидматкор ба оромӣ ба маҳалли нишасти он хонум дар паси миз омад, истако-нашро бардошт, онро холӣ кард ва дубора муқобили ӯ қарор дод.*

*Каме баъд Ҳазрати Абдулбаҳо зимни идомаи сӯҳбати Худ, як кӯзаи об аз рӯи миз бар-доштанд ва ба ҳолати бисёр табиӣ, оҳиста, истакони холии он хонумро бо об пур кар-данд. Ҳеҷ касе мутаваҷҷеҳ нашуд, ки чӣ руй дод, аммо он хонум донист, ки Ҳазрати Абдулбаҳо ба хоҳиши қалби ӯ посух медоданд. Қалби ӯ саршор аз сурур шуд. Акнун, ӯ медонист, ки қалбҳо ва зеҳнҳои ҳамагон назди Ҳазрати Абдулбаҳо ба монанди китоб-ҳои кушода ҳастанд ва Он Кас метавонистанд бо муҳаббат ва меҳрабонии азим онҳо-ро бихонанд.»*

Возеҳияти сифати руҳоние, ки достон (ва дар ҳақиқат тамоми дарс) ба он нигаронида шудааст, покӣ мебошад. Саволҳои зер ба шумо кӯмак хоҳад кард, ба он фикр кунед, ки ривоят шудани достон аз тарафи шумо чӣ гуна дарки донишомӯзонро аз ин сифат амиқ хоҳад намуд ва кӯшиш барои доштани ин сифат чӣ гуна хоҳад буд.

1. Муҳим хоҳад буд, ки кӯдакон бифаҳманд, ки меҳмони Ҳазрати Абдулбаҳо муштоқ буд, покии қалб ҳосил кунад. Робитаи байни ин иштиёқ ва истакони об дар пеши меҳмон дар достон чист?

2. Барои ба даст овардани покӣ, бояд монанди истаконе, ки холӣ ва дубора пур мешавад, худро аз фикрҳо ва эҳсосоти беарзиш озод кунем, то Худо қалби моро ба сифатҳои монанди муҳаббат ва бахшиш ва меҳрубонӣ нуронӣ фармояд. Албатта медонем, ки ҳеҷ чизе аз назари Худо пинҳон намемонад. Дар сайъҳои мо дар кӯшиш барои ба сӯи покӣ ин хулоса чӣ гуна ба мо кӯмак мекунад?

Пас аз гуфтугӯ дар бораи ин суолот бо дигар аъзои гурӯҳи худ чанде аз фикрҳои худро дар ин ҷо бинависед.

___________________________________________

___________________________________________

___________________________________________

___________________________________________

___________________________________________

___________________________________________

___________________________________________

Чанд достоне дар соли аввал вуҷуд доранд, ки гарчи ба ҳаёти Ҳазрати Абдулбаҳо рабт надоранд, аҳамияти сифатҳои руҳониро нишон медиҳанд. Кӯдакон дар ин достонҳо метавонанд подоши доштани ин сифатҳо ва пасомадҳои ғафлат аз онҳоро бибинанд. Ба унвони мисол достони Дарси 4 дар бораи чӯпоне, ки фарёди “Гург!” мекунад ва дар бисёрии аз фарҳангҳо маъруф аст, пасомадҳои дурӯғ гуфтанро нишон медиҳад ва ба ин тартиб бинишҳое дар бораи сифати сидқу ростӣ ба даст медиҳад. Кӯдакон метавонанд аз паёмҳои ин достонҳо баҳраи фаровон баранд. Онҳо дар шаклгирии ахлоқи кӯдакон арзишманд хоҳанд буд.

## БАХШИ 22

Достонгӯӣ ин як хунар аст. Барои ин, ки достонро муассир таъриф кунем, бояд бо он ба хубӣ ошно бошем. Дар ин бахш достони дарси аввалро бо ҷузъиёти бештаре мутолиа хоҳем кард, ки як муаллим чӣ тавр бояд ба ривоят кардани он барои кӯдакон саъю кӯшиш кунад.

Гуфтем, ки мавзӯи аслии достон сифати покии қалб аст, ки бо мисоли истакон мавриди ҷустуҷӯй қарор мегирад. Пас аввалин пурсише, ки аз худ бояд бипурсед, ин аст, ки чӣ бахшҳое аз достон ба таври бевосита ба ин мавзӯи аслӣ робита доранд. Ин ки баёноти ҳикматомези Ҳазрати Абдулбаҳо сабаб мешавад, то он хонум биандешад, ки чӣ қадар муштоқ аст қалбашро монанди истакони дар пешаш буда аз хостаҳои заминӣ пок кунад, як бахши асосӣ аст. Роҳнамоиҳое, ки Ҳазрати Абдулбаҳо ба хидматкор доданд, то оби истаконро бирезад ва баъдан Ҳазрати Абдулбаҳо аз нав пур менамоянд, бахши асосии дигаре аст. Масалан, агар зикр намекардед, ки Ҳазрати Абдулбаҳо аз хизматкор хостанд, ки истакони хонумро холӣ кунад, чӣ мешуд?

Ҳоло гарчи бахшҳои асосии достонро шиносоӣ кардем, ҷузъиёти дигари онро наметавон фаромӯш кард. Агар фақат мегуфтед, ки яке аз меҳмонони Ҳазрати Абдулбаҳо сари миз орзу кард, ки қалбаш ба ҳамон тартибе, ки як истакон холӣ мешавад, поку тоза гардад, оё ин як достон мебуд? Ҳамеша ҷузъиёте дар достон вуҷуд доранд, ки эҳсоси бештаре ба он медиҳанд ва онро ҷаззобтар мекунанд. Ин ҷузъиёт кадомҳо ҳастанд?

- Фикри истакони холӣ дар тӯли як пазироӣ дар ҳоли гӯш додан ба баёноти ҳикматомези Ҳазрати Абдулбаҳо аз фикри меҳмон мегузарад, аммо ӯ ҳаргиз фикрашро бо садои баланд баён намекунад.

- Агарчи Ҳазрати Абдулбаҳо хитоб ба касоне, ки барои шом гирд омада буданд сӯҳбат мекарданд, сӯҳбатро таваққуф медиҳанд, то ба фикри он хонум, ки ба забон наоварда буд, аксуламал нишон диҳанд.

- Ҳеҷ каси дигаре пайхас намекунад, ки чӣ шуд.

- Меҳмон аз донистани ин, ки Ҳазрати Абдулбаҳо хоҳиши дили ӯро фаҳмиданд, эҳсоси сурури амиқе мекунад.

Дар ин ҷо лозим аст, зикр шавад, ҳар муаллим бояд эҳтиёт шавад, ҷузъиёти бештаре ва элементҳои дигаре ба достонҳои соли аввал илова накунад, зеро ин кор мумкин аст, диққати кӯдаконро аз ҳақиқатҳои мадди назари достон дур кунад.

Бинобар ин, дар аснои ривояти худ моил хоҳед буд, ба ёд дошта бошед, ки ҳадаф аз гуфтани як достон, омӯхтани чизи муҳиме ба кӯдакон аст. Вақте онро бо сурур ва эҳсос ривоят мекунед, беҳтар онро дарк хоҳанд кард. Кӯдакон ба достоне, ки ба суръати якнавохт гуфта шавад, алоқаманд нахоҳанд буд. Бояд ёд бигиред, ки эҳсосоти монанди шодӣ, ғам, ноумедӣ, тарс ва шуҷоатро аз тариқи садо, ҳолати рӯй ва бадан ва ҳаракат ифода кунед, лаҳн ва ҳаҷми садои шумо бояд мувофиқи раванди достон тағйир кунад, ва ҳаракати шумо ҳарчанд содда бошад ҳам, бояд мутаносиб бо ҳар бахш бошад. Ҳамчунон бояд дар бораи ритм ва суръати достонгӯии худ фикр кунед, агар хеле суст сӯҳбат кунед, кӯдакон монда хоҳанд шуд ва агар бо суръати беш аз ҳад достон бигӯед, наметавонанд мазмуни достонро пайравӣ кунанд. Фаротар аз ҳар чиз, бояд ба ёд дошта бошед, ки намоишбозӣ (актёрӣ) намекунед ва эҳсосотатон бояд холисона бошад. Хурдсолон ба осонӣ метавонанд набудани холисиро дарк кунанд, он чӣ матлуб аст - ин иртибот барқарор кардан бо қалбҳои кӯдакон, ва давом додани сунати деринаи достонгӯӣ аст, ки ҳазорон сол аст, ки аз тариқи он ҳикмати андӯхтаи башарӣ аз насл ба насл мегузарад.

## БАХШИ 23

Ҳоло биёед ду фаъолиятро дида бароем, ки пас аз достонгӯӣ баррасӣ мешаванд, яъне бозӣ ва рангдиҳӣ. Дар ин бахш дар бораи рӯйкардамон ба замони махсуси бозӣ гуфтугӯ хоҳем кард ва рангдиҳӣ дар бахши баъдӣ баррасӣ хоҳад шуд.

Чунонки пештар ишора шуд, бозиҳои соли аввал моҳиятан ҳамкорона ҳастанд. Бисёрии одамон боварӣ доранд, ки барои кӯшиши зиёд талаб кардани бозиҳо кӯдакон, бояд бо якдигар мусобиқа кунанд. Чизе, ки бояд дарк кунем он аст, ки вақте кӯдакон дар мавқеиятҳое қарор дода мешаванд, ки бояд мусобиқа кунанд, чанд нигаришҳо ва одатҳои номатлуб дар онҳо парвариш меёбад, ки то муддатҳо пас аз бозӣ мондагор аст. Илова бар он тасаввуроте вуҷуд дорад, руи он асос, ки пешрафт ва камолот танҳо аз тариқи мусобиқа ба даст меояд. Бояд сиҳат будани ин идеяро дақиқан баррасӣ намоед. Оё воқеан ҳақиқат дорад, ки бо ҳамкорӣ наметавонем ба пешрафт даст ёбем? Дар мусобиқа баъзе баранда мешаванд, дар ҳоле, ки дигарон мебозанд, вале дар ҳамкорӣ, ҳама эҳсоси муваффақият мекунанд.

Бозиҳои соли аввал ба мақсади бақувват сохтани маҳоратҳои гӯш додан ба дастуруламалҳо ва пайравӣ аз онҳо бахшида шудаанд. Кӯдакон ҳамчунин ба ин фаҳм хоҳанд расид, ки ҳар бозӣ ҳадафи муштараке барои тамоми синф мушаххас мекунад ва ҳар яке аз кӯдакон бо ҳамоҳангсозии талошҳояшон барои расидан ба он ҳадаф нақше доранд, ки бояд иҷро кунанд. Фаротар аз ҳама чиз интизор меравад, ки онҳо мизони диққатеро, ки ба якдигар нишон медиҳанд афзоиш диҳанд, суботкор буданро ёд бигиранд ва пайвандҳои дӯстиеро, ки онҳоро ба якдигар пайваст месозад, мустаҳкам кунанд. Бинобар ин, бояд ба ёд дошта бошед, ки барои расидан ба эҳсоси муваффақият лозим нест як бозиро комил анҷом диҳанд. Масалан, ба бозии дар дарси аввал пешниҳод шуда нигоҳ кунед. Ин бозӣ чӣ гуна барои расидан ба ҳадафҳои лозима кӯмак мекунад?

Барои фаъолияти баъдӣ як чархи автомобилро рӯи замин қарор диҳед ва сипас аз кӯдакон бихоҳед, ки бибинанд чи теъдоде аз онҳо метавонанд ҳамзамон дар рӯи он биистанд. Агар чархи мошин дастрасӣ нест, метавонед ба ҷои он як порчаи матое ё рӯймол ё чизе мисли он рӯи замин қарор диҳед. Ҳар чизе, ки интихоб кунед, бояд ба андозае хурд бошад, ки битавонад бозиро барои шумораи кӯдакони мавҷуд дар синф душвор сохта тавонад.

Тарзи муаррифии бозӣ ба воситаи муаллим ба тарзи бозӣ кардани он аз тарафи кӯдакон таъсир мегузорад. Ҳадаф аз бозӣ бояд ба равшанӣ шарҳ дода шавад. Илова бар он, ҳангоми дастуруламал додан ба кӯдакон, аксари вақт лозим хоҳад буд, ки муаллим тарзи бозӣ кардани онро нишон диҳад ва онро бо кӯдакон тамрин кунад.

## БАХШИ 24

Фаъолиятҳои ҳунарӣ барои парвариши халлоқият (эҷодкорӣ) ва маҳоратҳои зеҳнии кӯдакон муҳим ҳастанд. Аз синни хурдсолӣ бояд ба кӯдакон имконият дода шавад, то аз тариқи наққошӣ ва шаклҳои дигари баёни ҳунарӣ, тасаввуроти худро ба кор баранд. Бо ин ҳол дар бисёрие аз гӯшаҳои дунё кӯдакони беш аз панҷ ё шашсола шиносоии каме бо наққошӣ доштаанд ва теъдоди боз ҳам камтаре ба қаламҳои ранга дастрасӣ доштаанд. Барои онҳо рангдиҳии тасвир ҳамроҳи дарсҳои соли аввал яке аз ҳаяҷонангезтарин вақтҳои дарс аст, ва он эътимоди нафси лозимаро барои фаъолиятҳои ҳунарии мушкилтари солҳои баъдӣ дар онҳо эҷод мекунад. Ин фаъолият ҳамчун василае барои парвариши забардастӣ ва ҳисси назму тартиб дар онҳост. Тавоноиҳо, маҳоратҳо ва нигаришҳои зер чӣ гуна аз тариқи рангдиҳӣ дар кӯдакон қувват мегиранд?

- Дарки арзиши назм ва зебоӣ
- Таваҷҷӯҳ ба ҷузъиёт
- Бодиққат будан нисбат ба вазифаи дар айни ҳол иҷрошаванда
- Бо ҳам истифода кардани манбаъҳо бо дигарон
- Эҳтиром нисбат ба дигарон

Замони махсуси рангдиҳӣ дар синф, илова бар парвариши чанде аз маҳоратҳо ва нигаришҳо, як имконияти дигар низ ба муаллим медиҳад, то сифатҳои ба он дахл доштаро дар дарсҳои соли аввал ба донишомӯзонашон ба гуфтугӯ гузорад. Муаллимон бо пурсидани суолот дар бораи тасвирҳои дар наққошиҳо мавҷуд ба кӯдакон метавонанд, имконият диҳанд, то идеяҳое суратбандӣ намоянд ва ҳамчунон, ки дар бораи воқеаҳои дар наққошӣ дар назар дошта шуда сӯҳбат мекунанд, робитаҳо барқарор кунанд. Ба варақаи рангомезии дарси аввал нигоҳ кунед ва бо гурӯҳи худ баррасӣ кунед, ки чӣ гуна онро ба кӯдакон муаррифӣ хоҳед кард. Фикрҳои худро дар зер бинависед:

Муаллим бояд ба андозаи кофӣ барои ин фаъолият омода шавад. Кӯдакон ҳамеша майли зиёде ба рангдиҳӣ нишон медиҳанд. Аммо агар ин бахши синф ба тарзи муносибе созмондиҳӣ нашуда бошад, мумкин аст дучори бетартибӣ шавад. Аз қабл бояд маҳалле барои рангдиҳӣ омода шавад ва нусхаҳое аз наққошии ҳар дарс таҳия гардад. Ба хусус дар чанд дарси аввал мумкин аст лозим бошад, ки муаллим қоидае барои рафтори кӯдакон нисбат ба истифодаи қаламҳои рангӣ таъин кунад ва навъе ҳисси назму тартиб ва ҳамкорӣ дар ин замина барқарор созад. Нахуст метавон аз ҳар кӯдак хост, ки як қалами рангиро аз ҷамъи онҳо, ки дар дасти муаллим аст, интихоб кунад. Вақте мехоҳанд ранги дигаре бигиранд, метавонанд қалами рангие, ки дар даст доранд бидиҳанд ва қалами дигаре ба ҷояш бигиранд. Пас чанд ҷаласа вақте ба доштани як қалам дар они воҳид одат карданд, қуттии қаламҳои рангаро метавон дар миёни миз гузошт.

Ҳоло ба мавқеиятҳои зер нигоҳ кунед. Аз ҳар ду мавқеият, кадом мавриД барои самаранокии ин фаъолият кӯмак хоҳад кард?

_____ То вақте кӯдаке мекӯшад хуб рангдиҳӣ кунад, муаллим ба ӯ иҷозат медиҳад, ки хориҷ аз хатҳо рангдиҳӣ кунад.

_____ Ба ҳамаи кӯдакон гуфта мешавад, ки ҳатман фақат даруни хатҳоро рангдиҳӣ кунанд.

_____ Вақте кӯдакон машғули рангдиҳӣ ҳастанд, муаллим дар миёни онҳо қадам мезанад ва ба онҳо кӯмак дода онҳоро ташвиқ мекунад

_____ Вақте кӯдакон машғули рангдиҳӣ ҳастанд, муаллим менишинад ва яке аз корҳои худашро анҷом медиҳад.

_____ Дар замони  рангдиҳӣ бар кори феълӣ тамаркуз мекунанд.

_____ Дар замони рангдиҳӣ кӯдакон диққат якдигарро пароканда менамоянд.

_____ Кӯдакон ҳангоми  рангдиҳӣ комилан хомуш мемонанд.

_____ Кӯдакон ҳангоми рангдиҳӣ бо сурур бо якдигар муомила доранд ва якдигарро ташвиқ менамоянд.

## БАХШИ 25

Бисёрие аз муаллимон муфид меёбанд, ки дафтарчаи ёддоште дошта бошанд, то баъзе иттилооти асосӣ дар бораи гурӯҳи хурдсолони узви синфашонро дар он нигоҳ доранд. Ду ҷадвал аз ин назар муфид ҳастанд: яке шомили ном ва синни донишомӯзон

барои сабти ҳозир будани онҳо дар дарсҳо ва дигарӣ барои қайд кардани пешрафти онҳо дар аз бар кардани навиштаҳо. Ин ҷадвали охирӣ ба унвони мисол метавонад номи кӯдаконро дар сутуни самти рост ва шумораи дарсҳоро дар радифи боло дошта бошад. Сипас, муаллим метавонад дар хоначаҳои муносиб аломат бигузорад, ки кадом кӯдакон кадом навиштаро аз бар кардаанд.

Дафтарча ҳамчунин метавонад дорои бахши махсуси худи дарсҳо бошад, ки муаллим таҷзия ва таҳлили худ аз ҳар дарс, афкори худ дар бораи тарзи дарс додани он ва баъдан андешаҳоронихояш бар ин, ки ҷаласот бо кӯдакон чӣ гуна пеш рафт, дар он сабт кунад.

Муаллим метавонад дар бахши дигар пешрафти ҳар кӯдак ва ҳар ҳикояти хосае, ки битавон бо волидайнаш дар миён гузоштро ёддошт кунад. Баъзеи муаллимон ҳамчунин муфид мебинанд, ки номи волидайн ва хоҳарону бародарони кӯдак ва хулосаҳои мухтасаре аз мавзӯъҳои мавриди баррасӣ дар мулоқоти онҳо дар манзилро дар ин бахш ёддошт кунанд.

## БАХШИ 26

Лозим аст, ки шумо ба унвони муаллими синфи кӯдакон робитаи наздик ва меҳромезе бо волидайни кӯдак барқарор кунед. Онҳоро мураттаб мулоқот намоед, то дар бораи рушди писар ё духтарашон бо онҳо гуфтугӯ кунед ва дастгирии ононро биталабед. Мумкин аст, пас аз мутолиаи Китоби 2, бо хонаводаҳои чанде аз кӯдаконе, ки дар ҷомеаи шумо дар дарсҳо ширкат мекунанд, мулоқот карда бошед. Барои ба ёд овардан, шояд бихоҳед ба Бахши 15 аз Қисми 3 он китоб муроҷиат кунед. Дар он бахш мебинем, ки Марибэл, яке аз муаллимони дарсҳои кӯдакон, чӣ гуна афкори худро дар бораи он чӣ ки дар мулоқоти хонагии дувум ба модари Эмма хоҳад гуфт, муназзам мекунад. Ӯ тасмим мегирад барои шурӯъ дар бораи суруре, ки ширкат кардани Эмма дар синфаш барояш эҷод мекунад, сухан бигӯяд ва ба сифатҳои аҷоиби хубе, ки дар духтари ӯ кашф кардааст, ишора кунад. Дидани волидайн онро ки, муаллим бо чӣ суруре ба кӯдакони ҷомеа хидмат мекунад, то чӣ андоза муҳим аст? Чанде аз хислатҳои дигаре, ки қалбҳои волидайнро ҷазб хоҳад сохт, ва пайвандҳои эътимодӣ бо онҳо эҷод хоҳад кард, кадоманд?

________________________________________

________________________________________

________________________________________

________________________________________

________________________________________

Чаро муҳим аст, ки муаллим диққати волидайни кӯдакро ба сифатҳои руҳоние, ки фарзандашон дар ҳоли парвариши онҳо дар худаш аст, ҷалб кунад?

________________________________________

________________________________________

Марибел ҳамчунин тасмим мегирад, навиштаеро, ки дар Бахши 3 ин китоб мутолиа кардед, бо модари Эмма дар миён гузорад ва пасомадҳои он барои тарбияти кӯдаконро ҳамроҳ бо ӯ дида барояд. Дар гуфтугуҳои бисёре, ки бо волидайн доред, имконияти онро хоҳед дошт, ки идеяҳои омӯшиеро, ки ба барномаи синфи кӯдакон шакл додаанд, тавзеҳ диҳед. Чанде аз мафҳумҳое, ки дар ин қисми китоб баррасӣ кардаед, дар зер омадааст. Дар бистари тарбияти руҳонии кӯдакони хонавода дар бораи ҳар як аз мавридҳои зер ба волидайн чӣ хоҳед гуфт? Оё баёноте аз Осори Муборака вуҷуд доранд, ки ба чанде аз ин мафҳумҳо, ки дар аснои гуфтугӯи худ бо волидайн аз назар хоҳед гузаронд, рабт дошта бошанд?

Парвариши ахлоқи шоёни таҳсин: ____

Ба даст овардани сифатҳои руҳонӣ: ____

Таъсири дуо бар қалбҳои кӯдакон: ____

Аҳамияти аз бар кардани калимаҳои Илоҳӣ: ____

Таъсириислоҳкунандаи достонҳое аз ҳаёти Ҳазрати Абдулбаҳо бар кӯдакон: ____

____________________________________________________________

____________________________________________________________

Муҳаббати Худо ва тарс аз Худо: __________________________________

____________________________________________________________

____________________________________________________________

____________________________________________________________

____________________________________________________________

Назму тартиб ва озодагӣ: _______________________________________

____________________________________________________________

____________________________________________________________

____________________________________________________________

____________________________________________________________

Марибел дар миёни баёнаш тасмим мегирад, ки таваққуф кунад ва модари Эммаро даъват кунад, ки фикрҳояшро баён кунад. Интизор меравад, ки бо гузари замон, гуфтугӯи амиқе байни муаллимон ва волидайни кӯдакон вусъат ёбад. Чаро муҳим аст, ки муаллимон аз аввалин мулоқоте, ки бо волидайн доранд, нуқтаи назар, афкор ва идеяҳои онҳоро дар бораи мавзуоти мавриди баррасӣ бипурсанд?

Илова бар гуфтугӯ бо волидайн дар бораи мафҳумҳои куллии сифатҳои руҳонӣ бояд аз имкониятҳое, ки дар тӯли сол пайдо мешаванд, барои гуфтугӯ бо онҳо дар бораи сифатҳои хоссае, ки мекӯшед ба воситаи дарсҳо дар духтарон ва писарони онҳо парвариш диҳед, истифода кунед. Бо дар зеҳн доштани бинишҳое, ки дар бораи сифатҳои покии қалб аз мазмуни дарси аввал касб кардаед, бо аъзои гурӯҳи мутолиаи худ дар ин замина ҷустуҷӯ кунед, ки эҳтимолан чӣ гуна  ба анҷоми чунин гуфтугӯҳое руй меоваред?

____________________________________________________________

____________________________________________________________

____________________________________________________________

____________________________________________________________

____________________________________________________________

Марибел диққат мекунад, ки агар қарор аст, Эмма аз синфҳое, ки дар он ширкат мекунад фоидаи комил барад, бояд ҳамкорӣ ва дарки дутарафае байни ӯ ва модари донишомӯзаш вуҷуд дошта бошад. Масалан, ин имкон вуҷуд дорад, ки дуоҳо ва навиштаҳое, ки  дар дарс ёд гирифта мешавад дар хона бо кӯмаки волидайн тиловат шавад. Ба ин тартиб кӯдакон беҳтар метавонанд Калимаҳои Илоҳиро, азхуд кунанд, Калимаҳои Илоҳие, ки дар қалб ва ҷонҳои онҳо таъсир хоҳад кард ва ахлоқашонро шакл хоҳанд дод. Бо аъзои гурӯҳи худ гуфтугӯ кунед, ки волидайн ба чӣ тариқе метавонанд кӯшишҳои муаллимро тақвият ва дастгирӣ намоянд

Хислатҳои матлуби қалб ва зеҳнро танҳо аз тариқи омӯзиш ва парвариши муносиб ва дар тӯли муддати замони тӯлонӣ метавон дар кӯдакон парвариш дод. То ҳол равшан шуда аст, ки он чӣ бояд дар ҷаласаҳои шумо мураттаб бо волидайн мавриди таъкид қарор гирад, пешрафти кӯдакони онҳо аст, агарчи пешрафти каме бошад ҳам. Ҳамчунон, ки гуфтугӯи шумо пешрафт мекунад, ин имконро доред, дар бораи он ки чӣ гуна метавон аз ин муваффақиятҳо барои давом додани роҳ баҳра бурд, бо волидайн машварат намоед. Пас аз он ки чунин ҳолати мусбате аз иртибот бо волидайн барқарор шуд, муаллим хоҳад тавонист бо таваҷҷӯҳ ва эҳтиёти зиёд мушкилотеро, ки дар кӯдакон мушоҳида мешавад, бо волидайни онҳо дар миён гузорад. Ҳадафи он бояд ёфтани равиш барои ҳамкорие бошад, ки ба кӯдак кӯмак диҳад то бар мушкилоташ ғалаба намояд. Дар бораи аҳамияти эҷод кардани чунин ҳолати созандаи иртибот бо волидайн дар гурӯҳи худ гуфтугӯ намоед.

## БАХШИ 27

Ҳамон тавре, ки дар оғози ин қисм зикр шуд на ҳамаи касоне, ки дар ин давра ширкат мекунанд, синфи кӯдакон ташкил хоҳанд дод. Аз миёни касоне, ки синф ташкил медиҳанд, чанде мумкин аст чунин интихоб кунанд, ки танҳо то замоне, ки ба арсаи дигаре аз хидмат бираванд, синфи кӯдакон баргузор кунанд. Чанд нафари дигар худро ба ин ҳавзаи кӯшиш хоҳанд бахшид ва дар муддати тӯлонӣ синфҳоеро пойдор нигоҳ хоҳанд дошт, ки муҳаббати Худоро дар кӯдакон мепарваранд. Бо ин ҳол сарфи назар аз роҳи хидмате, ки ширкаткунандагон интихоб мекунанд, ҳама ин имкониятро хоҳанд дошт, ки бо аъзои хурдсолтари ҷомеаи худ муомила дошта бошанд: чӣ дар вақти мулоқот бо ҳамсояҳо, чӣ дар ҷаласот ва гирдиҳамоиҳо, чӣ ба унвони хоҳар ё бародар ё волид. Шароит ҳар чӣ бошад, он мафҳумҳо ва идеяҳое, ки дар ин қисм мавриди ҷустуҷӯ қарор додем, дар бораи масъулияти ҷомеа дар диққат додан ба касоне, ки ба фармудаи Байтул Адли Аъзам "гаронбаҳотарин ганҷина"-и ҷомеа ҳастанд, бинишҳое ба ширкаткунандагон хоҳад дод. Бигузор вақте ки ҳамаи мо бо чашмони умед баояндаи равшани башар менигарем, аз баёноти зер илҳом ва қувват бигирем:

> **"Тамоми башарро амр менамоем ба он чӣ ки сабаби баланд бардоштани Каломи Илоҳӣ миёни бандагони Ӯ ва тараққии олами вуҷуд ва пешрафти нуфус аст. Бузургтарин васила барои ин ҳадаф тарбияти кӯдакон аст."**[38(тарҷума)]

**“Таълими наврасон ва парвариши кӯдакон аз азимтарин кори неки олами инсон ва ҷазбкунандаи лутфҳо ва иноятҳои Ҳазрати Раҳмон аст, зеро он муҳимтарин асоси фазилатҳои олами инсонист ва сабаби расидан ба авҷи иззати ҷовидонӣ аст. Чун тифл дар кӯдакӣ тарбият шавад, ӯ монанди ниҳол дар ҷӯйбори илм ва дониш ба иноёти Боғбони гулшани Аҳадият аз оби зулоли маонӣ бинӯшад. Албатта партави Шамси Ҳақиқат гирад, ва бо шуоъ ва ҳарорати он дар гулшани вуҷуд тароват ва латофати бениҳоят ёбад...**

**“Агар бар ин вазифаи азим кӯшиши бузург бахшида шавад, олами инсонӣ зиннати дигар ёбад ва нуронияти дигар ҳосил намояд. Ҷаҳони зулмонӣ нуронӣ шавад, ва олами имконӣ Биҳишти ҷовидонӣ гардад.”[39]**

# АДАБИЁТ БА ЗАБОНИ АНГЛИСӢ:


1. *Паёмҳои Байтул Адли Аъзам, 1986–2001* нашр шудааст*: Аҳди Чоруми Асри Таквин* (Wilmette: Bahá'í Publishing Trust, 2010), № 331.26, с. 727.

2. Баҳоуллоҳ дар "Маҷмӯа осори муборака дар бораи тарбияи баҳоӣ", ки аз ҷониби Доираи Мутолиаи Нусус ва Албоҳи Байтул Адли Аъзами Илоҳӣ, Маркази ҷаҳонии Баҳоӣ тартиб дода шудааст, *Дар Маҷмӯаи маҷмӯаҳо* нашр шудааст (Maryborough: Bahá'í Publications Australia, 1991), ҷ. 1, №. 576, с. 251.

3. *Мунтахаботе Макотиби Ҳазрати Абдулбаҳо* (Wilmette: Bahá'í Publishing, 2010, 2015 чоп), №. 106.1, с. 187.

4. Ҳазрати Абдулбаҳо, дар "Маҷмӯаи Осори Муборака дар бораи тарбияти баҳоӣ, ки дар *Маҷмӯаи маҷмӯаҳо нашр шудааст* ҷ. 1, №. 614, с. 273–74.

5. *Мунтахаботе аз Макотиби Ҳазрати Баҳоуллоҳ* (Wilmette: Bahá'í Publishing Trust, 1983, 2017 чоп), CXXII, пар. 1, с. 294.

6. *Мунтахаботе аз Макотиби Ҳазрати Абдулбаҳо* №. 108.1, с. 188.

7. Дар ҳамон ҷо №. 110.2, с. 190.

8. Дар ҳамон ҷо №. 100.2, с. 179.

9. Дар ҳамон ҷо №. 99.1, с. 178–79.

10. Дар ҳамон ҷо № 103.5, с. 183.

11. Дар ҳамон ҷо №122.1, с. 198–99.

12. Баёноти Ҳазрати Абдулбаҳо дар маҷаллаи *Наҷми Бохтар нашр шудааст*, ҷ. 8, №. 4 (17 Майи соли 1917), с. 41.

13. *Мунтахаботе аз Осори Ҳазрати Баҳоуллоҳ*, CXXXVI, пар. 2, с. 334; инчунин дар *Муноҷотҳои Баҳоӣ: Маҷмӯаи дуоҳое, ки Ҳазрати Баҳоуллоҳ, Ҳазрати Боб ва Ҳазрати Абдулбаҳо нозил кардаанд* (Wilmette: Bahá'í Publishing Trust, 2002, 2017 чоп), с. iii.

14. Аз хитобаҳои, ки 5 августи соли 1912 дар *Эъломияи Сулҳи Умумиҷаҳонӣ: Хитобаҳое, ки Ҳазрати Абдулбаҳо дар ҷараёни сафари Худ ба Иёлоти Муттаҳида ва Канада дар соли 1912* анҷом додааст (Wilmette: Bahá'í Publishing, 2012), пар. 6, с. 345.

15. Ҳазрати Абдулбаҳо, *Дуо ва ҳаёти ниёиш: Маҷмӯаи аз Гузидаҳои Осори Ҳазрати Баҳоуллоҳ, Ҳазрати Боб, Ҳазрати Абдулбаҳо ва тавқеоти Ҳазрати Валии*

*Амруллоҳ ва Паёмҳои Байтул Адли Аъзам*, ки аз ҷониби Дорултаҳқиқи Байтул Адли Аъзам тартиб дода шудааст (Wilmette: Bahá’í Publishing, 2019), №. 24, с. 7.

16. *Мунтахаботе аз Осори Ҳазрати Баҳоуллоҳ* XLIII, пар. 9, с. 109.

17. Аз хитобаҳои Ҳазрати Абдулбаҳо 24 Апрели соли 1912, ки дар *Эълони Сулҳи Умумӣ* нашр шудааст пар. 1, с. 71.

18. Ҳазрати Баҳоуллох, *Калимоти Макнуна* (Wilmette: Bahá’í Publishing Trust, 2003, 2012 printing), аз арабӣ №. 3, с. 4.

19. Дар ҳамон ҷо, аз арабӣ №. 12, с 6.

20. Дар ҳамон ҷо, аз арабӣ № 11, с. 6.

21. *Мунтахаботе аз Осори Ҳазрати Баҳоуллоҳ* CXXVIII, пар, с. 313.

22. *Нидои Маҳбуби Илоҳӣ: Осори ирфонии баргузидаи Ҳазрати Баҳоуллоҳ* (Haifa: Bahá’í World Centre, 2018), № 2.43, с. 31.

23. *Калимоти Макнуна* аз арабӣ №. 59, с. 17.

24. Аз хитоботи Ҳазрати Абдулбаҳо 26 майи соли 1912, ки дар *Эълони Сулҳи Умумӣ* нашр шудааст пар. 1, с. 204.

25. *Мунтахаботе аз Макотиби Ҳазрати Абдулбаҳо* №. 129.2, с. 204.

26. *Мунтахаботе аз Осори Ҳазрати Баҳоуллоҳ* CLV, пар. 4, с. 376–77.

27. Дар ҳамон ҷо., CLIII, пар. 5, с. 369.

28. *Калимоти Макнуна* аз арабӣ №. 9, с. 5.

29. Аз хитобаҳои Ҳазрати Абдулбаҳо 24 Апрел соли 1912, ки дар *Эълони Сулҳи Умумӣ* нашр шудааст пар. 4, с. 73.

30. Ҳазрати Баҳоуллох, *Лавҳи Ибни Зеъб* (Wilmette: Bahá’í Publishing Trust, 1988,чопи 2016 ), с. 27.

31. *Алвоҳи Ҳазрати Баҳоуллоҳ, ки баъд аз Китоби Ақдас нозил шудаанд* (Wilmette: Bahá’í Publishing Trust, 1988, 2005 printing), №. 8.53, с. 126.

32. Ҳазрати Абдулбаҳо, *Сирри Тамаддуни Илоҳӣ* (Wilmette: Bahá’í Publishing, 2007, 2016 printing), пар. 74, с. 53.

33. *Мунтахаботе аз Макотиби Ҳазрати Абдулбаҳо* №. 111.1, с. 191.

34. Дар ҳамон ҷо., №. 95.2, с. 176–177.

35. Дар ҳамон ҷо., №. 111.4, с. 191–192.

36. Дар ҳамон ҷо., №. 124.1, с. 200.

37. Ҳазрати Абдулбаҳо, дар *Муноҷотҳои Баҳоӣ*, с. 29.

38. Аз Лавҳи Ҳазрати Баҳоуллоҳ оварда шудааст дар маҷмӯаи *Иқдоми иҷтимоӣ, ки аз ҷониби Дорултаҳқиқи Байтул Адли Аъзами Илоҳӣ* омода шудааст (Wilmette: Bahá'í Pub-lishing Trust, 2020), №. 178, с. 107.

39. *Мунтахаботе аз Осори Ҳазрати Абдулбаҳо*, №. 103.1–3, с. 182.



# Дарсҳои ахлоқи Баҳоӣ
# Соли 1

## Ҳадаф

Парвариши қобилияти дарсдиҳӣ дар синфҳо барои кӯдакони панҷ
ё шашсола, ки зимни тамаркуз ба такмили ахлоқ,
иборат аз фаъолияти аз бар кардани дуоҳо ва навиштаҳо,
суруд ва достон, бозӣ ва рангдиҳианд.

## БАХШИ 1

Дар қисми охир, шумо дар бораи моҳияти кӯшишҳои худ дар дарсдиҳӣ ба кӯдакон дар соли аввал фикрронӣ кардед, ва элементҳоеро ки дарсро таркиб медиҳанд баррасӣ намудед. Қисми дуввуми ин китоб шомили худи он бисту чор дарс аст, ки ҳамон тавре ки медонед дар атрофи парвариши сифатҳои руҳонӣ тартиб дода шудаанд. Дар ин бахшҳои муқаддимавӣ, имконияте хоҳед ёфт, ки худро бо мазмуни дарсҳо ошно созед ва гузаронидани онҳоро машқ кунед. Коре, ки хоҳем анҷом дод чунин аст: дар ҳар марҳила чор дарсро аз назар мегузаронем ва дар бораи сифатҳои руҳонии дар ҳар яки онҳо овардашуда андешаронӣ мекунем. Пас аз он ташвиқ мешавед, ки дарсҳоро ба таври муфассал бо дигар ширкаткунандагони гурӯҳи худ баррасӣ кунед. Фаъолиятҳои гуногунро бо навбат анҷом диҳед, ва сипас аз паси чор дарси баъдӣ биравед.

## БАХШИ 2

Ҳар дарс аз соли аввал бояд бо як муноҷоти шурӯъӣ, ки муаллим тиловат мекунад, оғоз шавад. Ҳамчун кӯмак ба шумо, тақрибан барои ҳар чор дарс, як дуои нав пешниҳод хоҳад шуд, ки тиловат кунед, яъне дар маҷмӯа шаш муноҷот оварда шудааст. Агар битавонед ин муноҷотҳоро аз бар кунед, кӯдакон дар кӯшишҳояшон барои аз бар кардани дуоҳо бисёр ташвиқ хоҳанд шуд. Барои дарсҳои аввал то чорум муноҷоти зер пешниҳод мешавад:

**“Худоё! Ин кӯдаконро таълим бидеҳ. Ин кӯдакон ниҳолҳои боғи Туанд, гулҳои чаманистони Ту ва садбаргҳои бӯстони Ту. Бигзор борони Ту бар онҳо биборад; бигзор Шамси Ҳақиқат бо меҳри Ту бар онҳо битобад. Бигзор насими Ту онҳоро тароват ва латофат бибахшад, то битавонанд таълим гиранд, ба воя бирасанд ва тараққӣ кунанд, ва бо зебоии бениҳоят зоҳир шаванд. Туӣ Бахшанда ва Туӣ Раҳим.”[1]**

Пас аз тиловати муноҷоти боло чанд кӯдакро ташвиқ хоҳед кард, то аз муноҷотҳое, ки аз бар ҳастанд, якеашро тиловат кунанд. Дар оғоз мумкин аст, ҳамаи хурдсолон натавонанд дар ин бахш аз синфҳо саҳме гузоранд. Аммо тадриҷан ҳамчунон, ки дуоҳоро дар соли аввал аз бар менамоянд, шумораи ҳар чӣ бештаре аз онҳо қодир ба анҷоми ин кор хоҳанд буд. Аз мутолиаи қисми қабли ин китоб бо муноҷоти зер ошно ҳастед. Кӯдакон дар ин чанд дарси аввал, ба ёдгирии он тамаркуз хоҳанд намуд.

**“Ҳуваллоҳ. Парвардигоро, қалби софе чун дурр ато фармо.”[2]**

Замоне, ки ба дуоҳои оғозӣ бахшида шудааст, хеле аҳамият дорад. Ин замон як муҳити ниёиш ба даргоҳи Илоҳиро эҷод хоҳад кард, муҳите, ки ба ёдгирӣ боис мешавад. Ҳазрати Абдулбаҳо ба мо мефармоянд, ки гирди ҳам овардани кӯдакон ва таълими дуо ба онҳо “сурур”-ро барои қалбҳояшон ба армуғон меоварад. Гуфтугӯ бо Худо “омили эҷоди қувва ва истеъдодотҳои волотари хуш” аст.[(тарҷума)]

Бояд ба кӯдакон кӯмак карда шавад, то эҳсоси эҳтироми амиқе нисбат ба Худованд дар худ парвариш диҳанд ва ҳангоми дуо, бар асоси он рафтор кунанд. Шояд лозим бошад ба онҳо кӯмак шавад, ки чӣ замоне, ки худашон дуо мехонанд ва чӣ вақте ба тиловати дуо ба воситаи кӯдаки дигар гӯш медиҳанд, қалбҳо ва зеҳнҳои худро бар калима-

ҳои Илоҳӣ марказонида созанд. Муаллим метавонад аз кӯдакон бипурсад, ки чӣ тавр метавонанд эҳтиромро дар амал зоҳир созанд, масалан, чӣ тавр бояд бишинанд, бо дастонашон чӣ кунанд, ки сабаби парешон шудани фикри дигарон нашаванд, ва агар бибинанд, ки чашмонашон ба ин сӯ он сӯ нигоҳ мекунанд, чӣ коре анҷом диҳанд. Муаллим ҳамчунин метавонад аз онҳо бихоҳад, ки нишон диҳанд чӣ гуна худро барои дуо омода мекунанд. Ба ёд хоҳед дошт, ки беҳтар аст танҳо се ё чор кӯдак дар муҳити руҳонӣ дуо бихонад, то ин ки ҳамаи кӯдакон дуо бихонанд, дар холе, ки ғавғо ва ҳаракат вуҷуд дорад. Бинобар ин пешниҳод мешавад, кӯдаконеро, ки дар оғози ҳар ҷаласа муноҷот хоҳанд хонд, аз қабл интихоб кунед. Моил хоҳед буд, итминон ҳосил кунед, ки ҳар кӯдак  дар ҳар се ё чор ҷаласа имконияте хоҳад ёфт, ки ақаллан як муноҷот тиловат кунад.

Муҳим хоҳад буд, ки дар тӯли сол, ҳарчанд вақт як бор дар бораи моҳияти дуо ва далели он, ки чаро дуо мехонем бо донишомӯзони худ сӯҳбат кунед. Дар фазои зер тавзеҳ диҳед, ки эҳтимолан дар чанд ҳафтаи аввал ба онҳо чӣ хоҳед гуфт.

## БАХШИ 3

Ҳоло бо дигар аъзои гурӯҳи худ дарсҳоро яке аз паси дигаре бодиққат бихонед. Бояд таваҷҷӯҳи хосе ба муқаддима ва навиштае, ки кӯдакон аз бар хоҳанд кард, намоед. Албатта медонед, ки дарси аввал бар мавзӯи покӣ марказонида шудааст. Сифати руҳониеро, ки меҳвари ҳар яке аз се дарси баъдӣ аст, ёддошт кунед.

Дарси 1: Покӣ

Дарси 2: __________

Дарси 3: __________

Дарси 4: __________

Зимни омода шудан барои гузаронидани дарс ин дарсҳо, бояд муддатеро барои андешаронӣ дар бораи сифатҳои мавриди назари ҳар дарс бибахшед, монанди коре, ки

дар қисми аввали китоб дар мавриди покии қалб кардед. Дар зер чанд навишта аз Осори Муборака, ки марбут ба се сифати дигар мебошанд, омадаанд. Пешниҳод мешавад, ҳар маҷмӯаро чандин бор бо гурӯҳи худ бихонед ва бо якдигар дар бораи навишта андешаронӣ кунед, зимни ин ки навиштаеро, ки кӯдакон аз бар хоҳанд кард, дар ёд доред. Сипас чанде аз афкори худро дар бораи аҳамияти ин сифат дар ҳаёти инсон ба таври куллӣ ва ба таври хос, дар кӯшишҳоятон ба унвони муаллим ёддошт кунед. Ба ёд дошта бошед, ки ин навишта барои хурдсолони синфи шумо таҳия нашудааст, мақсад аз ғунҷониданашон дар ин ҷо андешаронии худи шумост.

Дар бораи адолат чунин мехонем:

**“Сироҷи ободӣ адлу дод аст, ӯро ба бодҳои мухолифи зулм ва ситам хомӯш манамоед ва мақсуд аз он зуҳури иттиҳод аст байни инсонҳо.”**[3]

**“Ҳеҷ нуре ба нури адл баробар намеояд. Он аст сабаби назми олам ва роҳати мардумон.”**[4]

**“Мураббии олам адл аст, чаро ки дорои ду рукн (поя) аст: муҷозот ва мукофот ва ин ду рукн ду чашмаанд аз барои ҳаёти аҳли олам.”**[5]

**“Эй Писари Руҳ! Маҳбубтарини чизҳо назди Ман Инсоф аст. Руй магардон аз он, агар мебошӣ ба сӯи Ман моил, ва ғафлат мадор аз он, то бошӣ барои Ман амин. Ва ту муваффақ мешавӣ ба он ки бибинӣ ҳама чизро бо чашми худат, на бо чашми бандагон, ва бишносӣ онро бо шинохти худат, на бо дониш ва шинохти дигарон. Фикр кун дар он, ки чӣ гуна сазовор аст ки бошӣ. Инсоф аз бахшиши Ман аст бар ту, ва инояти Ман аст барои ту. Пас қарор бидеҳ онро пеши ду чашмат! ”**[6]

______________________________________________________________
______________________________________________________________
______________________________________________________________
______________________________________________________________
______________________________________________________________

Дар бораи сифати муҳаббат, Осори Муборака ба мо чунин мегӯянд:

**“Асли муҳаббат рӯй овардани банда ба Маҳбуб ва рӯй баргардонидан аз ғайри Ӯ аст ва ин, ки орзуяш чизе набошад магар он чӣ Мавлояш ирода фармуд.”**[7] **(мазмун аз арабӣ)**

**“Хидмат ба Амри Илоҳӣ дар ин рӯз улфат ва муҳаббат байни дӯстони Ӯст.”**[8]

**“Мақсад аз зуҳури Мазоҳири муқаддасса бунёди улфат ва муҳаббат дар олами инсонӣ буд.”**[9]

**“Ба боварии яқин бидон, ки Муҳаббат рози Зуҳури Илоҳӣ аст ва ҷилваи Раҳмонӣ аст. Муҳаббат файзи руҳонӣ аст. Муҳаббат нури малакутӣ аст. Муҳаббат нафасоти Руҳулқудс дар руҳи инсонӣ аст.”**[10]

Дар мавриди садоқат насиҳатҳои зерро дорем:

**“Бигӯ: Нуфуси худро ба сидқ ва адаб зинат диҳед.”[11]**

**“Агар нафсе аз он сидқ ва ростӣ маҳрум монад, аз тараққӣ ва болоравӣ дар ҳамаи оламҳои Илоҳӣ манъ гардад.”[12]**

**“Садоқат беҳтарин фазилате аст, чаро ки ҷамеъи фазоилро шомил аст. Шахси содиқ аз ҷамеъи маризиҳои ахлоқӣ эмин хоҳад буд, аз ҳар амали шайтонӣ бигурезад ва аз ҳар кори бад муҳофиза шавад, чаро ки ҷамеъи разилатҳо ва хатоё аз норасоии садоқатанд ва шахси содиқ ниҳояти нафратро аз ҳамаи онҳо хоҳад дошт.”[13(тарҷума)]**

Ҳоло шояд бихоҳед илова бар аз бар кардани навиштаҳое, ки кӯдакон дар ин дарсҳо ба ҳофиза хоҳанд супурд, ақалан як навиштаро аз ҳар як маҷмӯаи навиштаҳои боло аз бар намоед.

## БАХШИ 4

Бо дар зеҳн доштани андешаҳои боло достонҳоеро, ки дар чор дарси аввал барои кӯдакон ривоят хоҳед кард, дубора бихонед. Чунон, ки хоҳед дид се достон аз чор достони мавриди назар аз ҳаёти Ҳазрати Абдулбаҳо гирифта шудааст, яъне таҷассуми волотарин ормонҳои инсонӣ аст, баъзе аз кӯдакони синфи аввали шумо мумкин аст, бо шахсияти Ҳазрати Абдулбаҳо ошно набошанд, бинобар ин лозим хоҳад буд онҳоро ба таври мухтасар бо шахсияти Он Кас шинос кунед. Он чи дар қисмати сеюми Китоби 2 омӯхтед, огоҳии худи шуморо аз мақоми беназире, ки фарди Он Ҳазрат шомил аст афзоиш додааст. Ҳамчунон ки дар мутолиаи давраҳои ин силсила пеш меравед, Худоро ба хотири ҳадяи гаронбаҳое, ки Ӯ дар қолиби шахсияти Ҳазрати Абдулбаҳо ба башар ато кардааст, бештару бештар шукр хоҳед гуфт. Ҳамчунон, ки кӯдакони дарси аввалро аз соли авал оғоз мекунанд, дар бораи Ҳазрати Абдулбаҳо ба онҳо чӣ хоҳед гуфт?

Аз мутолиаи қисми аввал медонед, ки дар ривоят кардани достонҳо барои кӯдакон, аз паси он хоҳед буд, ки онҳоро аз рӯйдодҳо фаротар баред ва кӯмак кунед ба шаммае аз воқеияти руҳонӣ пай баранд. Пештар ин имкониятро ёфтед, ки дар ин бора фикр кунед, ки достони меҳмони Ҳазрати Абдулбаҳо дар дарси аввал чӣ гуна дар фаҳми аҳамияти сифати покӣ ва маънои кӯшиш кардан барои ба даст овардани он, ба донишомӯзони шумо кӯмак хоҳад кард. Биёед достонҳои се дарси баъдиро ба ҳамин тартиб баррасӣ кунем.

Ҳамчунон ки хоҳед дид, дар Дарси 2 достонеро таъриф хоҳед кард, ки нишон медиҳад Ҳазрати Абдулбаҳо чӣ қадар барои адолат, ки мавзӯи дарс аст, ғамхорӣ мекарданд. Ин дарс достонеро аз сафаре ки рӯзе Ҳазрати Абдулбаҳо аз Акко ба Ҳайфо анҷом доданд, тавзеҳ медиҳад. Ҷузъиёте вуҷуд дорад, ки агар қарор аст кӯдакон битавонанд достонро дунбол кунанд, бояд дарк кунанд: масаалан, фарқияти байни нишастгоҳ дар фойтуни маъмулӣ ва нишастгоҳ дар фойтуни хусусӣ. Ин ба онҳо кӯмак хоҳад кард, бифаҳманд, ки Ҳазрати Абдулбаҳо моил буданд аз роҳатии шахсии худ бигзаранд, то битавонанд ба ниёзмандон ризқи моддӣ ва руҳонӣ бидиҳанд. Чӣ тавр мутмаин хоҳед шуд, ки донишомӯзонатон мефаҳманд равиши зиндагии Ҳазрати Абдулбаҳо (ки аз харҷи ғайри зарурӣ барои худ даст мекашиданд ва ба ниёзмандон бахшиш мефармуданд) сифати руҳонии адолатро зоҳир месозад? Бархе аз ҷузъиёте, ки пеш аз таъриф кардани достон бояд дар хотиратон равшан бошад, чист?

Муҳаббат мавзӯи Дарси 3 аст ва дар ин ҷо достонеро дар бораи марде дар Акко барои кӯдакон таъриф хоҳед кард, ки гарчи ҳамеша нисбат ба Ҳазрати Абдулбаҳо беэҳтиромӣ мекард, аммо солиёни сол мавриди муҳаббат ва меҳрабонии Он Ҳазрат қарор дошт. Албатта, метавонем нисбат ба касоне, ки ба мо меҳрубон ҳастанд, муҳаббати қалбӣ дошта бошем. Аммо муҳаббати Ҳазрати Абдулбаҳо ҳадд ва марзе намешинохт ва бе қайду шарт буд. Дар тарзи ривоят кардани ин достон, чӣ тавр мутмаин хоҳед шуд, ки ин хусусияти муҳаббати Ҳазрати Абдулбаҳо барои кӯдакон ошкор мешавад? Чӣ тавр метавонед ба онҳо кӯмак кунед, ки дарк кунанд барои ба даст овардани қалби касе, ки бо сабаби

ҷаҳолат бадрафторӣ мекунад, муҳаббат чӣ қудрате дорад? Чанде аз ҷузъиёте ки агар аз ёд бароварда шаванд, дунбол кардани достон ва касби чунин басиратеро аз он барои кӯдакон душвор хоҳанд кард, чӣ ҳастанд?

Дарси 4, ки бар сифати садоқат марказонида шудааст, достони маъруфи чӯпонеро дар бар мегирад, ки фарёди “Гург омад” мекард. Ин достон оқибати дурӯғҳои чӯпони ҷавонро нишон медиҳад, ки кӯдакон ба роҳатӣ онро дарк хоҳанд кард. Аммо шумо моил хоҳед буд, ки аз ин фаротар раванд ва подоши содиқ буданро бифаҳманд. Подоши содиқ будан чист ва чӣ тавр боварӣ хоҳед ҳосил кард, ки кӯдакон ин мавзӯъро аз достон бархоҳанд гирифт?

## БАХШИ 5

Дар ин бахшҳо дар бораи сифатҳои руҳонӣ мавриди баррасӣ дар чор дарси аввали соли аввал фикр кардед ва дарки худро аз аҳамияти онҳо амиқ намудед. Ҳамчунин мутаваҷҷеҳ шудед, ки достонҳо чӣ гуна бориқае аз моҳияти сифатҳое, ки умедворед, донишомӯзонатон дар соли ҷорӣ беш аз пеш дар худ парвариш диҳанд, ба даст медиҳанд.

Қабл аз ин, ки ба суроғи чор дарси баъдӣ биравед, бояд замонеро бо дигар ширкаткунандагони гурӯҳи худ сарфи омода шудан барои дарс додани ин чор дарси аввал намоед. Бо истифода аз рӯйкардҳое, ки дар қисми қаблии китоб баррасӣ шуд, метавонед ба навбат дуоеро, ки бояд аз бар кунанд, муаррифӣ намоед ва сифатҳои руҳонии дар ҳар дарс овардашударо дар ҳамроҳӣ бо навиштаҳое, ки бояд аз бар кунанд, ироа кунед. Бояд достонҳоро ба якдигар таъриф кунед, бозиҳоро анҷом диҳед ва сурудҳоро ба якдигар бихонед, то битавонед бо мизоне аз итминон онҳоро дарс диҳед. Фикр кунед, ки варақаҳои рангдиҳиро чи гуна муаррифӣ хоҳед намуд. Мумкин аст муфид бошад, ки қабл аз шурӯъи ин тамрин Бахшҳои 17 то 24 ин қисми аввалро дида бароед. Пас аз тамрин кардани элементҳои гунонгун, он тавр ки пешниҳод шуд, метавонед аз ҳар узви гурӯҳатон хоҳиш кунед, ки як ё чанд дарсро гузаронанд. Дар ҳоле ки дигарон ба унвони донишомӯз амал мекунанд. Ҳатто шояд бар асоси шароит мумкин бошад, ки 3 ё 4 кӯдакро гирд оваред ва бо онҳо дарсҳоро пеш баред.

Зимни анҷоми тамрини боло, эҳтимолан моил хоҳед буд, дар бораи ҳар дарс ёддоштҳоеро нависед ва афкори худ дар бораи тарзи дарс додани онро сабт кунед. Илова бар он, мумкин аст лозим бошад барои баъзе аз бозиҳо қабл аз дарс мавридҳое тайёр кунед. Бисёрии аз муаллимон бахше аз дафтарчаи ёддоштиро, ки дар қисми аввал тавсиф шудааст, барои чунин омодасозиҳо мебахшанд.

Ба ёд дошта бошед, ки гарчи ҳатман ин китоб ва дафтарчаи худро ба синф хоҳед бурд, аммо намехоҳед, ки пурра аз рӯи онҳо бихонед. Донишомӯзони шумо ба мизоне метавонанд бо фаъолиятҳо саргарм шаванд, ки битавонед мазмуни дарсро ба осонӣ ва иштиёқ дарс диҳед. Бинобар ин тамрин ва омодасозӣ зарурӣ хоҳад буд.

## БАХШИ 6

Пешниҳод мешавад, барои Дарсҳои аз 5 то 8 дар оғози ҳар дарс дуои зеринро аз бар тиловат кунед:

> **“Ҳуваллоҳ. Эй Худованди Меҳрабон! Ин тифлони нозанин сохтаи дасти қудрати Туанд ва нишонаи азамати Ту. Худоё! Ин кӯдаконро маҳфуз бидор. Муайяд бар таолим кун ва муваффақ бар хидмати олами инсонӣ фармо. Худоё! Ин тифлон дурдонаанд, дар оғӯши садафи иноят парвариш деҳ.**
>
> **Туӣ Бахшанда ва Меҳрабон.”[14]**

Шояд бихоҳед дар партави сайъҳои худ барои дарс додани синфҳои кӯдакон лаҳзаеро сарфи андешаронӣ бар ин калимаҳо намоед. Ин калимаҳо чӣ таъсироте ба рӯйкарди шумо нисбат ба ҳар вохӯрии синфи кӯдаконатон хоҳанд гузошт? Чӣ тавр муҳаббати Худоро дар қалбҳои ҳассоси кӯдакон қувват хоҳед бахшид?

________________________________________________

________________________________________________

________________________________________________

________________________________________________

________________________________________________

Дар ин дарсҳо ба донишомӯзони худ кӯмак хоҳед кард, ки дуои зерро аз бар кунанд. Ҳамон тавре, ки медонем, агар дарке аз аҳамияти он дошта бошанд, аз бар кардан барои онон осонтар хоҳад шуд. Метавонед дар фазои фароҳамшуда чанде аз фикрҳои худро дар ин замина бинависед. Фикр мекунед мумкин аст, чӣ калимоте барои онҳо нав ё ношинос бошад ва чӣ гуна метавонед аз тариқи мавқеиятҳое, ки кӯдакон ба роҳатӣ метавонанд худро дар он қарор диҳанд, он калимотро барояшон тавзеҳ диҳед? Мумкин аст, лозим бошад ба онҳо кӯмак кунед, ки илова бар чунин калимот дарк кунанд, ки ҳам чароғ ва ҳам ситора нур медиҳанд ва бидуни нур торикӣ аст ва наметавонем бибинем ва гум хоҳем шуд. Бинобар ин, дар дуо аз Худо мехоҳем, ки ба нури руҳонӣ бидурахшем ва ба иқтидор ва қудрати Ӯ дар анҷоми он чи мехоҳад шаҳодат медиҳем.

> **“Ҳуваллоҳ, Худоё ҳидоят намо, ҳифз фармо, сироҷе рушан кун, ситораи дурахшанда намо, Туӣ Муқтадир ва Тавоно.”[15]**

## БАХШИ 7

Ҳоло Дарсҳои аз 5 то 8-ро яке паси дигарӣ ба таври комил бихонед ва ба муқаддимаҳое, ки бо кӯдакон дар миён хоҳед гузошт ва навиштаҳое, ки аз бар хоҳанд кард, таваҷҷӯҳи хос кунед. Сифати руҳоние, ки дар ҳар дарс мавриди назар аст, дар ин ҷо бинависед:

Дарси 5: ______

Дарси 6: ______

Дарси 7: ______

Дарси 8: ______

Чанд навишта аз Осори Муборака дар зер омадааст, ки дар бораи ин чор сифат басиратҳое ба мо медиҳад, монанди коре, ки пештар анҷом додед, дар ин ҷо низ дар бораи ҳар маҷмӯа андешаронӣ кунед, ва чанде аз афкори худро дар фазои фароҳам шуда ёддошт намоед.

Дар бораи сифати бахшиш чунин мехонем:

**“Вақте доштед бахшанда бошед, вақте надоштед сабр кунед.”[16(мазмун)]**

**“Раиси ҳиммат бахшандагии мард бар худ ва бар хонаводааш ва ба фақирон аз бародарони ҳамдинаш мебошад.”[17]**

**“Ҳар чӣ ҷафо бештар бинанд, вафо бештар намоянд, ва ҳар чӣ бало ва азоб зиёдтар кашанд, ҷоми ато бештар бахшанд. Ин аст руҳи ҳайкали олам ва ин аст нури тобанда дар қалби олам...”[18]**

**“Маҳалли зоҳиршавии ҷуд ва бахшиш, тулӯъи асрори вуҷуд, маҳалли фаромадани илҳом ва бомдоди анвор, муайяд ба Руҳулқудс, мунҷазиб ба Ҳақ, мунқатеъ аз ҳама ба ҷуз Худо, муқаддас аз васфҳои башар, халқшуда ба ахлоқи фариштагони осмон бошед, то дар ин қарни азим ва асри ҷадид ба мавҳибати баландтарин фоиз шавед.”[19(мазмун)]**

Дар мавриди маҳвият ва фано ин насиҳатро дорем:

**“. . . бояд ниҳояти муҳаббатро нисбати якдигар дошта бошед ва ҳар як дигариро бар худ афзал донед.”[20]**

**“Парвардигоро! Маро ҷоми фано бинӯшон ва либоси фано бипӯшон ва дар дарёи фано ғарқ намо ва ғуборе дар масири роҳи аҳиббо қарор деҳ ва фидои замине кун, ки қадамҳои баргузидагонат дар роҳи Ту бар он гузошта шуд. Эй Парвардигори Иззат ва Баландӣ.”[21 (мазмун)]**

**“Инсон касе аст, ки ба хотири дигарон манфиатҳои худро фаромӯш мекунад. Роҳати худро барои беҳбудии кулл аз даст медиҳад. Балки бояд муштоқи ҷон додан барои ҳаёти олами инсонӣ бошад. Чунин инсоне фахри олами башарӣ аст. Ин шахс шукӯҳи олами инсонӣ аст. Ин шахс фоиз ба саодати абадӣ аст. Ин шахс дар қарибияти остони Илоҳӣ аст. Ин шахс мазҳари саодати абадӣ аст.”[22(тарҷума)]**

Дар навиштаҳои зер, тобише аз пӯёии (динамикаи) сурур ба даст меоварем:

**“Бо парҳои шодмонӣ дар ҳавои муҳаббати Яздонӣ парвоз кун...”[23]**

**“Пас мужда бод ба касе, ки назди Ӯ ҳозир шуд, ва ҷамоли Ӯро дид ва нағамоташро шунид ва қалбаш аз Калимае, ки аз лабони муқаддаси мутаолии азизи мунири Ӯ хориҷ шуд, зинда гашт!”[24( мазмун)]**

**“Вақти сурур руҳи инсон дар парвоз аст! Ҷамеъи қувваҳои инсон қувват мегирад ва қуввати фикрия зиёд мешавад; қувваи идрок шадид мегардад; қувваи ақл дар ҳамаи мартабаҳо тараққӣ менамояд.”[25]**

**“То тавонед дар ҳар маҳфиле шамъи муҳаббат барафрӯзед ва ҳар дилеро ба ниҳояти меҳрубонӣ мамнун ва масрур намоед.”[26]**

Навиштаҳои зер дар бораи холисӣ (беғаразӣ, самимият) ба мо мегӯянд:

**“Бигӯ ба ростӣ ки иштиёқи холисон ба наздикӣ ба Худо монанди иштиёқи ширхор ба пистони модараш, балки бештар аст, ё монади иштиёқи ташна ба фуроти иноят, ё иштиёқи гунаҳкор ба бахшиш, агар аз орифон бошед.”[27]**

**“Ин айём ростӣ ва сидқ (хулус) таҳти чанголҳои дурӯғ мубтало ва адл зери тозиёнаи зулм дар азоб.”[28]**

**“Ба ҳар нафсе лозим аст, ки ин айёми кӯтоҳро бо сидқ (холисӣ) ва инсоф тай намояд.”[29]**

**“Қалбатон пок бошад, ниятатон холис шавад, то бархурдор аз файзҳои Илоҳия гардед.”[30]**

Сайъ кунед ҳади аққал яке аз баёнотро аз ҳар як аз маҷмӯаҳои навиштаҳои боло аз бар намоед.

## БАХШИ 8

Ҳоло биёед ба суроғи достонҳои Дарсҳои аз 5 то 8 биравем ва фиккронӣ кунед, ки ин достонҳо чӣ гуна ба кӯдакон кӯмак хоҳанд кард то дар бораи сифатҳои руҳонии омӯхташаванда фаҳмише ба даст оранд. Пас аз мутолиаи такрории ҳар достон суолоти зерро дар назар бигиред.

Бахшиш мавзӯи аслии достони Дарси 5 аст. Ин достон шарҳи воқеие аз даврони кӯдакии Ҳазрати Абдулбаҳо дар бораи галаи гӯсфандони Падари бузургворашон аст. Чӣ бахшҳое аз достон ба мавзӯи аслӣ рабт доранд? Он ҷузъиётҳое, ки агар фаромӯш кунем, пайравӣ кардани достонро барои кӯдакон душвор хоҳанд кард, кадоманд? Албатта муҳимтарин нукта ризоияти Ҳазрати Баҳоуллоҳ аз иттилоъ бар руҳияи бахшиши Писарашон нисбат ба чӯпонон аст. Назароти Он Ҳазрат пешбинӣ мекард, ки вақте Ҳазрати Абдулбаҳо бузург шаванд ҳар он чӣ доранд, барои хайри башарият медиҳанд, на фақат дороиҳои молӣ балки тамоми вуҷудашонро. Чӣ тавр боварӣ ҳосил хоҳед кард, ки кӯдакон дараҷаи бахшандагии Ҳазрати Абдулбаҳоро, ки бениҳоят буд, ташхис медиҳанд?

Достони Дарси 6 борикае аз тарики аз худ гузаштанро ба кӯдакон нишон медиҳад. Ҳазрати Абдулбаҳо бо напазируфтани ҷои нишасти гаронбаҳо, нишон доданд, ки дигаронро бар худашон афзал медонанд. Чӣ тавр тартиб хоҳед дод, ки кӯдакон аз ҳикояти шумо ба чунин натиҷа бирасанд. Баъзе ҷузъиёте, ки қабл аз ривоят кардани достон бояд дар фикри шумо равшан бошад кадомҳо ҳастанд?

Мавзӯи Дарси 7 сурур ва шодӣ аст ва шумо достоне дар бораи Лерой Йоас таъриф хоҳед кард, ки ӯ дар кӯдакӣ Ҳазрати Абдулбаҳоро зиёрат кард ва пас аз он дар давоми ҳаёташ худро барои пахш кардани амри Илоҳӣ бахшид. Лерой дар достон тасмим мегирад дастагулеро, ки барои Ҳазрати Абдулбаҳо харида буд ба Он Кас надиҳад, балки дар иваз қалбашро ба Он Кас тақдим кунад. Барои он, ки кӯдакон дарк кунанд, ки чаро Лерой чунин кард, муҳим хоҳад буд, ки ба онҳо расонед, ки қалби инсон аз ҳар чизи моддӣ арзишмандтар аст. Оё кофӣ хоҳад буд, ки он бахши достонро бо садои таъкидкунанда баён кунед? Агар қарор аст кӯдакон силсилаи ғояҳоро пайравӣ кунанд ва бифаҳманд, ки чаро ин ҳаракати Ҳазрати Абдулбаҳо, ки гули садбарги сурхрангро аз сари синаи Худ ба Лерой доданд чунин сурўре ба он писар бахшид, дар асной ривоят кардан бояд ба чӣ ҷузъиёте таъкид кунед?

Ҳазрати Абдулбаҳо дар тӯли ҳаёти Худ ба ҳама касоне, ки ба ҳузурашон мушарраф шуданд, сурур иноят фармуданд. Дар ин ривоят мебинем, ки ба ғайр аз ин, ки қалби Ҳазрати Абдулбаҳоро шод кунад, чизе намехост. Чаро зарурӣ аст, ки кӯдакон бифаҳманд, ки масрур кардани дигарон худ яке аз бузургтарин манбаи сурур аст?

Самимият меҳвари Дарси 8 аст. Зимни муаррифии достон ба кӯдакон шояд бихоҳед шарҳ диҳед, ки гоҳе бо гӯш додан ба достоне, ки норасоии як сифатро нишон медиҳад, беҳтар метавонем бифаҳмем, ки доштани он сифат ба чӣ маъност. Достони марде, ки ҳамсояи худро бовар мекунонад, ки дарахтро бибурад, мисоле аз ин достон аст. Чӣ

гуна кӯмак хоҳед кард, ки кӯдакон маънои онро бифаҳманд, ки гоҳе зоҳир метавонад фиребанда бошад? Зимни ривоят кардани достон бояд боварӣ ҳосил кунед, ки кӯдакон бо ин фикр фаъолиятро тарк накунанд, ки ҳамсояе, ки самимият надошт, дар ҳақиқат подош гирифт. Ба кӯдакон чӣ хоҳед гуфт, ки ба онҳо кӯмак кунед, то таъсироти манфии надоштани хулусро бифаҳманд?

## БАХШИ 9

Ҳоло ки дар бораи сифатҳои руҳонии Дарсҳои 5 то 8 басиратҳое касб намудед, биёед дар ин ҷо низ монанди чор дарси аввал вақт ҷудо намоед, то анҷоми дарс ва элементҳои гуногуни онро бо ширкаткунандагони дигар тамрин кунед. Дар ёд дошта бошед, ки метавонед, нуктаеро, ки моилед дар бораи ҳар дарс барои худ нигоҳ доред дар дафтарчаи ёддошти худ дарҷ намоед ва афкори худро дар бораи тарзи дарс додани он дарс сабт кунед.

## БАХШИ 10

Пешниҳод мешавад, ки барои Дарси 9 то 12 ҷаласаро бо тиловати муноҷоти зер, ки шуморо ба аз бар карданаш ташвиқ менамоем, шурӯъ кунед:

> **“Парвардигоро, қарор бидеҳ ризқи маро ҷамолат ва шаробамро височат, ва орзуямро ризоят, ва амаламро саноят, ва аниси маро зикри Худ, ва муъинамро султони Худ, ва маҳалли истиқрорамро мақарри Худат, ва ватанамро мақоме, ки онро аз ҳудудоти онҳое, ки дар паси ҳиҷоб аз Ту дур мондаанд муқаддас фармудӣ, ва ба ростӣ, ки Ту Муқтадир ва Азиз ва Қадир ҳастӣ.”[31](мазмун аз арабӣ)**

Дар ин чор дарс ба донишомӯзон кӯмак хоҳед кард, ки дуои зеро аз бар намоянд. Барои он ки кӯдакон аҳамияти ин дуоро дарк кунанд, чӣ калимот ё иборотеро бояд барои онҳо тавзеҳ диҳед?

> **“Хушо аз барои маҳал, ва хона, ва ҷой, ва шаҳр, ва қалб, ва кӯҳ, ва паноҳгоҳ, ва ғор, ва дара, ва биёбон, ва дарё, ва ҷазира, ва рустое, ки дар он зикр ва санои Худованд баланд гардид.”[32]**

## БАХШИ 11

Монанди қабл Дарсҳои 9 то 12-ро бихонед, дар ҳоле, ки ба тавзеҳоти муқаддимотӣ ва навиштаҳое, ки бояд аз бар кунанд, диққати махсусе диҳед. Сифатҳои руҳонии мавриди назари ҳар дарсро дар зер нишон диҳед.

Дарси 9 ______________________________

Дарси 10 ______________________________

Дарси 11 ______________________________

Дарси 12: ______________________________

Барои амиқ кардани фаҳми худ аз аҳамияти чор сифатҳои руҳонии боло дар бораи навиштаҳои интихобшудаи ба ҳар як аз ин сифатҳо рабт дошта андешаронӣ кунед. Зимни ин кор навиштаҳоеро, ки донишомӯзонатон аз бар хоҳанд кард, ба ёд дошта бошед. Сипас фикрҳои худро дар бораи аҳамияте, ки он сифатҳо дар ҳаёти фард ва низ барои як муаллими кӯдакон дорад, ёддошт кунед.

Дар мавриди сифати фурӯтанӣ Осори Муборака ба мо чунин мефармоянд:

**“Инсонро як мартабаи фурӯтанӣ то ба осмони иззат ва иқтидор боло мебарад ва як бори дигар ғурур ба поинтарин мақоми зиллат ва фурӯшикастагӣ таназзул медиҳад.”**[33]

**“Нафсе, ки дар ин рӯзи Худо фурӯтан аст, ҳамаи номҳо исмҳои Ӯ ва ҳамаи мақомҳо мақомоти Ӯст.”**[34]

**“Аҳиббои Илоҳӣ дар ҳар ҷамъомад ва маҳфиле, ки ҷамъ шаванд, бояд ба дараҷае фурӯтанӣ ва хоксорӣ аз ҳар як дар зикр ва ёди покии Илоҳӣ зоҳир шавад, ки зарроти туроби он маҳал ба холисии он ҷамъ шаҳодат диҳанд ва ҷазабаи баёноти руҳонияи он нафсҳои некӯ зарроти он туробро фаро гирад.”**[35]

**“Бешубҳа маълум аст, ки фарқи аъзами олами инсонӣ дар фурутанӣ дар назди Парвардигор аст ва шараф ва иззаташ дар итоат ба амрҳо ва ҳудудҳои Худованди якто.”**[36]

Дар бораи аҳамияти шокир (шукргузор) будан чунин мехонем:

**“Бидон, ки ҷамеъи вазиданҳои қудсро ба сӯи ту ирсол кардаам, ва каломро бар ту тамом кардаам, ва неъматро бар ту комил намудаам, ва он чӣ барои Худ писандидам - бар ту писандидаам. Пас аз Ман розӣ бош, сипас Маро шукр гӯ.”[37]**

**“Пас ба Парвардигорат кифоят кун, сипас ба Ӯ унс гир ва аз шокирон бош.”[38]**

**“Пас Худовандро шукр кун, ки туро бар Амраш таъйид кард ва дар риёзи қалбат сунбулоти илм ва ҳикмат кошт ва фазли Ӯ инчунин бар ту ва бар оламҳо муқаддар буд.”[39(мазмун)]**

**“Ҳақиқат он аст, ки Худованд фазилатҳо ва қувваҳо ва истеъдодоти олия ба башар дода, ки табиат ба куллӣ аз он маҳрум ва инсон ба он олӣ ва афзал ва мумтоз. Мо бояд Худоро ба ин мавоҳиб ва қувваҳо, ки ба мо дода ва тоҷе, ки бар сари мо ниҳода шокир бошем.”[40 (тарҷума)]**

Навиштаи зер дар бораи бахшиш ба мо биниш медиҳанд:

**“Бояд гунаҳкорро бахшид ва ҳеҷ гоҳ ба пастии ҳолати ӯ нафрат надошт. Зеро ҳеҷ кас аз ҳусни хотимаи худ огоҳ нест.”[41]**

**“Қалби ҳама чиз дар ҳама чиз нидо медиҳад, ки Имрӯз бахшиш аз они Худо, Худованди Аҳад, Фарид ва Нигаҳбон ва Саттор аст!”[42]**

**“Пас ба қусури касе назар нанамоед, ҷамеъро ба назари афв бибинед, зеро чашми хатобин назар ба хато кунад, аммо назари хатопӯш ба Холиқи нуфус бингарад.”[43]**

**“Нагузоред қалбатон аз касе озурда шавад. Агар касе ба хато ва зулме нисбат ба шумо сабабгор шавад, бояд фавран ӯро афв кунед.”[44 тарҷума]**

______________________________________________________________

______________________________________________________________

Ва ин баёнот низ меъёри амонатеро, ки ба он расем, тавсиф мекунад:

**“Бигӯ: Ба ростӣ, ки инсон бо амонат ва парҳезгорӣ ва ақл ва ахлоқаш бартарӣ меёбад ва бо хиёнат ва фиреб ва ҷаҳл ва дурӯягиаш, хору зор мешавад.”[45]**

**“Эй дӯстони Худованд дар кишвари Ӯ, ва аҳиббои Илоҳӣ дар диёри Ӯ! Ин Мазлум шуморо ба амонат ва диёнат васият менамояд. Хушо ба ҳоли шаҳре, ки ба анвори он ду фоиз шуд. Ба он ду - мақоми инсон бартарӣ ёбад ва боби итминон бар аҳли имкон кушода шавад. Хушо ба ҳоли касе, ки ба он ду пайваст ва ба мақоми он ду воқиф гашт ва вой бар касе, ки мақоми он дуро инкор кард.”[46]**

**“Амонат ва ҳикмат ва садоқат дар ҳақиқат ороиши ҷамили Илоҳӣ барои махлуқот аст ва пироҳани бадеъ аз барои ҳар ҳайкали инсонӣ. Хушо аз барои касоне, ки мефаҳманд ва хушо ба ҳоли касоне, ки чунин фазилатҳое касб намоянд.”[47]**

______________________________________________________________

______________________________________________________________

______________________________________________________________

______________________________________________________________

______________________________________________________________

Сайъ кунед ҳади аққал яке аз баёнотро ҳар як аз маҷмӯаҳои навиштаҳои боло аз бар намоед.

## БАХШИ 12

Ҳоло биёед бибинем, ки достонҳои ин чор дарс чӣ гуна дар бораи сифатҳои руҳонии боло ба донишомӯзони шумо басират хоҳанд бахшид.

Достони Дарси 9 моҷароеро аз мулоқоти Ҳазрати Абдулбаҳо бо баъзе зоирини сарватманд таъриф мекунанд ва фурӯтании маҳзи он Ҳазратро ба кӯдакон нишон хоҳад дод. Ин ки Ҳазрати Абдулбаҳо намехостанд бо шукӯҳ ва ҷалол бо Он Кас рафтор шавад якеа аз ғояҳои меҳварии достон аст. Ин амр ба чи тарз фурӯтании Он Ҳазратро нишон медиҳад? Албатта ин шакли хос аз шукӯҳ ва ҷалол (коса, об ва дастмоли муаттар) танҳо яке аз ҷузъиёти ҷолибе аст ва набояд ривояти шуморо аз мавзӯъи меҳварӣ ба канор кашад. Баръакс бояд дар натиҷа таъкид кард. Ин натиҷа чи тавр боиси фаҳми бештари кӯдакон аз фурӯтании Ҳазрати Абдулбаҳо ва шавқи Он Кас ба хидмати дигарон хоҳад шуд?

Мавзӯи Дарси 12 шокир будан аст ва кӯдакон ба достони дар бораи хонуме гӯш хоҳанд дод, ки Ҳазрати Абдулбаҳоро зиёрат мекунад ва қасд дорад, тамоми мусибат ва мушкилоти худро бо Он Кас дар миён гузорад, сипас Ҳазрати Абдулбаҳо ӯро ба Мирзо Ҳайдар Алӣ муаррифӣ мекунанд, ки бо ин ки дар зиндагиаш мушкилоти азимеро таҷриба карда аст, ҳаргиз аз шукри ҳамаи мавҳибатҳое, ки аз Худованд дарёфт намудааст, боз намондааст. Зимни ривоят кардани ин достон моил хоҳед буд барои донишомӯзонатон равшан шавад, ки Ҳазрати Абдулбаҳо ба сурати тасодуфӣ Мирзо Ҳайдар Алиро ба он хонум муаррифӣ накардаанд. Фикр мекунед он хонум аз мулоқоташ бо Мирзо Ҳайдар Алӣ чӣ омӯхт? Достон чӣ гуна мекӯшад ин дарсро ба кӯдакон бирасонад?

Бахшоиш мазвзӯи Дарси 11 аст ва достони дар бораи Ҳазрати Абдулбаҳо барои донишомӯзони худ таърифе хоҳед кард, ки таъсири афвро бар касоне, ки онҳоро афв мекунед, нишон медиҳад. Ҷузъиёти бисёре, дар достон вуҷуд дорад, ки агар қарор аст кӯдакон силсилаи афкорро дунбол кунанд, лозим хоҳад буд, онҳоро ба таври возеҳ ривоят кунед. Достон ба яке аз ҳокимони шаҳри Акко рабт дорад, ки қасди расонидани осеби шадидеро ба Ҳазрати Абдулбаҳо ва ҳамроҳонашон дар он шаҳр дорад. Дар ин достон Ҳазрати Абдулбаҳо на танҳо аъмоли ҳокимро мебахшанд, балки бо ҳоким ки ҳама чизро аз даст медиҳад бо меҳрубонӣ рафтор мекунанд, ва ӯро дар замони изтироб ёрӣ мефармоянд. Он чӣ бояд умедвор бошед, кӯдакон аз достон бифаҳманд, он аст, ки гуноҳ бахшидане, ки дар Ҳазрати Абдулбаҳо зоҳир аст, аз фақат надоштани эҳсосоти бад нисбат ба касоне, ки ба мо зулм мекунанд, зиёдтар аст. Чӣ гуна хоҳед фаҳмид, ки оё кӯдакон ин фикрро дарк кардаанд ё не?

Дар достони Дарси 12 кӯдакон хоҳанд дид, ки Ҳазрати Абдулбаҳо чӣ гуна ба ронандае, ки харҷи роҳе, ки аз рӯи инсоф набуд, барои сафар бо фойтун металабад, посух медиҳанд. Гарчи Ҳазрати Абдулбаҳо ҷавҳари меҳрабонӣ ва адаб буданд, ҳаргиз иҷозат надоданд, ки одамон нисбат ба Он Кас ё дигарон ғайри содиқона ё фиребкорона раф-

тор кунанд. Фикр мекунед ронанда аз посухи Ҳазрати Абдулбаҳо чӣ омӯхт? Чӣ гуна ба кӯдакон кӯмак хоҳед кард, ки дарк кунанд он чӣ дар воқеъ бо надоштани садоқат аз даст медиҳем, аз ҳар чизи моддӣ монанди инъоми зиёде, ки ронанда аз даст дод, азимтар аст?

______________________________________________

______________________________________________

______________________________________________

______________________________________________

______________________________________________

## БАХШИ 13

Пас аз он, ки тамрини фаъолиятҳои Дарсҳои 9 то 12 ро бо дигар ширкаткунандагон анҷом додед, метавонед ба чор дарси баъдӣ гузаред. Пешниҳод мешавад, ки барои Дарсҳои 13 то 16 ҳар ҷаласаро бо тиловати муноҷоти зер аз ҳофиза шурӯъ кунед:

**“Эй бахшоянда Парвардигорам! Ин сунбулест, дар боғи ризои Ту рӯида, ва навдаест, дар мевазори маърифати ҳақиқӣ раста. Эй Парвардигори фазл ва эҳсон, бигзор то насими ҷонбахши Ту бар ӯ мудом ва ҳамеша тароват ва латофат бахшад, ва рашаҳоти абрҳои неъматҳои Ту онро сабзу хуррам ва шукуфта гардонад, эй Парвардигори меҳрубон!**

**Ба ростӣ ки, Туи Бузургвор.”**[48]

Дар зер муноҷоте омадааст, ки донишомӯзон дар Дарсҳои 13 то 16 аз бар хоҳанд кард. Барои он ки барои онҳо кӯмак кунед аҳамияти онро бифаҳманд, бояд тамоми калимаҳо ва ибораҳоеро, ки барои донишомӯзони шумо нав ё ноошно ҳастанд, ҷудо кунед ва ҷумлаҳои муносибе барои шарҳ додани онҳо бисозед. Албатта ташбеҳи мазмунро дар ин муноҷот ба роҳатӣ дарк хоҳанд кард, ташбеҳе, ки бо муноҷоте, ки шумо дар ин дарсҳо аз бар хоҳед хонд, мутобиқат хоҳад дошт.

**“Эй Парвардигор! Ин ниҳоли тозаро дар боғи атоҳои фаровони Худ бинишон ва аз чашмаи иноятат об деҳ, то бо ёрии неъмат ва фазли Ту гиёҳи некӯ аз он бирӯяд.**

**Туӣ Муқтадир ва Тавоно.”**[49]

______________________________________________

______________________________________________

______________________________________________

______________________________________________

______________________________________________

# БАХШИ 14

Пас аз он ки ба таври маъмулӣ ҳамроҳи ширкаткунадагони дигар ҳар яке аз дарсҳои аз 13 то 16 хондед, сифатҳои мавриди назар дар онҳоро ёддошт кунед.

Дарси 13: ______________________________________________

Дарси 14: ______________________________________________

Дарси 15: ______________________________________________

Дарси 16: ______________________________________________

Навиштаи зер имконияте барои шумо фароҳам хоҳад кард, ки монанди қабл дар бораи сифатҳои руҳоние, ки дар дарсҳо омадаанд, бештар андешаронӣ намоед.

Дар бораи аҳамияти шафқат нишон додан чунин мехонем:

**“Анвори шафқат тобон кун, то дилҳо пок ва покиза шавад, аз тайидоти Ту баҳра ва насиб гирад.”[50]**

**“Бо шафқат бош то аъмолат монанди нуре, ки аз сироҷ метобад, бидурахшад.”[51]**

**“Ҳама бори як доред ва барги як шохсор. Ба олами инсонӣ бо шафқат бошед, ва ба навъи башар меҳрпарвар гардед.”[52]**

**“Ҳол аҳиббои Илоҳӣ бояд ба иҷрои ин таолими раҳмонӣ қиём кунанд. Тифлони башарро падари меҳрабон бошанд, ва ҷавонони инсонро бародари бошафқат гарданд, ва солхӯрдагонро авлоди ҷонфишон шаванд.”[53]**

______________________________________________

______________________________________________

______________________________________________

______________________________________________

______________________________________________

Дар бораи сифати инқитоъ ба мо чунин фармудаанд:

**“Худатонро аз ғайри Ман озод (мунқатеъ) созед, сипас ба ваҷҳи Ман таваҷҷӯҳ кунед ва ба дурустӣ, ки ин барои шумо аз он чӣ наздатон аст, беҳтар аст.”[54]**

**“Бар он аз зинати ба шумо додашуда шодӣ накунед ва бар он эътимод нанамоед, пас ба зикри Худованди Баландмартабаи Азим эътимод кунед.”[55]**

**“Асли инқитоъ таваҷҷӯҳ ба сӯи Худо, ва вуруд бар Ӯ, ва назар бар Ӯ, ва дар шаҳодат дар баробари Ӯст.”[56]**

**“Инқитоъ монанди хуршед аст. Дар ҳар қалбе, ки битобад, оташи ҳирс ва нафс ва ҳаворо биафсурад. Касе, ки басараш ба нури идрок равшан шуд қатъиян аз олам ва оростагии зоҳирии он мунқатеъ шавад... Нагузоред дунё ва разоили он шуморо ғамгин кунад. Хушо ба ҳоли касе, ки сарват ӯро мағрур насохт ва факр ӯро ғамгин накард.”[57] (тарҷума)**

Навиштаҳои зер дар бораи сифати ризо (қаноат) чунин тавзеҳ медиҳанд:

**“Эй Писари Инсон! Дар биёбони бекаронагӣ бидав, сипас дар майдони осмон биштоб, ҳаргиз роҳат ва осоиш нахоҳӣ ёфт, магар бо хоксорӣ барои амри Мо, ва фурӯтанӣ дар баробари Ваҷҳи Мо.”[58]**

**“Эй Ҷавҳари ҳавову ҳавас! Ҳирсро бояд гузошт ва ба қаноат қонеъ шуд, зеро, ки ҳарис ҳамеша маҳрум буда, ва қонеъ маҳбуб ва мақбул.”[59]**

**“Пас роҳи ризоият ва аз худ даст кашиданро бипаймо. Аз ҳеҷ меҳнате дилтанг машав ва ба ҳеҷ атое умедвор магард. Он чи Худо хоҳад ба он масрур ва розӣ бош то роҳати дил ва ҷон ёбӣ ва хурсандии қалб ва виҷдон ҷӯӣ. Анқариб ин заҳмат ва машаққат бигзарад, ва роҳати ҷон ва хурсандии виҷдон ҳосил шавад.”[60]**

Баёноти зер дар фаҳми мо аз меҳрабонӣ нур меафканад:

**“Ба дурустӣ ки Мо дӯст дорем шуморо ҳамвора дар биҳишти ризои Худ бо шодмонӣ ва осоиш бибинем, ва аз амалҳои шумо бӯи хуши дӯстӣ ва иттиҳод, ва меҳрубонии муҳаббатомез ва улфат биёбем.”[61]**

**“Ба ҳақиқат меҳрабон бошед на ба зоҳир ва сурат. Ҳар нафсе аз аҳиббои Илоҳӣ бояд бо фикраш онро иҳота намояд, ки раҳмати Парвардигор ва мавҳибати Омурзгор ба ҳар нафс бошад. Хайре бинамояд ва нафъе бирасонад.”[62]**

**“. . . Худо ба ҳама меҳрубон аст, мо чаро номеҳрубон бошем? Ӯ ба бандагон рауф ва раҳим аст, мо чаро бояд душман ва мухолиф бошем? Мудом Худо куллро дӯст дорад, мо чаро буғз ва адоват дошта бошем? Мудом куллро ризқ**

**медиҳад, тарбият мефармояд ба ҷамеъ меҳрабон аст, мо низ бояд куллро дӯсти меҳрубон бошем. Ин аст сиёсати илоҳия."[63]**

**"Ба изҳори дӯстӣ ва муҳаббат, ки фақат бо суханҳо бошад қонеъ нашавед, бигзоред қалбатон бо меҳрубонии муҳаббатомез нисбат ба тамоми одамоне, ки аз роҳатон мегузаранд, шӯълавар бошад."[64(тарҷума)]**

______________________________________________

______________________________________________

______________________________________________

______________________________________________

______________________________________________

Сайъ кунед ҳади ақалл яке аз баёнотро аз ҳар яке аз маҷмӯаҳои навиштаҳои боло аз бар намоед.

## БАХШИ 15

Ҳоло ки сифатҳои худро аз фаҳми руҳонии мавриди баррасии дар Дарсҳои 13 то 16 амиқ сохтаед, чор достонро бо дигар аъзоёни гурӯҳи худ бихонед ва дар бораи суолоти зер гуфтугӯ кунед

Мавзӯи Дарси 13 шафқат аст ва достоне, ки ривоят хоҳед кард дар бораи зане аст, ки вақте бо умеди зиёрати Ҳазрати Абдулбаҳо ба дари манзили маҳалли иқомати Он Ҳазрат рафт, ба дохил роҳ дода нашуд. Кадом бахш аз достон шафқати Он Ҳазратро нисбат ба он хонум нишон медиҳад? Чӣ ҷузъиёте, ба кӯдакон барои пайгирии достон кӯмак мекунад, ки бифаҳманд қалби меҳрубон, зимни ин, ки ба таври баробар дар фикри ҳамагон аст, нисбат ба касоне, ки дар сахтӣ ва заҳмат ва андӯҳ ҳастанд, ҳассосияти махсусе нишон медиҳад?

______________________________________________

______________________________________________

______________________________________________

______________________________________________

Дарси 14 рӯи сифати руҳонии инқитоъ марказонида шудааст. Достон дар бораи ду дӯсте аст, ки тасмим мегиранд ба Арзи Ақдас сафар кунанд. Яке сарватманд аст ва дигаре сарвати камтаре дорад. Албатта кӯдакон барои ба даст овардани фаҳмиш дар бораи ба даст овардани сифати инқитоъ бояд бифаҳманд ки сафар ба Арзи Ақдас намуде аз наздиктар шудан ба Худост. Чизе, ки моил хоҳед буд, ки кӯдакон бифаҳманд, он аст ки инқитоъ ба он ки чӣ қадар дороӣ дорем, вобаста нест, балки ба ин вобаста аст, ки оё мегузорем дороиҳоямон моро аз наздик шудан ба Худо боз доранд. Ин достон чӣ гуна ба қувват бахшидан ба чунин фаҳм кӯмак хоҳад кард?

Достони Дарси 15 дар бораи сифати ризо ки мавзӯи аслии дарс аст, ба кӯдакон биниш хоҳад дод. Ҳазрати Абдулбаҳо ба ҳамроҳони худ мефармоянд, ки дар аснои зиндонӣ будан дар шаҳри зиндонии Акко масрур буданд. Зеро он айёмро дар роҳи хидмат гузарониданд. Ин гузора чӣ таъсире бар фаҳми кӯдакон дар бораи ризо хоҳад дошт? Чӣ гуна хоҳанд дид, ки ҳарчанд Ҳазрати Абдулбаҳо аз назари ҷисмонӣ маҳбус буданд, аммо руҳашон ҳаргиз қобили зиндонӣ карда шудан набуд?

Зимни таъриф кардани Дарси 16 дар бораи марде, ки дар Акко мағлуби асабоният ва нафрати худ буд, бояд бар чанд ҷузъиёт такя намоед. Дар ғайри ин сурат мумкин аст кӯдакон мутаваҷҷеҳи рабт доштани он ба мавзӯи аслии он, яъне меҳрубонӣ нашаванд. Ин ҷузъиёт чист? Ҳазрати Абдулбаҳо ба он мард, ки муддати тӯлонӣ ба асабоният ва нафрат гирифтор буд, чӣ дарсе медиҳанд?

## БАХШИ 16

Умед аст, ки таҳлиле, ки аз Дарсҳои 13 то 16 анҷом додед муфид бошад, ва аз тамрин кардани элементҳои гуногуни онҳо бо дигар ширкаткунандагон лаззат бурда бошед. Дар Дарсҳои 17 то 20 метавонед дар оғози ҳар ҷаласа муноҷоти зеринро аз бар бихонед:

> **“Эй Худои ман! Эй Худои ман! Ин аст бандаи Ту, моил ба сӯи Ту, бодияпаймои пуршавқи ишқи Ту, пӯёни роҳи хидмати Ту, мунтазири фазли Ту, умедвори наъмои Ту, ва дар таваккул ба мулки Ту, ва махмури маи ноби атои Ту. Эй Худои ман! Иштиёқи ӯро бар Ту бияфзой, устувор дар ҳамду санои Худ гардон ва оташи ишқи ӯро бар Ту афзун гардон.**

**“Ҳамоно, ки Туӣ Саховатманд ва Парвардигори неъматҳои фаровон. Нест Худое ҷуз Ту, Бахшояндаву Меҳрубон.”**[65]

Дар ин дарс кӯдакон ба аз бар кардан ва тиловати дуои зер тамаркуз хоҳанд кард ва мисли қабл бояд ёддошт кунед, чӣ гуна боварӣ ҳосил мекунед, маънии калимаҳоеро, ки ба ёд месупоранд, дарк хоҳанд намуд. Ин дуо аз дуои қабл каме дарозтар аст ва агар аз бар кардани ин муноҷот ё ҳар муноҷоти дигаре дар чор ҷаласаи таъиншуда барои кӯдакон душвор бошад, бояд ҳар дигаргуниеро, ки лозим медонед, амалӣ кунед.

**“Эй Худои ман! Исми Ту шифои ман ва зикри Ту давои ман. Ва наздикӣ ба Ту умед ва орзуи ман, ва муҳаббати Ту муниси ман. Ва раҳмати Ту табиб ва муъини ман дар ин дунё ва охират аст. Ва ба дурустӣ, ки Ту Атокунада, Алим ва Ҳаким ҳастӣ.”**[66]

________________________________________
________________________________________
________________________________________
________________________________________
________________________________________

## БАХШИ 17

Барои оғози мурури дарси 17 то 20 онҳоро ба равиши маъмулӣ яке паси дигаре бихонед ва сифатҳои руҳоние, ки дар ҳар яке бо кӯдакон хоҳед омӯхт, ёддошт кунед:

Дарси 17: ________________________________

Дарси 18: ________________________________

Дарси 19: ________________________________

Дарси 20: ________________________________

Дар зер чанд навиштае омадааст, ки шуморо ва дигар ширкаркунандагонро кӯмак хоҳанд кард, то дар бораи аҳамияти сифатҳои боло басиратҳое касб намоед. Ба ёд дошта бошед, ки танҳо аз манзараи ҳаёти фардӣ дар бораи онҳо гуфтугӯ накунед, балки бояд ба ин низ фикр кунед, ки ин сифатҳо барои як муаллими кӯдакони хурдсол монанди шумо чӣ маъние хоҳанд дошт.

Дар бораи сифати шуҷоат навиштаи зер ба мо дода шудааст:

**“То тавонед дар таваҷҷӯҳ дар Малакут бияфзоед, то шуҷоати фитрӣ ёбед ва қувваи маънавӣ биҷӯед.”**[67]

**“Бошад ки сарчашмаи роҳати қалбҳои шикаста гардед. Бошад, ки паноҳи оворагон шавед. Бошад, ки манбаъи шуҷоати хавфбурдагон бошед. Инчунин ба лутф ва ёрии Худованд, парчами саодати навъи башар дар маркази**

**олам баланд шавад ва байрақи мувофиқати ҷаҳонӣ барафрошта гардад.”[68] (тарҷума)**

Дар бораи аҳамияти умед чунин мехонем:

**“Бигзор ҳамаи умедат ба Худо бошад ва ба ресмони инояти Ӯ пайваста бош, чӣ ки ғайри Ӯ чӣ касе нафареро аз фақр ба ғано расонад ва аз зиллати нафс наҷот бахшад?”[69]**

**“Эй Хоки Мутаҳаррик! Ман ба ту маънусам (наздикам) ва ту аз Ман маъюс (дур). Сайфи (шамшер) исён шаҷараи (дарахт) уммеди туро бурида. Ва Ман дар ҷамеъи ҳол ба ту наздикам ва ту дар ҷамеъи аҳвол аз Ман дур. Ва Ман иззати безавол барои ту ихтиёр намудам ва ту зиллати бемунтаҳо (беинтиҳо) барои худ писандидӣ. Охир то вақт боқӣ монда, руҷӯъ кун (баргард) ва фурсатро магузор.”[70]**

**“Дар ҳар сурат инсон дар дарёи алтофи Худо ғарқ аст, бинобар ин дар ҳеҷ ҳолате ноумед нашав, умедвор бош.”[71]**

**“Агар қалби инсон ба Худо таллуқ наёбад ба чӣ чизе хуш гардад? Агар умед ба Худо надошта бошад ба чӣ чизи ин ҳаёти дурӯзаи дунё дил бандад? Пас бояд умеди инсон ба Худо бошад! Зеро фазли Ӯ бемунтаҳост, алтофи Ӯ қадим аст, мавоҳиби Ӯ азим аст.”[72]**

Осори муборак дар бораи амонат ба мо чунин мефармоянд:

**“Ё қавм! Дар ин рузи олӣ некутарин пираҳан назди Худованд амонат аст. Кулли фазл ва фахр аз они нафсе хоҳад буд, ки худро ба ин ороиши аъзам биорояд.”[73]**

**“Амонат ҳамчунон қалъае аз барои мадинаи башар ва чун дида барои ҳайкали инсон аст. Ҳар нафсе аз он маҳрум монад, дар назди Тахти Ӯ бедида ҳисоб ёбад.”[74] (тарҷума)**

**“Мазоҳири амонати Илоҳӣ дар ҳар билод бошед. Бояд ба чунон дараҷаи камол ин сифатро зоҳир намоед, ки ҳатто агар ба шаҳрҳои тиллой гузар намоед лаҳзае чашмонатон мафтуни зарқ (дабдаба) ва барқи он нашавад.”**[75]

______________________________________________________________

______________________________________________________________

______________________________________________________________

______________________________________________________________

______________________________________________________________

Ин баёнот дар бораи шӯълавар будан тавзеҳ медиҳанд:

**“Эй дӯстон! Дар ин рӯз кулл бояд ба нори муҳаббати Худо чунон шӯълавар бошед, ки ҳарорати он дар кулли рагҳо ва бозувон ва аъзои ҷисматон зоҳир бошад ва мардуми дунё ба ин ҳарорат барафрозанд ва ба уфуқи Маҳбуб рӯй оваранд.”**[76] (тарҷума)

**“Ва ба ростӣ, ки аз ин Оташи фурӯзон ва шӯълавар дар қутби имкон шӯълавар шав, ба қадре, ки дарёҳои вуҷуд онро сард нанамояд.”**[77] (мазмун)

**“Ба ин оташ ки Худованди Раҳмон онро дар қутби оламҳо рушан кард, шӯълавар шав, то аз ту ҳарорати муҳаббати Ӯ дар қалбҳои писандидагон эҷод шавад. Роҳи Маро бипаймо, сипас қалбҳоро ба зикри Ман, Муқтадир ва Баландтарин, ҷазб фармо.”**[78] (мазмун )

**“Нори ишқ барафрӯз ва ҷумла ҳастиҳо бисӯз пас қадам бардор ва андар кӯи ошиқон гузор.”**[79]

______________________________________________________________

______________________________________________________________

______________________________________________________________

______________________________________________________________

______________________________________________________________

Сайъ кунед ҳади ақалл яке аз баёнотро ҳар як аз маҷмӯаҳои навиштаҳои боло аз бар намоед.

## БАХШИ 18

Ҳоло биёед ба достонҳои дарси 17 то 20 бипардозем, пас аз он ки ҳар якро бори дигар хондед, бо дигар аъзои гурӯҳи худ суолоти зерро баррасӣ кунед

Дар Дарси 17 достони Алӣ Аскарро таъриф хоҳед кард, ки ҳатто вақте маъмури фосид ӯро таҳдид кард, розӣ нашуд дурӯғ бигӯяд ва фиреб кунад. Кӯдакон ҳоло ба хубӣ медонанд, ки дурӯғгӯӣ дар назари Худованд писандида нест. Ин достон сабаб хоҳад шуд,

ки битавонанд бифаҳманд, ки итоат аз таолими Илоҳӣ сарчашмаи шуҷоат, яъне мавзӯи дарс аст. Чӣ бахшҳое аз достон ба онҳо кӯмак хоҳад кард, то ин робитаро барқарор кунанд? Агар қарор аст ки кӯдакон достонро пайгирӣ кунанд ва ин нуктаи муҳимро бифаҳманд, дар вақти ривоят кардани рӯйдодҳо муҳим аст, ки ба чӣ ҷузъиёте таъкид кунед?

Дарси 18 даври сифати умед мегардад ва дар он достон марди дилшикастаеро барои кӯдакон таъриф хоҳед кард, ки Ҳазрати Абдулбаҳо дубора умедвораш фармуданд. Он Ҳазрат ин мардро ғарқи меҳрабонӣ мекунанд ва ба Ӯ мефармонд, ки дар малакути Илоҳӣ ғанӣ аст. Ғано дар малакути Илоҳӣ ба ин маъно нест, ки сарвати моддии азиме дорем. Маънояш чист? Ёдоварии ин нукта аз тариқи Ҳазрати Абдулбаҳо чӣ гуна таваккули мардро ба мавҳибати Илоҳӣ афзоиш медиҳад? Чӣ гуна ба кӯдакон кӯмак хоҳед кард, ки бифаҳманд, ки бе таваккул ба Худо умедвор мондан мушкил аст?

Амонат мавзӯи Дарси 19 аст ва барои нишон додани аҳамияти ин сифат достони Муҳаммад Тоқиро барои донишомӯзони худ таъриф хоҳед кард, ки Ҳазрати Абдулбаҳо вазифаи дарёфт ва расонидани нома дар Арзи Ақдасро ба ӯ супориданд ҷузъиёти бисёре вуҷуде дорад, ки бояд ҳангоми таъриф кардани достон дар зеҳни худ дошта бошед, то кӯдакон ғояи аслии достонро аз даст надиҳанд. Ин ҷузъиёт кадомҳо ҳастанд? Дар тавсифи Муҳаммад Тоқӣ аз калимаҳои “эътимод” ва “амин” истифода хоҳед кард. Фикр кунед, ки мумкин аст, дар они воҳид бе таваҷҷӯҳ ва ҳам амонатдор буд?

Шахсияти Томас Брейквел меҳвари достони Дарси 20 аст, дарсе, ки шӯълаварӣ мепардозад. Ташбеҳи шамъи афрӯхта, оташи даргирифта, ва шӯълаи фурӯзанда аксар дар Осори муборака ба кор рафтааст, то ба мо кӯмак кунад, то сифати шӯълавариро дарк кунем, яъне шиддати ишқе, ки дар қалби худ нисбат ба Худо дорем. Бояд боварӣ дошта бошед, ки бо ин ташбеҳ донишомӯзони шумо бардоште аз маънои шӯълаварӣ ҳосил хоҳанд кард. Тавоноии фикронии интизоъӣ (тафаккури абстрактӣ) аз синни ҷавон дар кӯда-

кон вуҷуд дорад  ва бо рушди тавоноии забонашон парвариш меёбад. Бо дар зеҳн доштани ин афкор, таъин кунед чӣ бахшҳое аз достон нишон медиҳанд, ки Томас Брейвелл шӯълавар ба нори муҳаббати Худо буд. Чанд ҷузъиёте, ки достонро ҷаззоб мекунанд, кадомҳо ҳастанд?

## БАХШИ 19

Тасаввур он аст, ки шумо ва дигар ширкаткунандагон аз тамрин кардани элементҳои Дарси 17 то 20 илҳом гирифтед ва ҳоло омодаи баррасии чор дарси поёнии соли аввал, яъне дарсҳои 21 то 24  мебошед. Шояд бихоҳед дар оғози ҳар ҷаласа, ин дуоро аз бар тиловат кунед:

> **“Қалби поке дар ман офарин, эй Худои ман, ва виҷдони маро оромии наве бахш, Эй Умеди ман! Ба василаи рӯҳи қувват маро дар Амри Худ устувор кун, Эй Маҳбуби ман ва ба нури иззати Худ роҳи Худро бар ман ошкор кун, Эй Мақсади хоҳиши ман! Тавассути қудрати ҷалоли Худ маро ба осмони қудсияти Худ барор, Эй Сарчашмаи ҳастии ман, ва аз насими ҷовидониат маро шод гардон, Эй Худои ман! Оҳангҳои ҷовидонии Ту бар ман оромӣ бибахшад, Эй Ёри ман, ва ғанои Чеҳраи бостониат маро аз ҳама ҷуз Ту раҳоӣ бахшад, Эй Саркори ман, ва муждаи зуҳури Зоти нофаноят маро шодӣ бахшад, Эй, Он Ки ошкортарини ошкорҳост, ва ниҳонтарини ниҳонҳост! ”[80]**

Охирин муноҷоте, ки кӯдакон дар соли ҷорӣ аз бар хоҳанд кард, дар зер омадааст. Гарчи ба роҳатӣ то ҳадди зиёде аҳамияти онро дарк хоҳанд кард, бояд тасмим бигиред, ки калима ё иборатеро, ки мумкин аст барои онҳо нав ё ноошно бошад, чӣ гуна тавзеҳ хоҳед дод.

> **“Меҳрабоно ! Тифли сағирам бо дохил шудан дар Малакут кабир фармо. Дар заминам, осмонӣ фармо. Носутиям, лоҳутӣ фармо. Зулмониям, нуронӣ кун. Ҷисмониям, руҳонӣ намо. Ва мазҳари фуюзоти номутаноҳӣ фармо.**
>
> **“Туӣ Муқтадир ва Меҳрабон. .”[81]**

## БАХШИ 20

Чор дарси охирро, ки дар соли аввал дарс хоҳед дод, бихонед. Дар ҳоле, ки монанди ҳамеша таваҷҷӯҳи хосе ба идеяҳое доред, ки барои муаррифии навиштаҳои дарс бо донишомӯзони худ дар миён хоҳед гузошт, сифатеро, ки ҳар дарс ба он марказонида шудааст ёддошт кунед.

Дарси 21: ____________________

Дарси 22: ____________________

Дарси 23: ____________________

Дарси 24: ____________________

Навиштаи зер ин имкониятро барои шумо ва аъзои дигари гурӯҳатон хоҳад фароҳам кард, то дар бораи сифати руҳонии марбут ба  ин дарсҳо монанди қабл бо якдигар андешаронӣ кунед.

Осори Муборака дар бораи аҳамияти нуроният  ба мо чунин мегӯянд:

**“Эй шӯълаи муҳаббати Худо! Шуоъе бояд нур диҳад, шамс бояд тулӯъ кунад, моҳи комил бояд битобад ва ситора бояд бидурахшад. Чун ту шуоъ ҳастӣ аз Худо бихоҳ, ки нур ва равшанӣ бахшӣ ва офоқро нуронӣ кунӣ ва оламро ба нори муҳаббати Худо бисӯзӣ.”[82] (тарҷума)**

**“Эй қавми Ман! Бо шодмонӣ ва осудагӣ бо ҳам муносибат кунед.”[83] (мазмун)**

**“Инсонро барои он халқ кардааст, ки нури Илоҳиро бо ҳусни аъмол ва ахлоқ ва калом ва зиндагии худ ин ҷаҳонро равшан кунад.”[84]**

**“Хидмати олами инсонӣ хидмат ба Худо аст. Бигзор муҳаббат ва нури Малакут дар шумо битобад, то даме ки ҳамаи онҳое, ки ба ту менигаранд аз инъикоси он равшан шаванд. Мисли ситорагон дар авҷи осмон тобанда ва дурахшон бошед.”[85]**

____________________

____________________

____________________

____________________

____________________

Аз навиштаҳои зер дар бораи сифати вафо басират касб мекунем:

**“Баҳо бар ту ва бар ҳар собити мустақим ва росихи амин бод.”[86]**

**“Ба дурустӣ ки канизони Худованди Раҳмонро огоҳӣ деҳ, то замоне ки имтиҳон ва фитнаҳо шиддат меёбад, бар ҳубби Баҳо собит бимонанд. Чаро ки тӯ-**

**фонҳо ва бодҳо дар фасли зимистон мевазанд. Сипас баҳор бо манзараҳои бадеъ меояд ва теппаҳо ва даштҳоро бо гиёҳҳои хушбӯ ва гули зебо мерояд.”[87]**

**“Имрӯз касе аз наздикони Даргоҳи Кибриё аст, ки ҷоми вафо бахшад ва душманонро дурри ато бахшад, ҳатто ситамгори бечораро дастгир шавад, ва ҳар душмани ашаддиро ёри меҳрубон.”[88]**

Баёноти зер дар бораи сабр ҳастанд:

**“Эй Писари Инсон! Барои ҳар чизе нишонае ҳаст, ва нишонаи муҳаббат - сабр дар қазои Ман, ва шикебоӣ дар балоёи Ман аст.”[89]**

**“Пас хушо ба ҳоли бурдборон, ки дар шиддат ва сахтӣ сабр мекунанд ва аз ҳеҷ чиз нола ва фиғон намекунанд, ва дар роҳҳои сабр аз пайравон ҳастанд.”[90]**

**“Ба он чӣ аз қазои қотеъ ҷорӣ шуд, розӣ ва аз собирон бошед.”[91] (мазмун)**

**“Шоиста аст ҳар ки ба уфуқи Аъло таваҷҷӯҳ намуд ба ресмони сабр чанг занад, ва бар Худованди Нигаҳбони Мухтор таваккул намояд.”[92] (мазмун)**

Дар мавриди устувор навиштаҳои зерро дорем:

**“Ва баъд аз ирфони Ҳаққи Аъзам, умури устуворӣ бар Амри Ӯст.”[93]**

**“Ба шаъне бар Амри Илоҳӣ устувор бош, ки ҳеҷ амре туро аз хидмате, ки ба он маъмурӣ, манъ нанамояд.”[94]**

**“Ин ки бар муҳаббат ва Амри Худованд устувор бош, сипас Ӯро бо баён ёрӣ расон.”[95] (мазмун)**

**“Ва қадамҳои устувор дар Роҳи яқин гузорем, ки атри ширини насими ризо аз риёзи қабули Илоҳӣ бивазад ва ин фониёнро ба Малакути ҷовидонӣ расонад.”[96]**

**“Осудахотир ва устувор бош; хидматат ба қувваҳои малакутӣ таъйидшуда аст, чӣ ки мақсадҳоят олия, ва ҳадафҳоят пок ва писандида аст.”**[97] **(тарҷума)**

Сайъ кунед ҳади ақалл як навишта аз ҳар як маҷмӯаи болоро аз бар кунед.

## БАХШИ 21

Ҳоло биёед чор достони охирро, ки барои донишомӯзони худ таъриф хоҳед кард, бибинем, донишомӯзоне ки то ин лаҳзаи соати фавқуллода бисёреро бо ишон гузаронидаед, дар ҳоле ки кӯшидаед сифатҳои руҳониеро, ки ёд мегиранд, дар онҳо парвариш диҳед. Пас аз он, ки ҳар достонро дубора хондед, суолоти зерро дар гурӯҳи худ ба гуфтугӯ бигузоред.

Дар дарси 21, кӯдакон достоне дар бораи кӯдакии Дороти Бейкер хоҳанд шунид, замоне, ки он кас барои аввалин бор Ҳазрати Абдулҳоро зиёрат карданд. Онҳо хоҳанд дид, ки ӯ чӣ гуна дар масири достон, мафтуни нуронияти Он Ҳазрат, яъне сифате, ки мавзӯи аслии дарс аст мешавад. Нуронияти Ҳазрати Абдулбаҳо чи таъсире бар Дороти дорад? Умедворед ин достон чӣ гуна дилбастагии кӯдакон ба Ҳазрати Абдулбаҳо афзоиш диҳад?

Мавзӯи Дарси 22 вафо аст, сифате ки бо достони Исфандиёр нишон дода шудааст. Кадоме аз бахшҳои достон беш аз бақия бевосита ба ин мавзӯъ рабт доранд? Исфандиёр чӣ сифатҳои руҳонии дигареро аз худ ба намоиш мегузорад, ки ба ӯ кӯмак мекунад вафодор боқӣ бимонад? Итминон ҳосил хоҳед кард, ки чӣ ҷузъиётеро дар ривоятатон бигунҷонед?

Дарси 23 бар сифати сабр марказонида шуда аст. Дар достони ин дарс, Ли Шин ҳамчунон, ки дар тули марҳилаҳои гуногуни рушди дарахти ҳавлиаш – аз як донаи хурд ба дарахте, ки саранҷом самар медиҳад – ба он расидагӣ мекунад, аз худ сабр нишон медиҳад. Достон бар суруре, ки подоши муддатҳои сабр бо ҳамроҳии саъю кӯшиш аст, таъкид менамояд ва нишон медиҳад, ки маъмулан қабл аз дидани самараи корҳоямон бояд талоши бисёре кунем. Чаро муҳим аст, ки кӯдакон сифати рӯҳонии сабрро ба ин шакл бибинанд? Моил хоҳед буд чӣ ҷузъиётеро ҳангоми таъриф кардани достон барои донишомӯзонатон ба возеҳият дар назар дошта бошед?

__________________________________________________________

__________________________________________________________

__________________________________________________________

__________________________________________________________

__________________________________________________________

Дар дарси 24, достоне дар бораи Баҳия Хонум, хоҳари Ҳазрати Абдулбаҳо, барои кӯдакон таъриф хоҳед кард. Ин достон ба кӯдакон нишон хоҳад дод, ки Баҳия Хонум дар балоё чи устуворӣ аз худ зоҳир мефармуданд. Ҳамчунин моил хоҳед буд ба дарки ин амр ноил шаванд ки устуворӣ дар муҳаббати Илоҳӣ чизе беш аз ғалаба бар як буҳрон ва мусибати хосро дар бар дорад. Достони ҳаёти он кас чӣ гуна бо тобише аз қуввват ва суботи устуворӣ дар амри Илоҳӣ лозим бударо ба кӯдакон нишон хоҳад дод?

__________________________________________________________

__________________________________________________________

__________________________________________________________

__________________________________________________________

__________________________________________________________

## БАХШИ 22

Дар ин воҳид оиди сифатҳои руҳоние, ки дар соли аввал бо кӯдакон оиди онҳо ҷустуҷӯ хоҳед намуд, фикррронӣ кардед, ва анҷом додани элементҳои гуногуни 24 дарсро ки ба онҳо меомӯзонед, – бо ин умед, ки он ба парвариши ахлоқии онҳо кӯмак кунад – тамрин намудед. Ҳоло лаҳзаеро бо худ сарфи ёдоварии тамоми сифатҳои руҳоние бинамоед, ки ин эҳсоне, ки метавонед кӯдаконро дар тақвияти онҳо дар тӯли соли аввал кӯмак кунед, насибатон шуда. Ба назар беҷо нест, ки аз миёни ин сифатҳо кӯдакон дарсҳои худро бо мавзӯи пойдорӣ дар муҳаббатти Илоҳӣ ба поён хоҳанд расонд. Ҳамчунон, ки ба аввалин саъйҳои худ дар заминаи дарс додани синфҳои кӯдакон андеша меронед, бояд каме фикр кунед, ки пойдорӣ дар муҳаббати Ӯ чӣ гуна ба донишомӯзони таҳти назари шумо кӯмак хоҳад кард, то дар талош барои зоҳир сохтани тамоми сифатҳои ҷавоҳирмонанде, ки дар даруни онҳо пинҳон аст, суботкор бошанд.

## 24 Дарс

# ДАРСИ 1

### А. Тиловат ва ба хотир супурдани муноҷотҳо

Барои ҷазби файзу баракоти илоҳӣ ва ба вуҷуд овардани фазои руҳонӣ, синфро бо тиловати яке аз муноҷотҳое, ки аз бар ҳастед, монанди муноҷоте, ки дар Бахши 2 пешниҳод шудааст, шурӯъ кунед. Сипас аз кӯдакон бипурсед, ки оё нафаре аз онон муноҷоте аз бар медонанд, ки дар синф бихонанд. Пас аз он муноҷоти зерро аз бар хоҳанд кард. Барои он, ки ба онҳо кӯмак кунед, то аҳамияти онро бифаҳманд, ҳар калимае ки фикр мекунед, мумкин аст лозим бошад бо мисолҳои ба кӯдакон аён тавзеҳ дода шавад, мушаххас кунед. Интизор меравад, ки теъдоди зиёде аз кӯдакон ин муноҷотро ба осонӣ ёд бигиранд, аммо бояд дар аввали се ҷаласаи баъдӣ онро бо кӯдакон такрор кунед, ки то дарси панҷум, ки дар он ёдги-рии муноҷоти навро оғоз мекунанд, ин муноҷот дар қалб ва зеҳнашон нақш бандад.

**“Ҳуваллоҳ. Худоё, қалби софе чун дурр ато фармо .”[98]**

Чун муноҷоте, ки кӯдакон дар ин чанд дарси аввал аз бар хоҳанд кард кӯтоҳ аст, мавқеъиятҳои мухталифе хоҳед дошт, ки чанде аз идеяҳое, ки дар Бахши 2 дар бораи эҳтиром ва моҳияти дуо зикр шудаанд, бо онҳо бо гуфтугӯ бигузоред.

### Б. Сурудҳо

Пас аз замони махсуси дуо кӯдакон метавонанд ёд бигиранд, ки суруди зерро бихонанд. Ин суруд бар асоси дуои боло ва навиштае аст, ки баъдан дар мавриди мавзӯъи дарс, яъне покии қалб, аз бар хоҳанд кард. Чунки мумкин аст баъзе калимот барои кӯдакон душвор бошанд, метавонед ба онҳо кӯмак кунед, ки ёд бигиранд чор сатри аввалро бихонанд ва шумо бақияи сурудро идома диҳед.

Аввалин насиҳати Ман

```
C   C/B      Am C/B
Эй Писари Руҳ!
C   C/B      Am C/B
Эй Писари Руҳ!
     F                 G
Аввалин насиҳати Ман инаст
     F                 G
Аввалин насиҳати Ман инаст
            F     G           C        Am
Молик шав қалби поку неку мунир
       F        G     C        Am
То молик шавӣ   мулки     боқӣ
F            G       C      C/B   Am    C/B
Ҷовидонӣ, абадӣ ва азалиро
F            G       C
Ҷовидонӣ,    абадиро.
```

## B. Ба хотир супурдани навишта

Ба унвони фаъолияти баъдӣ, кӯдакон навиштаеро аз Осори Баҳоӣ аз бар хоҳанд кард. Метавонед мавзӯъи дарс ва навиштаеро, ки бояд аз бар кунанд, ба шакли зер муаррифӣ намоед:

> Қалби мо монанди оина аст. Мо бояд ҳамеша онро тозаву покиза нигоҳ дорем. Кина доштан нисбат ба дигарон, ҳасудӣ ба як нафар ва номеҳрубонӣ бо ҳар фарде ба ҳар далеле монанди ғуборе ҳастанд, ки оинаи қалбамонро мепӯшонанд. Вақте, ки қалби мо пок аст, он нури Худованд ва хислатҳои Ӯро инъикос мекунад (хислатҳое монанди меҳрубонӣ, муҳаббат ва бахшиш) ва мо метавонем сабаби шодии дигарон шавем. Барои кӯмак ба ҳифзи покии қалбҳоямон, биёед ин навиштаеро аз Ҳазрати Баҳоуллоҳ аз бар кунем:

**"Эй Писари Руҳ! Нахустин насиҳати Ман ин аст, ки қалби пок, некӯ ва мунирро молик шав…"**[99]

Агар Баёни Муборакро кӯдакон ба хубӣ фаҳманд, онро метавонанд ба осонӣ аз бар кунанд. Бинобарин, тавсия мешавад, ки ба баҳси маънии калимот ва иборахо вақт ҷудо кунанд. Дар зер чанд ҷумлае оварда шудааст, ки ба шумо дар ин маврид ёрӣ хоҳад дод.

*Насиҳат*

1. Як рӯз Жерард ва Мэри тасвирҳоро рангдиҳӣ мекарданд. Ба Жерард қалами зард лозим шуд, вале Мэри онро додан намехост. Муаллим ба Мэри гуфт, ки ӯ бояд қаламро ба Жерард ҳам диҳад. Муаллим насиҳати хубе ба Мэри дод.

2. Патрисия намедонад, бо пулаш чиро харидорӣ намояд: ширинӣ ё китоби достонҳоро. Волидайн маслиҳат доданд, ки китобро харидорӣ намояд. Волидайн ба Патрисия насиҳати хубе медиҳанд.

*Молик*

1. Тиная пеш аз хоб муноҷот хонданро дӯст дорад. Ӯ китоби дуои хурдакак дорад, ки аз рӯи он мехонад. Тиная молики китоби муноҷоти хурдакак аст.

2. Мо сабзавоти хушмаззаи зиёде дар боғи худ дорем. Мо молики қитъаи замини хубе ҳастем, ки миқдори зиёди сабзавоти тару тозаро ба мо медиҳад.

*Қалби пок*

1. Кэйти асабонӣ шуд ва калимоти номеҳрубононае ба Агот гуфт. Агот норохат буд, аммо хеле зуд Кэйтиро бахшид. Агот қалби поке дорад.

2. Густаво дӯст дорад, ки кулчачаҳои ширини худро ба ҳамаи кӯдакон тақсим кунад. Ҳатто ба Хорхе, ки ҳеҷ чизи худро ба дигарон тақсим намекунад. Густаво қалби поке дорад.

*Қалби некӯ*

1. Вақте волидайни Минг Линг дӯстонашонро ба манзили худ даъват мекунанд, ӯ бо шодӣ ба онҳо хӯрок таклиф мекунад. Минг Линг қалби некӯ дорад.

2. Ҷаноби Робертсон хеле солхӯрда аст. Ҷимми ба ӯ кӯмак мекунад, ки ҳосили меваҳои боғашро ба бозор бибарад. Ҷимми қалби некӯ дорад.

*Қалби мунир*

1. Вақте эҳсоси нороҳатӣ мекунам, модарам ҳамеша маро хушҳол ва шод месозад. Модарам қалби мунире дорад.

2. Обуя бемор шуд ва лозим буд тамоми вақти худро дар бистар бигузаронад. Ӯ хеле дуо хонд, нороҳат нашуд, ва ҳамчунон хушбахт буд. Обуя қалби мунире дорад.

**Г. Достон**

Баъд аз он, ки кӯдакон навиштаро аз ёд карданд, метавонед достони зерро дар бораи Ҳазрати Абдулбаҳо барои онҳо бигӯед. Ин достон аҳамияти покиии қалбро беш аз пеш ба онҳо нишон хоҳад дод. Ба ёд дошта бошед, ки агар баъзе аз кӯдакони синфи шумо бо Ҳазрати Абдулбаҳо ошно нестанд, бояд омода бошед, ки қабл аз шурӯъ чанд калима дар бораи Он Кас бигӯед.

> *«Ҳазрати Абдулбаҳо ҳамеша метавонистанд бигӯянд, ки аз қалби як инсон чӣ мегузарад ва одамонеро, ки қалбашон пок ва мунир буд, бисёр дӯст доштанд. Хонуме буд, ки ифтихор дошт ҳангоми шом меҳмони Ҳазрати Абдулбаҳо бошад. Чунонки нишаста буд ва ба калимаҳои ҳакимонаи Он Кас гӯш медод, ба истакони об дар муқобили худ нигоҳе андохт ва фикр кард: «Оҳ, кош Ҳазрати Абдулбаҳо қалби маро аз ҳар хостаи заминӣ холӣ мекарданд ва дубора онро бо муҳаббат ва фаҳми Илоҳӣ пур мекарданд. Дуруст ҳамон тавре, ки ин корро метавон бо ин истакони об анҷом дод.»*
>
> *Ин фикр фавран аз зеҳнаш гузашт, вале ӯ чизе дар борааш нагуфт. Аммо пас аз он чунин воқеае рӯй дод, ки сабаб шуд бифаҳмад Ҳазрати Абдулбаҳо медонистанд ӯ дар бораи чӣ фикр мекунад. Он Ҳазрат дар ҳоле ки дар миёнаи суханронии Худ буданд, таваққуф карданд ва хидматгореро назди Худ хонданд ва бо оромӣ чанд калима ба ӯ фармуданд. Хидматкор ба оромӣ ба маҳалли нишасти он хонум дар паси миз омад, истаконашро бардошт, онро холӣ кард ва дубора муқобили ӯ қарор дод.*
>
> *Каме баъд Ҳазрати Абдулбаҳо зимни идомаи сӯҳбати Худ, як кӯзаи об аз рӯи миз бардоштанд ва ба ҳолати бисёр табиӣ, оҳиста, истакони холии он хонумро бо об пур карданд. Ҳеҷ касе мутаваҷҷеҳ нашуд, ки чӣ руй дод, аммо он хонум донист, ки Ҳазрати Абдулбаҳо ба хоҳиши қалби ӯ посух медоданд. Қалби ӯ саршор аз сурур шуд. Акнун, ӯ медонист, ки қалбҳо ва зеҳнҳои ҳамагон назди Ҳазрати Абдулбаҳо ба монанди китобҳои кушода ҳастанд ва Он Кас метавонистанд бо муҳаббат ва меҳрабонии азим онҳоро бихонанд.»*

**Д. Бозӣ: “Саҳим шудан”.**

Барои фаъолияти баъдӣ, як чархи мошинро рӯи замин қарор диҳед ва сипас аз кӯдакон бихоҳед, ки бибинанд чӣ теъдоде аз онҳо метавонанд ҳамзамон дар рӯи он рост биистанд. Агар

чархи мошин дар дастрасӣ нест, метавонед ба ҷои он як порчаи матоъ ё рӯймол ё чизи мисли он рӯи замин қарор диҳед. Ҳар чизе, ки интихоб кунед, бояд ба андозае хурд бошад, ки битавонад бозиро барои шумораи кӯдакони мавҷуд дар синф душвор сохта тавонад.

**Е. Рангдиҳӣ: Наққошии 1**

Баъд аз бозӣ, метавонед кӯдаконро гирди ҳам оваред, ба ҳар як аз нусхаи наққошии 1 бидиҳед, то рангдиҳӣ кунанд. Зимни он тавзеҳ диҳед ки навиштаи аз бар кардаашон дар поёни саҳифа навишта шудааст ва аз сӯҳбати кӯтоҳе, ки аз қабл дар бораи робитаи тасвир бо мавзӯъи дарс ба онҳо тайёр кардаед ба онҳо бигӯед.

**Ж. Дуоҳои хотима**

Барои ба поён расонидани дарс метавонед аз ду ё се кӯдак хоҳиш кунед, ки муноҷот ё навиштае, ки аз бар кардаандро тиловат кунанд. Сипас метавонед муноҷоти хотимаро бихонед.

# ДАРСИ 2

**А. Тиловат ва ба хотир супурдани муноҷот.**

Пешниҳод мешавад, ки ин ҷаласа ва ҷаласаи баъдро бо муноҷоте, ки дар оғози дарси аввал тиловат кардед, шурӯъ кунед. Метавонед аз чанд тан аз кӯдакон, ки аз қабл интихоб кардаед, бихоҳед, ки ҳар кадом яке аз муноҷотҳое, ки медонанд, бихонанд. Пас аз он ба донишомӯзони худ кӯмак кунед, то аз бар кардани муноҷотҳеро, ки дар дарси қабл муаррифӣ шуд, идома диҳанд.

**Б. Суруд (Такрори сурудҳои пешинро низ дарбар мегирад.)**

Ба унвони фаъолияти баъдӣ, кӯдакон метавонанд ду суруд бихонанд, яке аз дарси қабл ва дигаре суруди нави зерин дар бораи адолат, ки мавзӯъи ин дарс аст:

Роҳи наҷиб

D
Адл як роҳи наҷибест
A D
Рӯзи равшантар орад
G D
Аз кирдорҳои нек
A D
Тобад бар толиб
D A D
А-адолат роҳест нек

*(давомаш дар саҳифаи оянда)*

D
Ёд орем Абдулбаҳо

A D
Хайр мекарду бахшиш

G D
Бо андак қонеъ буд

A D
То орад хушбахтии беш

D A D
Аз баҳри дигарон

D
Аз рӯи адл мебахшем

A D
Аз сурури зиндагӣ,

G D
Аз эҳсоне, ки дорем

A D
Беҳтар оламе месозем

D A D
Чун адл наҷиб роҳест

*(қитъаи аввал, мисраи охир 2 дафъа такрор мешавад)*

**B. Ба хотир супурдани навишта**

Пас аз ду суруд, кӯдаконро ташвиқ хоҳед кард, ки навиштаеро аз Осори Ҳазрати Баҳоуллоҳ аз бар кунанд. Баъзе идеяҳо барои шарҳ додани мавзӯи дарс ва навиштаи пешниҳодӣ барои шумо дар инҷо омадааст:

> Худованд адолатро дӯст дорад. Вақте адолат бошад, ҳама аз чизҳои хуби зиндагӣ лаззат мебаранд. Ҳар кӯдаке метавонад ба мактаб биравад, ҳар хонаводае хонаи роҳате дорад ва касоне, ки дороии бештаре доранд, барои хайри дигарон бо шодӣ аз атоҳое, ки аз Худо дарёфт кардаанд, ба дигарон мебахшанд. Вақте бо адл ва инсоф бо якдигар рафтор мекунем, Худо аз мо розӣ аст. Агар бибинем, ки нисбати касе бадрафторӣ мешавад, бояд барои ёрӣ ба онҳо бархезем ва бар онҳо кӯмак кунем. Бояд аз дӯстон ва ҳамсоягони худ он чиро ки ба онҳо тааллуқ дорад, нагирем. Вақте қарор аст чизе тақсим шавад, бояд мутмаин шавем, ки ҳеҷ касе фаромӯш нашуд ва ҳама саҳми боинсофонае дарёфт карданд. Барои кӯмак ба мо барои он ки боинсоф ва одил бошем, биёед ин навиштаро аз Осори Ҳазрати Баҳоуллоҳ аз бар кунем:

**“Роҳи адлро бипаймоед, ки дар ҳақиқат он роҳи рост аст...”**[100] **(тарҷумаи мазмун)**

Муҳим хоҳад буд, боварӣ ҳосил кунед, ки кӯдакон қабл аз ин ки шурӯъ ба аз бар кардани навиштаи боло кунанд, фаҳми появие аз он доранд. Чанд ҷумла дар зер оварда шудааст, ки ба шумо кӯмак кунад то калимаҳое, ки барои онҳо нав ҳастанд, тавзеҳ диҳед.

*Бипаймоед*

1. Дар ҷангал баргҳои зиёде аз дарахтон афтида, пайраҳаро пӯшонидаанд. Фумико дар ҷангал роҳ меравад. Ӯ роҳи баргпӯшидаро мепаймояд.

2. Педро дӯст дорад ба дӯстонаш кӯмак кунад, ки бо шодӣ бо якдигар бозӣ кунанд. Педро ва дӯстонаш хеле ягона ҳастанд. Педро роҳи ваҳдатро мепаймояд.

*Роҳ*

1. Луи як маркаб дорад. Ӯ маркабро барои чаридан ба дашт бурд, ва ӯро танҳо гузошт. Маркаб роҳи хонаро ба танҳоӣ пайдо кард.

2. Ду роҳ ба мадраса ҳаст. Мили ҳамеша дӯст дорад аз роҳе биравад, ки аз канори хонаи модаркалонаш мегузарад.

*Адл*

1. Ба Карлос қаламҳои рангӣ дода шуд, то дар синф онро тақсим кунад. Даҳ қалами рангӣ ва панҷ кӯдак вуҷуд дошт. Карлос ба ҳар кӯдаке ду қаламӣ дод. Карлос дар тақсими қаламҳо аз рӯи инсоф ва адл рафтор кард.

2. Дар чоҳи ҳавлии Анна оби бисёр аст, аммо оби чоҳи ҳамсояаш баъзе вақтҳо хушк мешавад. Анна ҳаргиз намегузорад, ки ин ҳамсоя аз беобӣ азоб кашад ва ҳамеша бо чеҳраи кушода, ӯро даъват мекунад, ки об гирад. Анна адлро дӯст дорад.

**Г. Достон**

Пас аз он ки кӯдакон ёд мегиранд, ки навиштаро аз бар тиловат кунанд, метавонед достони зерро дар бораи Ҳазрати Абдулбаҳо ба онҳо бигӯед, ки нишон медиҳад Он Кас чӣ қадар одил буданд.

*Рӯзе Ҳазрати Абдулбаҳо ирода фармуданд, ки аз Акко ба Ҳайфо ташриф бибаранд. Он Кас рафта, нархи як ҷои нишасти арзонро дар фойтуни оддӣ пардохтанд. Соҳиби фойтун тааҷҷуб кард ва шояд аз худ пурсид, ки чаро Ҳазрати Абдулбаҳо чунин сарфаҷӯӣ карда ва дар фойтуни арзоне савор мешаванд? «Ҷаноби Мӯҳтарам! Шумо ҳатман бояд бо як фойтуни хусусӣ мусофират бифармоед» - нидо баровард ӯ. Ҳазрати Абдулбаҳо фармуданд: «Ҳеҷ гоҳ!» ва тамоми роҳ то Ҳайфо дар ҳамон фойтуни оддии пуродам сафар карданд. Вақте ки Он кас дар Ҳайфо аз фойтун поён омаданд, як зани бечораи моҳигир назди Он Кас омада, хоҳиш кард то ба ӯ кӯмакпулӣ диҳанд. Дар тӯли рӯз ягон моҳӣ ба даст оварда натавониста буд ва акнун бояд назди оилаи гуруснааш бармегашт. Ҳазрати Абдулбаҳо пули хубе ба ӯ дода ва ба фойтунчӣ баргашта гуфтанд, «Чаро ман бояд бо шукӯҳ ва дабдаба сафар кунам, ҳангоме ки ин қадар мардум гуруснаанд?»*

**Д. Бозӣ: Ташнагии сӯзон**

Пас аз вақте, ки ба достонгӯӣ бахшида шуда буд, кӯдакон муштоқи анҷом додани бозӣ хоҳанд буд. Чӯбҳоеро ба дастонашон бибандед, ба тавре ки натавонанд оринҷашонро қат кунанд. Сипас аз онҳо бихоҳед, ки вонамуд кунанд, ки бо якдигар дар биёбоне роҳ мераванд ва ҳама хеле-хеле ташна ҳастанд. Вақте ба истаконҳои обе, ки барои онҳо гузоштаед мерасанд,

бояд роҳе барои нӯшидани об биёбанд. Онҳо хоҳанд дарёфт, ки танҳо роҳи нӯшидани об он аст, ки ба якдигар кӯмак кунанд. Дар ҳоле, ки эҳтиёт мешаванд ҳамдигарро бо об тар накунанд.

**Е. Рангдиҳӣ: Наққошии 2**

Барои фаъолияти баъдӣ ба ҳар кӯдак нусхае аз Наққошии 2 бидиҳед, то ранг диҳанд. Ба кӯдакон ёдоварӣ кунед, ки навиштае, ки аз бар кардаанд, дар поёни саҳифа қарор дорад ва бояд омода бошед дар бораи робитаи тасвир бо мавзӯъи дарс сӯҳбати кӯтоҳе бинамоед.

**Ж. Дуоҳои хотима:**

Вақте кӯдакон рангомезиро тамом карданд, метавонед аз чанд тан аз онҳо даъват кунед дуо ё навиштае, ки дар ин дарс ё дарси қабл аз бар карданд, бихонанд. Метавонед му-ноҷоти хотимаро тиловат кунед.

# ДАРСИ 3

**А. Тиловат ва ба хотир супурдани муноҷот**

Барои шурӯъи синф муноҷотеро аз бар тиловат кунед ва аз чанд кӯдак, ки аз қабл интихоб кардаед, бихоҳед, ки ҳар як муноҷоте тиловат кунанд. Сипас метавонед замонеро ҳамроҳи донишомӯзони худ сарфи такрор кардани муноҷотҳое, ки ёдгириашро дар дарси аввал оғоз карданд, бинамоед.

**Б. Сурудҳо (Такрори сурудҳои пешинро низ дарбар мегирад.)**

Ин фаъолиятро ба ин тартиб шурӯъ кунед, ки аз кӯдакон бихоҳед ду сурудеро, ки дар дарсҳои гузашта ёд гирифтаанд, бихонанд. Сипас суруди зерро, ки ба мавзӯъи дарс, яъне муҳаббат, рабт дорад, ба онҳо таълим диҳед.

Дӯст дор, дӯст дор

C F
Дӯст дор! Дӯст дор!

G C
Дӯст дор ҳамаро

C F
Офарид аз муҳаббат

D7 G
Худо оламро

C F
Аз муҳаббати Худ

C G
Офарид Худо туро

*(давомаш дар саҳифаи оянда)*

C F
То дӯст дорӣ Ӯро
G C
Ва инсонҳоро

Дӯст дор накӯии
Ҷовидонаро
Бикор базрҳои
Ишқу дӯстиро
Аз муҳаббаташ
Офарид Худо туро
То дӯст дорӣ Ӯро
Ва инсонҳоро

Дӯст дор офаринишро
Наздик аст ё дур
Инсонро бибин ҳамчун
Ситораи пурнур
Ҳамаро дӯст дор чун
Офарид Худо туро
То Ӯро дӯст дорӣ ва инсонҳоро (2 бор)

**B. Ба хотир супурдани навишта:**

Барои муаррифии навиштае, ки донишомӯзонатон бояд аз бар кунанд, метавонед афкори зерро дар заминаи мавзӯъи дарс, бо онҳо дар миён гузоред:

> Муҳаббати Илоҳӣ ба монанди шуоъҳои хуршед бар тамоми башар метобад. Шуоъҳои хуршед бар биёбонҳои хушк ва боғҳои сарсабз яксон метобад. Бо гармои он, донаҳое, ки дар замини ҳосилхез кошта шудаанд, рушд мекунанд ва самараи гаронбаҳо медиҳанд. Бинобар ин бояд дар хоки поки қалбҳои худ донаҳои муҳаббати Худоро бикорем. Бо гармии нигоҳубини муҳаббатомези Илоҳӣ рушд хоҳанд кард ва шукуфа хоҳанд дод. Сипас ишқ вусъат хоҳад ёфт ва ба ҳама, ҳатто ба касоне, ки гоҳе бо мо номеҳрубон ҳастанд, муҳаббат нишон хоҳем дод. Барои он ки ба мо кӯмак шавад, ки ҳамаи навъи башарро дӯст бидорем, биёед ин баёни Ҳазрати Баҳоуллоҳро аз бар кунем:
>
> **“Эй дӯст! Дар равзаи қалб ҷуз гули ишқ макор.”**[101]
>
> Дар ин навишта танҳо калимае, ки метавонад эҳтиёҷ ба шарҳ додан бошад калимаи ҷуз аст, ки маънояш “танҳо” аст.

*Ҷуз*

1. Динео дӯст дорад дар бораи хуршед ва гулҳо суруд бихонад ва дар бораи ҳеҷ чизи дигаре суруд намехонад. Динео ҷуз дар бораи нури хуршед ва гулҳо суруде намехонад.

2. Та Ҷен мехост ба рӯдхона биравад, аммо корҳои худро дар хона анҷом надода буд. Падараш гуфт, то корашро тамом накунад, наметавонад биравад ва мутаассифона Та Ҷен

нороҳат шуд. Модаркалонаш гуфт: «Азизам, агар ба падарат итоат накунӣ, ҳамаи нақшаҳоят чизе ҷуз нокомӣ намеоранд.»

**Г. Достон:**

Пас аз замони махсуси аз бар кардани навишта, метавонед достони зерро барои донишомӯзони худ таъриф кунед:

*Дар айёме, ки Ҳазрати Абдулбаҳо дар шаҳри муқаддаси Акко зиндагӣ мекарданд, марде буд, ки бо Он Кас бисёр бадрафторӣ менамуд. Ӯ фикр мекард, ки Ҳазрати Абдулбаҳо инсони хубе нестанд ва барои Худо муҳим нест, ки бо баҳоиён чӣ қадар бадрафторӣ мешавад. Дар ҳақиқат, ӯ эътиқод дошт, ки бо нафрат нишон додан нисбат ба баҳоиён, ӯ муҳаббати худро нисбат ба Худо нишон медиҳад. Ӯ бо тамоми вуҷуд аз Ҳазрати Абдулбаҳо нафрат нишон медод. Он нафрати ӯ рушд кард ва қалбашро чиркин ва фосид намуд. Ба андозае, ки ин олудагӣ гоҳе монанди обе, ки аз кӯзаи шикаста мерезад, аз ӯ берун мезад. Дар масҷид, вақте мардум барои намоз хондан меомаданд, ин мард муқобили Ҳазрати Абдулбаҳо доду фарёд мекард ва ҳарфҳои ваҳшатангезе дар бораи Он Кас мезад. Вақте Ҳазрати Абдулбаҳо аз хиёбон мегузаштанд, рӯи худро бо ҷомааш мепӯшонид, то Он Касро набинад.*

*Ин мард хеле фақир буд ва на ғизои кофӣ барои хӯрдан дошт ва на либосҳои гарм барои пӯшидан. Фикр мекунед Ҳазрати Абдулбаҳо нисбат ба ӯ чӣ карданд? Он Кас ба ӯ меҳрубонӣ нишон медоданд, барояш хӯрокӣ ва либос мефиристоданд ва итминон ҳосил мекарданд, ки ба ӯ нигоҳубин карда мешавад. Барои мисол, як бор ки ин мард сахт бемор шуд, Ҳазрати Абдулбаҳо ба назди ӯ духтурро burданд ва пули хизмати духтурро ҳам доданд ва пули дору ва хӯрокашро ҳам пардохтанд ва миқдоре низ пул ба ӯ доданд. Ӯ ҳадяҳоро аз Ҳазрати Абдулбаҳо пазируфт аммо аз он Ҳазрат ташаккур накард. Дар воқеъ як дасташро ба духтур дод, то набзашро бигирад, ва бо дасти дигар рӯяшро пӯшонид, то Ҳазрати Абдулбаҳоро набинад. Ва солиёни сол ба ин тартиб гузашт. Ва баъд як рӯз саранҷом қалби он мард дигаргун шуд. Ба хонаи Ҳазрати Абдулбаҳо омад, ба пои Он Кас афтод ва бо қалби маҳзун ва ашкҳое, ки мисли ду рӯдхона аз чашмони ӯ сарозер буд, гирякунон гуфт: «Оқо, маро бибахшед! Бисту чор сол ба Шумо бадӣ кардам. Бисту чор сол Шумо ба ман фақат хубӣ кардед. Ҳоло медонам, ки дар иштибоҳ будаам. Лутфан маро афв кунед!» Ишқи волои Ҳазрати Абдулбаҳо ин гуна бар нафрат фирӯз шуд.*

**Д. Бозӣ: “Пул (Купрук)”**

Барои фаъолияти баъдӣ метавонед аз нимкат, тахта, хишт ё қолинча истифода кунед ва хате рӯи замин дуруст кунед. Ин «Пул» аст. Кӯдаконро ба ду гурӯҳ тақсим кунед ва ба онҳо бигӯед, ки ҳар ду гурӯҳ бояд ҳамзамон ва аз ду тарафи муқобил аз пул бигазаранд, бидуни ин бигузоранд, ки касе аз пул биафтад. Кӯдакон хоҳанд дарёфт, ки барои муваффақият бояд ба якдигар кӯмак кунанд, то ҷои худро иваз карда, як як аз канори якдигар гузаранд. Барои кӯмак ба кӯдакон, метавонед онҳоро ба оромӣ ба аввали пул ҳидоят кунед ва кӯмак намоед қадам ба қадам рӯи пул пеш раванд. Ба ҷои он, ки ҳамаи хурдсолонро ҳамзамон рӯи пул қарор диҳед, метавонед бо теъдоде аз онҳо ва дар ҳар замон бо ду нафарашон тамрин кунед. Пас аз чанд бор нишон додани роҳи бозӣ, метавонед ба теъдоди кӯдакон рӯи пул афзоед то кам-кам ҳама вориди бозӣ шаванд ва рӯи пул қарор гиранд.

**Е. Рангдиҳӣ: Наққошии 3**

Пас аз бозӣ метавонед ба ҳар кӯдак нусхае аз наққошии 3 бидиҳед, то ба унвони фаъолияти охирин онро ранг кунанд. Ба ёд дошта бошед, ки сӯҳбати кӯтоҳе дар бораи иртиботи тасвир бо мавзӯъи дарс бинамоед.

**Ж. Дуоҳои хотима**

Барои ба охир расонидани ҷаласа донишомӯзони худро ташвиқ кунед, ки дар сукут бинишинанд, дар ҳоле, ки ду ё се нафар аз онҳо дуо ё навиштаеро, ки аз бар кардаанд тиловат мекунанд. Сипас шумо ё яке аз кӯдакон метавонанд як муноҷоти хотимавӣ бихонанд.

# ДАРСИ 4

**А. Хондан ва ба хотир супурдани муноҷот**

Пас аз ниёишҳои оғозӣ, муноҷотҳоеро ки донишомӯзон дар чанд дарси қабл аз бар карданд, бо онҳо такрор намоед.

**Б. Суруд (Такрори сурудҳои пешинро низ дарбар дорад.)**

Барои фаъолияти баъдӣ, аз кӯдакон бихоҳед то сурудҳоеро, ки дар дарсҳои қабл ёд гирифтаанд, бихонанд. Пас ин суруди навро дар бораи мавзӯъи садоқат ба онҳо биомӯзед.

Ҳарфи рост

G D
Оина агар зери чанг монад
A D
Нурҳоро инъикос нанамояд
G D
Парранда бо боли гилолуд
A D D7
Парвоз кардан натавонад

ДАСТИҶАМЪӢ

G D
Агар мо ҳамеша ростгӯем
A D D7
Рӯҳҳо қобили пешрафтан гардад
G D
Чун асоси фазилатҳои инсонӣ
A D
Садоқату ростӣ бувад

*(давомаш дар саҳифаи оянда)*

ДАСТИҶАМЪӢ

Киштӣ бо бодбони пора
Ҳаргиз шино натавонад
Дидаҳо дар паси парда
Ҳеҷ роҳи худро набинанд

ДАСТИҶАМЪӢ *(мисраи охирин такрор мешавад)*

**B. Ба хотир супурдани навишта:**

Пешниҳод мешавад мавзӯъи дарс ва навиштаеро, ки бояд аз бар кунанд, ба ин шакл муаррифӣ кунед

Садоқат яке аз муҳимтарин сифатҳои руҳонӣ аст, ки ҳар инсон бояд дошта бошад. Ҳаргиз набояд ҳатто хурдтарин дурӯғ бигӯем, агар ҳатто ҳеҷ касе бохабар нашавад. Одамон гоҳе барои он ки аз гуфтани ҳақиқат метарсанд, дурӯғ мегӯянд. Мо медонем, ки Худо аз ҳамаи корҳои мо огоҳ аст ва наметавонем ҳеҷ чизеро аз Ӯ пинҳон кунем. Мо бояд ошиқи ҳақиқат бошем. Агар ростгӯ набошем, парвариши сифатҳои дигаре монанди адолат, муҳаббат ва меҳрубонӣ ва низ наздик шудан ба Худо барои мо мушкил хоҳад буд. Биёед баёни зерро аз Ҳазрати Абдул-Баҳо аз бар кунем:

**“Сидқ ва ростӣ асоси ҳамаи фазилатҳои инсонӣ аст.”**

Дар зер ҷумлае оварда шудааст, то ки тавзеҳи маънии калимаҳоро аз навиштаҳои боло, ки мумкин аст барои кӯдакон душвор бошанд, кӯмак кунад.

*Сидқ ва ростӣ*

1. Истакон аз дасти Санҷай афтод ва шикаст. Вақте модараш аз ӯ пурсид, ки чӣ шуд, ӯ ба модараш ҳақиқатро гуфт ва дурӯғ нагуфт. Санҷай бо сидқ ва ростӣ амал кард.

2. Гито як шаб он қадар вақти худро сарфи бозӣ кард, ки вазифаи хонагиашро тамом накард. Рӯзи баъд, вақти замони супурдани вазифаи хонагиаш расид, ӯ тасмим гирифт, ки бояд ба муаллимаш ҳақиқатро бигӯяд, бо он ки медонист, ӯ хушнуд нахоҳад шуд. Гито бо сидқ ва ростӣ амал кард.

*Асос*

1. Падари Алок хона месохт. Ӯ пеш аз сохтани деворҳо, зери ҷое, ки бояд деворҳо қарор мегирифтанд, сангу симон гузошт. Сангу симон асоси хонаро тартиб шакл медиҳанд. Асоси хона кӯмак мекунад, ки хона побарҷо бимонад.

2. Пеш аз он ки хондан ва навиштанро ёд бигиред, бояд ҳарф ва садоҳои ҳарфро бидонед. Донистани ҳарфҳо ва садоҳои ҳарфҳо асос барои ёдгирии хондан ва навиштан аст.

*Фазилатҳо*

1. Аврора самимӣ, муаддаб ва меҳрубон аст. Самимият, одоб ва меҳрубонӣ баъзе аз фазилатҳои бешумори ӯст.

2. Хонум Пэтил дар бораи адолат, бахшандагӣ, фурӯтанӣ ва дурустӣ ба кӯдакон таълим медиҳад. Инҳо баъзе аз фазилатҳои муҳиме аст, ки ҳар фард бояд дошта бошад.

**Г. Достон**

Ба сифати фаолияти баъдӣ шумо метавонед достони зерро нақл кунед, ки дар андеша оиди сифати ростӣ ба онҳо кӯмак хоҳад кард.

*Дар як кишвари дурдаст, як замоне, як чӯпони ҷавоне зиндагӣ мекард, ҳангоме ки падари ӯ дар киштзор кор мекард ва модараш саргарми корҳои хона буд, ӯ бояд вазифаи ба чарогоҳ бурдани гӯсфандонро ба ӯҳда мегирифт. Як рӯз писар бисёр зиқ шуд ва тасмим гирифт, ки ба ҳилае ҳамсоягонашро ба бозӣ кашад. Ногаҳон, шурӯъ ба фарёд кард, ки «Гург омад-е…! Гург…! Гӯсфандонро хӯрда истодааст!» Ҳамаи дӯстонаш давида омаданд, то дар рондани гургон кӯмак намоянд, аммо вақте ки ба он ҷо расиданд, диданд, ки чӯпони ҷавон ба ҳоли онҳо механдад, зеро онон бисёр тарсида буданд, вале дар ҳақиқат, дар он ҷо гурге набуд. Дӯстонаш баргашта ба ҷои кори худ рафтанд ва дар роҳ байни худ изҳор доштанд, ки рафтори писар хеле бад буд.*

*Рӯзи дигар низ он писар рафтори шайтонии худро такрор кард. «Гург омад! Гург омад! Ёрӣ диҳед! Ёрӣ диҳед!» Баъзе аз ҳамсоягонаш боз ҳам ба кӯмак шитофтанд, ва диданд, ки чӯпони ҷавон ба ҳоли онҳо механдад, зеро ин дафъа низ дурӯғ гуфта буд, ки гург ҳамла карда аст. Рӯзи сеюм вақте фарёди «Гург омад! Гург омад!»-и писарро шуниданд ки фаред мезад: Гӯсфандонро мехӯрад! Лутфан, ёрӣ диҳед!» Ҳеч касе аҳамияте надод, зеро ҳама фикр карданд, ки ин боз як дурӯғи навбатист. Он рӯз гург дар ҳақиқат омада, гӯсфандонро пора кард. Чӯпони ҷавон бисёр ғамгин шуд, вале дарси хубе гирифт: Агар дурӯғ гӯем, рӯзе хоҳад омад, ки на волидайн, на бародарон, на хоҳарон ва ҳатто дӯстонамон ҳам ба он чӣ мегӯем, бовар нахоҳанд кард, агарчи ҳарфи мо рост бошад!*

**Г. Бозии “Телефони ламсӣ”:**

Баъд аз нақли достони боло, шумо метавонед аз кӯдакон хоҳиш кунед, ки бозии «Телефони ламсӣ»-ро ҳамчун фаолияти навбатии имрӯз иҷро кунанд. Аз кӯдакон хоҳиш кунед, ки паси ҳамдигар дар як саф биистанд ва кӯдаки аввалин рӯ ба рӯи тахтаи сиёҳ хоҳад истод. Агар лозим бошад, беш аз як саф низ метавон ташкил дод. Муаллим бо ангушташ чизе дар пушти охирон кӯдак мекашад. Кӯдак ҳам дар навбати худ ҳамонро дар пушти кӯдаки пеш аз ӯ истода мекашад ва ба ҳамин минвол идома медиҳанд, то ин ки навбат ба кӯдаке мерасад ки дар аввали саф рӯ ба тахтаи сиёҳ истодааст, ки ӯ онро бо бӯр рӯи пораи коғазе ва ё тахтаи сиёҳ мекашад. Дар охир шумо паҳлӯи нақши рӯи тахта он чизҳиеро, ки пушти кӯдаки дар охири саф буда кашида будед, мекашед. Тасвирҳо бояд содда бошанд, то ҳама кӯдакон битавонанд онҳоро такрор кунанд.

**Е. Рангдиҳӣ: Наққошии 4**

Метавонед тибқи маъмул нусхаҳе аз Наққошии 4 ба кӯдакон пахш кунед, то ба унвони фаъолияти баъдӣ онҳоро ранг кунанд.

**Ж. Дуоҳои хотима**

Монанди ҳамеша синфро ба ин тартиб тамом кунед, ки аз кӯдакон бихоҳед, то сокит бишинанд, дар ҳоле, ки навиштаҳо ва муноҷотҳо тиловат мешавад.

# ДАРСИ 5

## A. Тиловат ва ба хотир супурдани муноҷот

Дар ин дарс ва се дарси баъд, бояд синфро бо тиловати як муноҷоти дигаре, ки аз бар ҳастед, шурӯъ кунед. Як муноҷот бо ин манзур дар бахши шашум пешниҳод шудааст. Пас аз он, ки чанд кӯдак низ муноҷотҳое тиловат карданд, метавонед муноҷоти зерро муаррифӣ кунед, ки аз бар намоянд. Интизор меравад ҳамаи онҳо битавонанд ҳади ақалл бахше аз муноҷотро дар ин ҷаласа ёд бигиранд ва то Дарси 8-ум тамоми онро аз бар тиловат кунанд:

> ***“Худоё! Ҳидоят намо, ҳифз фармо. Сироҷе равшан кун, ситораи дурахшанда намо. Тӯӣ Муқтадир ва Тавоно.”*** [103]

## B. Суруд (Такрори сурудҳои пешинро низ дарбар дорад.)

Барои ин дарс, метавонед илова ба ин ки суруди зерро ба кӯдакон ёд медиҳед, суруди дигарро, ки медонанд, низ бо онҳо бихонед.

### Чашмаи саховат

```
        C
Бояд ки чашма бошӣ
      C                G
Ҷӯшанда босаховат
F                C
Агар ин гуна        бошӣ
 Dm7        G7        C
Гарди        ту        босаодат
         F               C
Ҷустуҷӯ кун дар қалбат
   D7                              G7
Дорӣ он чӣ ки додан хоҳӣ?
```

Саодат мақсади ту
Бибахш дилат, бибахш ҷон
Агар ин мароми туст
Худованд ҳамроҳи туст
Ҷустуҷӯ кун дар қалбат
Дорӣ он чӣ ки додан хоҳӣ

Саодат мақсади ту
Бибахш дилат, бибахш ҷон
Агар ин мароми туст
Худованд ҳамроҳи туст

**B. Ба хотир супурдани навишта**

Афкори зер ба шумо кӯмак хоҳанд кард, то мавзӯъи дарс ва навиштае, ки кӯдакон аз бар хоҳанд кард, муаррифӣ намоед:

> Худованд нисбат ба махлуқоти худ бисёр бахшанда аст. Ӯ бар гиёҳон борон меборад ва бар ҳайвонот ва инсонҳо ризқ ва рӯзӣ медиҳад. Ӯ ҳамаи моро нигаҳдорӣ мекунад. Ӯ атоҳои зиёде ба мо кардааст: чашмоне, ки бо онҳо кӯҳҳо ва дарёҳо ва ситораҳо ва тамоми зебоиҳои дар атрофи худ бударо бибинем, гӯшҳое, ки бо онҳо оҳангҳо ва сурудҳо, чаҳчаҳи паррандагон, насиҳатҳои волидайнамон ва калимаҳои Илоҳиро бишнавем. Ӯ ба мо ақл додааст, ки бо он метавонем дар бораи асрори олам биомӯзем ва бештар аз ҳамаи ин ба мо қувваҳои руҳонӣ додааст, ки бо он метавонем Ӯро бишносем ва дӯст дошта бошем. Ҳамон тавре, ки Худо ба мо бахшанда аст, мо низ бояд дар барои дигарон бахшанда бошем. Мо бояд аз он чӣ дорем барои фароҳам намудани ниёзҳои дигарон бибахшем: аз хӯрокамон, аз дороиҳоямон, аз вақтамон, аз донишамон. Мо бояд ишқу сурурро ва чизҳои хубе, ки дар хона ва мактаб меомӯзем, бо дигарон дар миён гузорем. Барои он ки дар кӯшишҳоямон барои бахшандагӣ ва саховат доштан кӯмак ва ёрӣ дарёфт кунем, биёед ин баёни Ҳазрати Баҳоуллоҳро, ки бахшандагии Худоро ба мо ёдоварӣ мекунад, аз бар кунем:

**“Бахшандагӣ ва саховат аз сифатҳои Мананд; хушо аз барои касе, ки бо сифатҳои Ман ороста шуд.”[104]**

*Бахшандагӣ ва саховат*

1. Ром ва Роҷиш каме пул пасандоз кардаанд. Онҳо қарор гузоштанд, ки чанд китобе барои бародарон ва хоҳарони хурдсолашон бихаранд. Ром ва Роҷиш саховатманд ва бахшанда мебошанд.

2. Миссис Мерфи тамоми саҳар ба пухтани тортҳо машғул буд. Пеш аз ин ки онҳоро ба шаҳр бурда фурӯшад, ӯ ду торти калонро ба ҳамсоягонаш бурда дод. Миссис Мерфи саховатманд ва бахшанда аст.

*Сифатҳо*

1. Санг бисёр сахт аст. Сахтӣ яке аз сифатҳои санг аст.

2. «Яке аз сифатҳои ту ин аст, ки ҳар корро бо саъю кӯшиш мекунӣ», гуфт муаллим ба Шарлин.

*Оростан*

1. Имшаб дар маркази ҷомеа ҷамъомади дуо ва муноҷот баргузор мегардад. Кӯдакон гул чиданд, то дар хонаи ҷомеавӣ гузоранд. Кӯдакон хонаи ҷомеавиро бо гул оростанд.

2. Ли Фенг писаре аст, ки лабханди зебое дорад. Аксари вақт чеҳрааш бо лабханд ороста аст.

**Г. Достон**

Дар ин дарс достони зерро ба кӯдакон хоҳед гуфт. Ин достон ба онҳо кӯмак хоҳад кард, ки дар бораи мафҳуми бахшандагӣ ва саховат андешаронӣ кунанд.

*Рӯзе фарде, ки масъули гӯсфандони падари Ҳазрати Абдулбаҳо, яъне Ҳазрати Баҳоуллоҳ буд, аз Ҳазрати Абдулбаҳо даъват кард, ки он рӯзро бо чӯпонон дар чарогоҳ бигузаронанд. Ҳазрати Абдулбаҳо дар он замон кӯдаки хурдсол буданд ва ҳанӯз то замоне, ки Ҳазрати Баҳоуллоҳ ва хонаводаашон маҷбур ба тарки ватани маҳбубашон шуданд, вақти зиёде боқӣ буд. Ҳазрати Баҳоуллоҳ заминҳои зиёде дар кӯҳистон доштанд ва соҳиби галаҳои бузурги гӯсфандон буданд. Ҳазрати Абдулбаҳо бо ризоияти модарашон ба чӯпонон ҳамроҳ шуданд ва дар назди онҳо дар ҳоле, ки чӯпонон суруд мехонданд, мерақсиданд ва ғизои хубе омода мекарданд, рӯзи хеле хуберо гузаронидаанд. Вақте рӯз ба охир расид ва Ҳазрати Абдулбаҳо омодаи бозгаштан шуданд, чӯпонон дар атрофи Он Кас гирд омаданд ва сӯҳбатҳои охирини худро гуфтанд, ва хайрухуш карданд. Марде, ки Он Ҳазратро ҳамроҳӣ карда буд, тавзеҳ дод, ки расм он аст, ки соҳибони замин ва галаҳои гӯсфанд ҳангоми хайрухуш бояд ба чӯпонон ҳадя-ҳое марҳамат кунанд. Ҳазрати Абдулбаҳо чанд лаҳзае сукут фармуданд ва чизе надоштанд, ки ба чӯпонон бидиҳанд. Аммо он мард бо исрор гуфта буд, ки чӯпонҳо интизории ҳадя доранд. Ногаҳон ба ёди Ҳазрати Абдулбаҳо фикре омад:“Он Кас ба чӯпонон якчанд гӯсфанд аз ҳисоби он рамаи калоне, ки онҳо мечаронданд, хоҳанд дод!” Ҳангоме ки Ҳазрати Баҳоуллоҳ дар бораи фикри саховатмандонаи писарашон нисбат ба чӯпонон шуниданд, бисёр хушҳол шуданд. Он Ҳазрат бо шухӣ зикр фармуданд, ки «аз ин ба баъд ҳама бояд ба хубӣ аз Ҳазрати Абдулбаҳо бохабар бошанд, зеро як рӯзе хоҳад омад, ки Ӯ Худашро низ хоҳад бахшид». Дар ҳақиқат, албатта ин ҳамон корест, ки Ҳазрати Абдулбаҳо дар тӯли ҳаёти муборакашон анҷом доданд. Он Кас ҳар чӣ доштанд, ҳатто ҳар як лаҳза аз зиндагии мубораки Худро ба инсоният бахшиданд, то моро муттаҳид намоянд, ва хушбахтии ҳақиқӣ оваранд.*

**Д. Бозии: “Дугоникҳо”:**

Пас аз достон монанди ҳамеша кӯдакон як бозӣ анҷом медиҳанд. Онҳоро ба гурӯҳҳои дунафара тақсим кунед ва сайъ кунед, то ҳадди имкон кӯдакони ҳамқадро бо ҳам қарор диҳед. Аз ҳар гурӯҳ бихоҳед пушт ба пушти якдигар истанд ва зонуҳояшонро қат кунанд ва ба ҳолате, ки пушт ба паси ҳамдигар қарор гиранд ва рӯи замин сари ду по нишинанд. Сипас оринҷҳои худро ба якдигар ҳалқа карда, кӯшиш кунанд, ки аз замин хезанд. Вақте муваффақ шуданд, гурӯҳҳои 3 ё 4 нафараи кӯдаконро барои анҷоми ҳамин кор даъват кунед.

**Е. Рангдиҳӣ: Наққошии 5**

Барои фаъолияти охирин метавонед нусхаҳое аз наққошии 5 ба кӯдакон бидиҳед, то рангдиҳӣ кунанд.

**Ж. Дуоҳои хотима**

Метавонед ба равиши маъмул ба дуо ва навиштаҳо, ки худатон ва чанд тан аз кӯдакон тиловат мекунанд, синфро ба поён расонед.

# ДАРСИ 6

**А. Хондан ва аз бар кардани муноҷот.**

Пас аз он, ки шумо ва чанд тан аз кӯдакон дарсро бо муноҷот оғоз мекунед, метавонед ба кӯдакон кумак кунед то аз бар намудани муноҷотеро, ки дар Дарси 5 пешниҳод шуда буд, идома диҳанд.

**Б. Суруд. (Такрори сурудҳои пешинро низ дарбар мегирад.)**

Ба унвони фаъолияти баъдӣ, ба кӯдакон ёд бидиҳед, суруди зерро, ки мавзӯъи дарс рабт дорад, бихонанд. Онҳо ҳамчунин метавонанд чанд суруди дигарро, ки ба таври хос аз хонданашон лаззат мебаранд, низ бихонанд.

Бародаратро бартар бидон

```
C        G/B    Am7       C
Ман ташнаам, ман ташнаам
```
(давомаш дар саҳифаи оянда)

```
 Dm          G          C               Am7
Лек бародарам донам аввал
  F    Em       Dm          C
Оби худро ба ӯ диҳам
 Dm              G                C
Коре нест аз ин беҳтар
```

ДАСТИҶАМЪӢ:

```
F            G                  C            Am
Ин баракат аст гар аз худ бигзар
   F           G           C            Am
Баҳри  хоҳар       ё         бародар
F            G                    C            Am
Ҳарчи бештар ту гар диҳанда бошӣ
  F          G                              C
Ҳамон қадар шавӣ ту ғанитар
```

Ман гуруснаам, ман гуруснаам
Лек хоҳарамро донам аввал
Аз хӯрокам ба ӯ диҳам
Коре нест аз ин беҳтар

ДАСТИҶАМЪӢ

**В. Ба хотир супоридани навишта**

Дар ин дарс кӯдакон баёнеро аз Осори Ҳазрати Баҳоуллоҳ аз ёд хоҳанд намуд, ки моро ба азхудгузаштагӣ даъват мекунад. Ин мавзӯъро метавонед ба ин тариқ пешниҳод кунед:

> Худованд ҳар яке аз моро дӯст дорад. Ӯ қалби инсонро офаридааст, то Ӯро бишиносад ва дӯст дорад. Бо қалбҳои пок мо метавонем нишонаҳои Худовандро, ки дар ҳар як аз офариниши Ӯ ва аз ҳама бештар дар чеҳраи дигар инсонҳо инъикос шудааст бубинем: - волидайнамон, бародарон ва хоҳаронамон, дӯстон ва ҳамсоягонамон. Ишқи мо чунон азим аст, ки зиёдтарин хушҳолии мо вақте рух медиҳад, ки сурурро барои дигарон ба армуғон оварем ва роҳати онҳоро аз роҳати худ афзалтар донем. Ин гуна аст, ки мо қабл аз он ки ба худамон фикр кунем ба ҳамнавъони худ фикр мекунем. Биёед баёни зерро аз Ҳазрати Баҳоуллоҳ азёд кунем:

**“Хушо ба ҳоли касе, ки бародарашро аз худ афзалтар донад!”**

*Хушо*

1. Модари Амелия ба ӯ супориш медиҳад, ки ба мағоза биравад ва панҷ навъ чизҳоеро бихарад. Ӯ рӯйхате аз он панҷ чиз тайёр накард, аммо ба ёдаш нигоҳ медорад, ва ҳамаи он панҷ чизро мехарад. Хушо аз барои Амелия, ки ҳофизаи хубро дорад.

2. Хонаводаи Виктор ҳар рӯз субҳ дар хонаашон бо якдигар дуо мехонанд. Хушо аз барои хонаводаи Виктор, ки ба он мавҳибати зикри Илоҳӣ бахшида шудааст.

*Афзал*

1. Модаркалони Аннушка ҳам чойи наъноро дӯст дорад, ва ҳам чойи лимӯро. Аммо агар имконияти интихоб кардан дошта бошад, чойи наъноро интихоб мекунад. Ӯ чойи наъноро афзал медонад.

2. Вясна метавонад берун равад ва бозӣ кунад ё ба падараш дар корҳои боғча ёрӣ расонад. Ӯ тасмим мегирад, ки дар кори боғча ба падараш ёрӣ кунад. Вясна афзал медонад, ки ба падараш ёрӣ расонад.

**Г. Достон**

Достони зерин тавсиф мекунад, ки Ҳазрати Абдулбаҳо чӣ тавр бо суханҳояшон ва амалҳояшон роҳу расми азхудгузаштагиро ба мо нишон медиҳанд.

> *Ҳазрати Абдулбаҳо барои Худ либосҳои арзонқиматро афзал медонистанд. Комилан покиза будан барои Он Кас муҳимтар буд. Вақте либоҳоси иловагӣ доштанд, ҳамеша онҳоро ба дигарон мебахшиданд. Як рӯз қарор буд ба меҳмони ҳукмрони Акко бишаванд. Ҳамсари Ҳазрати Абдулбаҳо эҳсос карданд, ки ҷомаи Он Ҳазрат барои ин мавқеъияти махсус хеле ҳам муносиб нест. Он кас аз муддати қабл назди дӯзанда рафтанд, ва ҷомаи хубе барои Ҳазрати Абдулбаҳо супориш доданд. Вақте рӯзи мулоқоти ҳукмрони Акко фаро расид, ҷомаи нав барои Ҳазрати Абдулбаҳо омода гузошта шуда буд, аммо Он Ҳазрат шурӯъ ба ҷустуҷӯи ҷомаи қадимии Худ фармуданд. Чӣ тавр метавонад ҷомае ба он гаронқиматии зиёд барои Он Кас бошад? Бо қимати ин як ҷома метавон панҷ ҷомаи маъмулӣ таҳия кард! Он Кас ба ҳамсари муборакии Худ фарму-*

*данд: "Он вақт мебинӣ, ки на танҳо як ҷомаи нав хоҳам дошт, балки чаҳор ҷомае низ хоҳам дошт, ки ба дигарон бидиҳам!"*

**Д. Бозӣ: "Ҳалазун ё Тӯқумшуллук"**

Барои фаъолияти баъдӣ ба кӯдакон бигӯед, ки бояд тӯқумшуллук бошанд. Барои он, ки ба анҷоми ин кор муваффақ шаванд, бояд ба саф биистанд ва даст ба дасти ҳамдигар диҳанд ва дасти ҳамдигарро раҳо накунанд. Касе, ки дар аввали саф қарор дорад, меҳвар хоҳад буд ва бояд комилан беҳаракат бошад. Кӯдаке, ки дар охири саф қарор дорад, бояд кӯдакони дигарро ҳидоят кунад, то даври кӯдаке, ки дар марказ қарор дорад, бипечанд. Кӯдакон кам-кам бояд ба таври морпеч бипечанд, то ба шакли як тӯқумшуллук дароянд. Ба унвони як шакли дигар бозии боло, ба кӯдакон бигӯед дубора ба саф биистанд даст ба дасти ҳам диҳанд. Сипас аз кӯдаке, ки дар як охири саф истодааст, бихоҳед шурӯъ кунад ва дар шакли доира бичарханд ва оҳиста-оҳиста дигаронро дар атрофи худ бипечонад. Мутмаин шавед, ки ҳангоми анҷоми ин кор кӯдакон рӯи поҳои якдигар намераванд. Агар вақт иҷозат медиҳад вақте кӯдакон шакли як ҳалазун (тӯқумшуллук)-ро гирифтаанд, ба касоне, ки дар миёнаи қарор доранд, бигӯед зонуҳояшонро қат кунанд ва кӯдаке, ки дар миёна қарор дорад зери дастони кӯдаки канори худ биравад ва роҳро аз зери дастони кӯдакони дигар идома диҳад, то аз ҳалазун (тӯқумшуллук) хориҷ шавад. Кӯдакони дигар зимни ин ки дастҳоро дар дасти ҳам нигоҳ доштаанд, бояд дар дунболи ӯ аз зери дастони якдигар бигузаранд, то аз тӯқумшуллук хориҷ шуда дубора дар саф шаванд. Возеҳ аст, ки барои анҷом додани ин бозӣ бояд теъдоди кофии кӯдаконро дар синф дошта бошед.

**В. Рангдиҳӣ: Нақошии 6.**

**Г. Муноҷотҳои хотимавӣ.**

## ДАРСИ 7

**А. Тиловат ва ба хотир супурдани муноҷот**

Баъд аз ин, ки шумо ва кӯдаке чанд муноҷотҳои шурӯъро хондаед, онҳо метавонанд ҷумлае чанд аз муноҷоте, ки дар Дарси 5 муаррифӣ гардида буд, аз бар намоянд.

**Б. Суруд (Такрори сурудҳои пешинро низ дарбар мегирад.)**

Шодӣ бахшад боли парвоз

D A D G D
Шодӣ бахшад боли парвоз, диҳад болу пар
D A D A D
Шодӣ бахшад боли парвоз, диҳад болу пар

A D
Ҳангоми шодӣ қуввати мо афзояд
A D
Ҳангоми шодӣ зеҳнамон дар парвоз аст

*(давомаш дар саҳифаи оянда)*

A D
Ҳангоми шодӣ фаҳмиши мо равшан аст

D A D A D
Шодӣ бахшад боли парвоз, диҳад болу пар

Dm A7 Dm A7 Dm
Вале вақте ғам ояд, вақте ғам меояд

A Dm A Dm
Мо нотавон, мегардем беқувват

A Dm A Dm
Фаҳмиши мо тира, афкори мо беранг

A7
Ва-ле-боз

Шодӣ бахшад боли парвоз, диҳад болу пар
Шодӣ бахшад боли парвоз, диҳад болу пар

Вақте ки шодӣ қувватат афзояд
Вақте ки шодӣ ақл мекунад парвоз
Вақте ки шодӣ фаҳмишат равшан аст
Шодӣ бахшад боли парвоз, диҳад болу пар

**B. Ба хотир супурдани навишта**

Матни зер ба шумо кӯмак хоҳад кард навиштаро, ки кӯдакон дар ин дарс аз бар хоҳанд кард, дар бораи мавзӯъи сурур ба онҳо муаррифӣ кунед:

Ҳазрати Абдулбаҳо ба мо мефармоянд, ки сурур ба мо болу пар медиҳад, вақте масрурем, қавитар ҳастем ва вақте шодмонем зудтар ҳама чизро дарк мекунем. Сурур аз сифатҳои қалби инсон аст. Мо бо қалби саршор аз сурур, метавонем атоҳои Илоҳиро дар атрофи худ бибинем: муҳаббати волидайни меҳрабон, мавҳибати дӯстӣ ва муҳаббат ва болотар аз ҳама, мавҳибати шинохтан ва дӯст доштани Худованд. Мо бояд дар ҳар шароите шод ва масрур бошем ва ниҳояти кӯшиши худро бикунем, то сурурро барои дигарон ба армуғон оварем. Ҳазрати Абдулбаҳо мехоҳанд, ки ҳамаи кӯдакон монанди чароғҳои нуронӣ бидурахшанд, ва нури сурурро ба ҳама ҷо битобонанд. Барои ин, ки ба мо кӯмак шавад, то ба ёд дошта бошем, ки бояд ҳамеша масрур бошем, биёед ин баёни зерро аз бар кунем:

**“Эй Писари Инсон! Бо сурури қалбат масрур шав, то шоистаи дидори Ман бошӣ ва инъикоси зебоиам шавӣ!”**

*Масрур*

1. Роналд дур аз падаркалон ва модаркалонаш зиндагӣ мекунад. Вақте ӯ шунид, ки вай ҳангоми таътилоти мактабӣ ба мулоқоти онҳо хоҳад омад, ӯ бисёр хурсанд шуд. Қалби Роналд масрур шуд.

2. Мижгон ба модар ва падараш кӯмак кард, то тухмиҳои бодирингро дар боғчаашон бикоранд. Вақте дид, ки бодирингҳои хурдакак кам-кам падидор мешаванд, қалбаш масрур шуд.

*Шоиста*

1. Сиона дар дарс хонданаш кӯшиши зиёд мекунад ва баҳоҳои аъло мегирад. Муаллим ба хотири бисёр кӯшиш кардани ӯ дар хонданаш ӯро таҳсин кард. Бисёр кӯшиш кардани Сиона ба назари муаллима шоистаи таҳсин буд.

2. Давид ҳамеша ба хубӣ аз хоҳар ва бародараш нигоҳубин мекард. Волидайнаш медонистанд, ки метавонанд нигоҳубин кардани кӯдаконро ба вай бовар кунанд. Давид шоистаи боварии падар ва модараш буд.

*Инъикос*

1. Амри сангеро ки пайдо карда буд, он қадар сайқал дод, ки он ҷилодор шуд ва нурро инъикос мекард.

2. Қалби пок монанди оина хислатҳои Илоҳиро инъикос мекунад.

*Зебоӣ*

1. Модари Илана аз дидани парвози паррандагон дар осмон, гулҳои шукуфта ва мавҷҳои уқёнус ки ба соҳил меоянд лаззат мебурд. Ӯ дар табиат зебоӣ ва ҷамол мебинад.

2. Баъзан ҷамол ва зебоии як суруд он қадар бар қалби мо таъсир мегузорад, ки ашк ба чашмонамон меорад.

3. Ҳар вақт Мунир дуо мехонад, зебоии Худованд, муҳаббати Ӯ, бахшиши Ӯ, ва ҳиммати Ӯро ба ёд меоварад.

**Г. Достон**

Достоне, ки дар зер аст, барои кӯдакон шарҳ медиҳад, ки чӣ гуна Ҳазрати Абдулбаҳо ба дилҳои атрофиёни Худ сурур мебахшиданд.

*Лерой Йоас аз ҷумлаи баҳоиёни барҷастае буд, вақте бузургтар шудед эҳтимолан бештар бо он кас ошно хоҳед шуд. Он кас дар соли 1912, вақте ки Ҳазрати Абдулбаҳо ба Чикаго сафар карданд, писари хурдсоле буданд. Оё метавонед тасаввур кунед, ки ин тифли руҳонӣ аз имконияти ҳузур дар назди Ҳазрати Абдулбаҳо чӣ ҳаяҷоне дошт? Дар ҳоле, ки бо падараш дар роҳи меҳмонхонае буданд, ки Ҳазрати Абдулбаҳо он ҷо иқомат доштанд, фикре ба зеҳни Лерой расид: Ӯ тасмим гирифт, ки ба Ҳазрати Абдулбаҳо гул бибарад. Бо пули андаке, ки дошт, тавонист як даста гули мехаки сафеди зебо бихарад. Аммо ҳангоме, ки ба меҳмонхона расиданд, тасмимаш дигар шуда буд. Тасмим гирифт, ки намехоҳад ҳеҷ чизи моддие ба Ҳаз-рати Абдулбаҳо бидиҳад, ҳатто гулҳои зебоеро. Ӯ қалбашро тақдим хоҳад кард. Ин муҳимтарин чизе буд, ки барои ҳадя*

*додан дар ихтиёр дошт. Бинобарин падари Лерой гулҳоро ба Ҳазрати Абдулбаҳо дод, бе ин ки зикр кунад, чӣ касе гулҳоро овардааст.*

*Сипас Ҳазрати Абдулбаҳо ба ҳамаи дӯстоне, ки барои зиёрати Он Кас дар меҳмонхона ҷамъ шуда буданд, бо хитобае рӯй овარданд. Дар вақти сӯҳбаташон Лерой ором дар поён назди пойҳояшон нишаста буд ва ба калимоти ҳакимона ва пурмуҳаббати Он Кас гӯш медод. Сипас Ҳазрати Абдулбаҳо баланд шуданд, ба меҳмонон даст доданд ва ба ҳар кадом донае аз гули мехаки сафед ба нишонаи муҳаббате, ки доштанд, бифармуданд. Лерой ҳоло дар паси Ҳазрати Абдулбаҳо истода буд. Бо худаш фикр кард: «Оҳ! Эй кош бармегаштанд ва бар ман ҳам шохае аз он гулҳо медоданд». Шояд дар замири қалбаш, орзу дошт Он Кас бидонанд, ки чӣ касе ин гулҳои зеборо барои Он Кас овардааст. Аммо гулҳои мехаки сафед яке яке ба одамони дигар дода мешуд ва баъд ба назар намеомад, ки Лерой яке аз онҳоро дарёфт кунад. Баъд ногаҳон, Ҳазрати Абдулбаҳо баргаштанд ва нигоҳашонро ба Лерой Йоас дӯхтанд. Аз сурати муборакашон муҳаббате меборид ва чашмонашон саршор аз меҳрубонӣ буд ва аммо чӣ шуд? Оё Он Кас ба Лерой як мехаки сафед доданд? Ҳазрати Абдулбаҳо чизе ба маротиб боарзиштар ба Лерой доданд. Ҳазрати Абдулбаҳо гули садбарги сурхи зебое сари синаи ҷомаи Худ доштанд, ва онро аз ҷомаашон берун кашиданд, ва ба он писари хурдсол доданд. Қалби Лерой аз сурур ба тапиш даромад. Ба ҳар ҳол Ҳазрати Абдулбаҳо медонистанд, ки чӣ касе мехакҳои сафедро барои Он Кас овардааст.*

**Д. Бозӣ: “Аждаҳоро аз думаш гиред”**

Дар оғози бозӣ аз бачаҳо бихоҳед, то саф кашанд ва ҳар тане аз онон дастони худро ба рӯи китфи касе, ки пеш аз онҳо меистад, гузорад. Кӯдаки якум дар он саф “сар”-и аждаҳост. Кӯдаки охирон дар саф “дум”-и аждаҳост, ки ба чапу рост давиданро дӯст медорад, то аз дасти “сари аждаҳо” гурезад. То замоне, ки «Бирав!», хитоб карда мешавад, аждаҳо бояд ба шакли як сафи рост бошад. Яке аз кӯдакон мешуморад «Як, ду, се, бирав!» Бо ишораи «Бирав!» “сар” ба ҳар тараф давидан мегирад ва кӯшиш мекунад, ки “дум”-ро дастгир кунад. Тамоми бадани аждаҳо бо сар бояд ҳаракат кунад ва аз ҳам ҷудо нашавад. Агар “сар” тавонист ба дум даст занад, ё агар бадани аждаҳо қабл аз муваффақ шудани сар аз ҳам ҷудо шавад, сар табдил ба дум мешавад. Бозиро метавон ба ин тартиб идома дод, то замоне, ки тамоми кӯдакон ақалан як бор имконият дошта бошанд, ки сар ё дум шаванд.

**Е. Рангдиҳӣ: Наққошии 7**

**Ж. Дуоҳои хотима**

# ДАРСИ 8

**А. Тиловат ва ба хотир супоридани муноҷот**

Мутобиқи маъмул бо хондани яке аз дуоҳое, ки аз бар доред два дуоҳои чанде нафар аз донишомӯзон, ки аз қабл интихоб кардаед, синфро шурӯъ кунед. Сипас метавонед муноҷотеро, ки кӯдакон дар Дарси 5-ум оғоз кардаанд бо онҳо такрор намоед.

**Б. Сурудҳо (Такрори сурудҳои пешинро низ дарбар мегирад.)**

## Самимият

ДАСТИҶАМЪӢ

```
          E          A
Мо бояд ҳамеша зоҳир созем
B         E       A       B
Ростиву самимиятамонро

          E          A
Мо бояд ҳамеша зоҳир созем
B         E       A       B
Ростӣ ва самимият  (такрор)

         E                   A            B
Ҳама ҳарфҳоям ҳамеша аз таҳти дил
 E                    A     B
Ҳунарам суханҳои ҳаққу нек
E                  A     B
Оҳ, самимият чӣ ганҷест ҳақиқӣ
A         E          B        E
Омехтаи зебоӣ ростқавливу покӣ
A         E          B     E  A E
Оҳ, самимият чӣ ганҷест ҳақиқӣ
```

Вақти хидмат аз самими дил бахшам, зеҳнам
Пок созам сараввал дуо хонам
Созанд амалҳоям ин тавр асли ваҳдат
Оҳ, самимият чӣ ганҷест ҳақиқӣ
Оҳ, самимият чӣ ганҷест ҳақиқӣ

Чун дуо хонам аз сидқи дил хонам
Дидагон баста Худоро ёд орам
Дар фикри хоҳишҳоям нестам лек дар фикри он
К-ҳаме самимият битобад з-амалҳоям
Оҳ, самимият чӣ ганҷест ҳақиқӣ

ДАСТИҶАМЪӢ *( 2 бори дигар такрор мешавад)*

**В. Ба хотир супоридани навиштаҳо**

Навиштаро ба бачаҳо барои азёдкунӣ муаррифӣ намуда, метавонед андешаронихҳои зе-рини вобаста ба мавзӯи дарсро далел оред:

Ҳангоме, ки гуфтору кирдори мо чизҳои дар диламон ҷойдоштаро намоиш медиҳад, мо сифати самимиятро аз худ нишон медиҳем. Самимият илҳомбахши мо аст, то дар рафторамон бо дигарон содиқ ва вафодор бошем. Масалан, вақте мегӯем, ки аз кори кардаамон пушаймон ҳастем, ва ҳамчунин дар дили худ медонем, ки тамоми кӯшишамонро ба харҷ медиҳем, то иштибоҳҳои худро такрор накунем. Маҳз ба шарофати самимият дигарон метавонанд покии қалби моро бибинанд ва ба мо эътимод кунанд. Барои он, ки мо аҳамияти ин хислатро дар хотир дошта бошем, иқтибоси зеринро, ки аз Ҳазрати Абдулбаҳо оварда шудааст, аз ёд мекунем:

**"Бояд дар ҳама давру замон ростқавлӣ ва самимияти худро зоҳир намоем. . ."**

*Зоҳир намудан*

1. Он рӯз Чаба ба қадре, ки метавонист садафи дарёиеро, ки аз соҳили баҳр пайдо кард, аз гил пок кард ва онро полиш дод ба қадре, ки суфта ва ҷилодор шуд. Вақте ки ин корро ба анҷом расонд зебоии ҳақиқии садаф аён ва зоҳир шуд.

2. Вақте ки офтоб баромад ва меҳи субҳгоҳон пароканда шуд тамоми зебоии кӯҳсорон зоҳир шуд.

*Самимият*

1. Ҳамсинфони Лео аксар вакт ба ҷои дарс тайёр кардан бозӣ мекунанд. Лео нигарон аст, ки онҳо дар мактаб хуб амал нахоҳанд кард, пас пешниҳод мекунад, ки ҳама бо ҳам мутолиа кунанд ва сайъ мекунад, ки роҳҳое пайдо кунад, то ба якдигар дар ёдгирӣ кӯмак кунанд. Лео бо ниҳояти самимият ғамхори ҳамсинфонаш аст.

2. Роза ба модараш қавл дод, ки ҳар рӯз вазифаи хонагиашро тайёр мекунад. Вақте ки падару модараш мераванд, Роза ҳама вазифаҳои хонагиро бо ҷидду ҷаҳд иҷро мекунад. Роза дар қавли худ самимият нишон медиҳад.

**Г. Достон**

Достоне, ки шумо дар ин дарс ба кӯдакон нақл мекунед, ба онҳо кӯмак хоҳад кард, ки дар бораи ин, ки доштан ё надоштани сифати самимият чӣ маъно дорад, фикрронӣ кунанд.

*Солҳои зиёд дар паси хонае, ки ба оилаи иборат аз падару модар ва чанд фарзанд тааллуқ дошт, дарахти бузурге буд. Вақте ки дарахт нашъунамо ёфт, шохҳои он баланду васеъ шуда, ба саҳни ҳавлии ин оила соя медоданд. Як субҳи зимистон падари оила, ки аз таги ин дарахт мегузашт, бо ҳамсоя вохӯрд. Онҳо дар бораи хабарҳои деҳот андаке суҳбат намуданд. Пас аз чанде ҳамсоя ба дарахти бузург назар намуда, ба он мард гуфт: «Медонӣ, воқеан вақти буридани ин дарахти азим расидааст. Вай хеле сабзида калон шудааст. Мабодо яке аз шохаҳо шикаста, бар бомат афтад, ё ногаҳон ба болои яке аз кӯдаконатон ҳангоми дар сояи он бозӣ карданаш афтад». Вақте ки ҳарду бо ҳам хайру хуш карданд, мард дар бораи маслиҳати ҳамсояаш андеша кардан гирифт. Аз замоне ки худашро дар ёд дорад, дарахт ин ҷо месабзид ва ҳеҷ зиёне аз он нарасида буд. Он дар тобистон сояҳои хуб медод ва дар зимистон хонаро аз шамолҳои сахт муҳофизат мекард. Он ба назар қавӣ ва мустаҳкам менамуд. «Ба ҳар ҳол, шояд ҳамсояи*

*ман ҳақ бошад, - мегуфт мард ба худ, - зоҳир баъзан метавонад фиребанда бошад. Раваду дарахт, чунон ки ба назар мерасад, мустаҳкам набошад». Аз ин рӯ тасмим гирифт, ки дарахтро бибурад.*

*Аммо, ин кори осоне набуд, зеро дарахт дар ҳақиқат хеле калон буд, он шоххҳои бисёре дошт, илова бар ин баъзеи онҳо сабзида хеле баланд шуда буданд. Ҳамин ки мард корашро анҷом дод, ҳамсояаш ба назди ӯ омад ва ин дафъа бо ҳамроҳии ду писару як ароба. «Мебинам, ки ту тасмим гирифтӣ, ки дарахтро бибурӣ, — гуфт ҳамсоя, ба тӯдаҳои чӯбу шоххҳо нигариста. — Ба фикрам худат танҳо аз ӯҳдаи ин кор баромада наметавонӣ. Ду писарамро овардам ва як аробаро ҳам гирифтем, ва мо бо камоли хурсандӣ ҳамаи ин партовҳоро аз ҳавлиат мебарорем». Писарон мунтазири ҷавоб нашуда, ба аробаи овардаашон шоху кундаҳоро бор кардан гирифтанд. Вақте ки онҳо ҳамаро бор карда бурданд, он мард рӯи кундаи дарахте, ки муддати тӯлонӣ хонаашро соябонӣ мекард, нишаст. Маҳз дар ҳамин лаҳза ӯ фаҳмид, ки ҳам-сояаш на хавотир аз амнияти оилааш буд, балки ғами таъмини ҳезум ва дар фасли зимистон гарм кардани хонаи худро мехӯрд. «Дар ҳақиқат, намуди зоҳирӣ метавонад баъзан фиребанда бошад», — оҳе кашида, гуфт ӯ. Афӯс, ки дар он рӯз оила дарахти зебои худро аз даст дод. Аммо аламовартараш он аст, ки ҳамсоя боварии дӯсташ ва имкони ба даст овардани розигии Худоро гум кард.*

### Д. Бозӣ “Гарм ё сард”

Аввал чашмони як нафар кӯдакро баста ва аз ӯ хоҳиш кунед, ки ӯ рӯяшро аз гурӯҳ гардонад. Пас аз он ки бачаҳои боқимонда чизи хурдеро, масалан, қалам ё бӯрро пинҳон мекунанд, чашмбанди кӯдакро гиред, то ки ӯ ба ёфтани чизи пинҳонкардашуда шурӯъ кунад. Ҳар қадаре, ки кӯдак ба ҷои чизи пинҳонкардашуда наздик шавад, дигарон бояд баландтару баландтар кафкӯбӣ карда, барои ёфтани он чиз ба ӯ кӯмак кунанд. Агар кӯдак аз он маконе, ки онҷо предмет пинҳон аст, дур шавад, пас бачаҳо торафт оромтар чапакзанӣ мекунанд. Ба ҷои чапакзанӣ кӯдакон метавонанд калимаҳои «гарм», «гармтар» ва «сӯзон»-ро, дар ҳолати ба предмети пинҳонкардашуда наздик шудани кӯдак ва калимаҳои «сард», «сардтар» ва «сармо»ро агар кӯдак аз он дур шудан гирад, истифода баранд. Кӯдакон бояд эҳтиёт бошанд, то дӯстеро, ки чизи пинҳонкардашударо ҷустуҷӯ мекунад, гумроҳ накунанд, дар акси ҳол ӯ боварии худро ба дигарон аз даст хоҳад дод.

### Е. Рангдиҳӣ: Наққошии 8

### Ж. Дуоҳои хотима

## ДАРСИ 9

### А. Тиловат ва ба хотир супоридани муноҷот

Барои оғози ин ва се дарси оянда, дуоеро барои аз ёд хондан интихоб кунед, масалан дуое, ки дар қисмати 10 пешниҳод шудааст. Якчанд шогирдон метавонанд дар хондани дуоҳои оғозӣ ба шумо ҳамроҳ шаванд ва баъд аз он шумо метавонед дуои поёнтар зикрёфтаро барои аз бар кардан муаррифӣ намоед. Ин дуо назар ба ду дуои пешина, ки кӯдакон аз ёд карда бу-

данд, дарозтар аст, аммо аз бар карданаш барои онҳо душвор нахоҳад буд ва ҳамаи онҳо бояд то Дарси 12 онро аз бар карда тавонанд.

> **“Хушо аз барои маҳал, ва хона, ва макон, ва шаҳр, ва дил, ва кӯҳ, ва паноҳгоҳ, ва ғор, ва водӣ, ва замин, ва баҳр, ва ҷазира ва чамане, ки дар он Худоро зикр карданд ва сано гуфтанд.”[108 тарҷума]**

**A. Сурудҳо (Такрори сурудҳои пешинро низ дарбар мегирад.)**

Мисли Замин бош

```
 C        G
Арзро бин
 F  G  C
Чӣ хоксор аст
    C                    G
Диҳад моро аз ҳама ғано
F              G      C
Ки додаст бар ӯ Худо
         C               G
Ҳар руз роҳ меравӣ рӯи он
             F      G      C
Вале нашнавӣ ки гӯяд он
 C     G
“Ман  ғанитарам
   F G      C
Бартар     аз шумо!”
```

Бин дарахт
Чи хоксораст
Ҳарчи мевааш бештар
Шохаҳояш поинтар
Меваҳояшро бубахшад
Вале ҳеҷ вақт ӯ нагӯяд
“Ман ғанитарам
Бартар аз шумо!”

```
 C           G
Мисли Замин
 F  G        C
Мисли дарахт бош
```

*(давомаш дар саҳифаи оянда)*

C G
Парвоз дар осмони ҷалол кун

F G C
Рӯ болҳои фурӯтанӣ

C G
Парвоз дар осмони ҷалол кун

F G C
Рӯ болҳои фурӯтанӣ

**Б. Ба хотир супоридани навишта**

Андешаҳои дар поён овардашуда ба шумо зимни муаррифии мавзӯи ин дарс ва аз ёд намудани иқтибос кӯмак мекунанд.

Сифати хеле муҳими рухонӣ фурӯтанист. Онҳое, ки дар назди Худо фурӯтананд, бузургии Худо ва офаридаҳояшро дарк мекунанд. Онҳо медонанд, ки бе кӯмаку лутфи Ӯ ҳеҷ яки мо ба чизе ноил шуда наметавонем. Ӯ Муқтадиру Тавоност! Пас чунон, ки ҳаргиз дар назди Худо ғурур нахоҳем кард, мо дар назди тамоми офаридаҳои Ӯ фурӯтан мемонем. Мо дар ёд дорем, ки замин ва ҳар чизе, ки рӯйи он аст, аз ҷониби Ӯ офарида шудааст ва нишонаю сифатҳои Ӯро бозтоб менамояд. Мо табиатро эҳтиром мекунем ва дар замири дили худ медонем, ки ҳамеша чизе ҳаст, ки мо аз атрофиёнамон омӯхта метавонем. Биёед навиштаи зеринро аз бар кунем:

**"Эй Писари Инсон! Дар баробари Ман фурӯтан бош, то дар баробари ту бо лутфу марҳамат бошам."**[109 тарҷума]

*Фурӯтан*

1. Зайнаб дар иҷрои супоришҳои математика бо камоли ғайрат кор карда, онҳоро хуб анҷом медиҳад. Ӯ фурӯтан аст ва ҳаргиз аз дастовардҳои худ лоф намезанад.

2. Кӯдакони ҳамсоямаҳаллаи Юнг Фу ба омӯзиш майли зиёд доранд ва аз ӯ хоҳиш карданд, ки барои онҳо як синфи хурд ташкил кунад. Сарфи назар аз таҷрибаи кам доштану худро сазовор наҳисобиданаш, ба Худо таваккал мекунад ва бисёр кӯшиш ба харҷ медиҳад. Ӯ ба кор бо фурӯтанӣ муносибат мекунад.

*Лутфу марҳамат*

1. Хонаводаи Кэндис чанд ҳамсояро барои тановули хӯроки нисфирӯзӣ ба хонаашон даъват карданд. Вақте ки меҳмонон омаданд, Кэндис онҳоро бо лутфу марҳамат пазироӣ намуда, бо меҳрубонӣ ба онҳо нӯшокии хунук пешкаш намуд.

2. Ҷованни ҳамсояи солхӯрдаи худро дид, ки барояш бо халтаҳои хӯрокворӣ ба хона рафтан душвор аст, бинобар ин ӯ бо лутфу марҳамат пешниҳод кард, ки онҳоро барояш барад.

**Г. Достон**

*Фурӯтанӣ яке аз сифатҳои барҷастаи Ҳазрати Абдулбаҳо буд. Дӯстон майл доштанд, ки Он Касро бо унвонҳои бузург биноманд, аммо Он Кас хостанд, ки «Абдулбаҳо», яъне «Бандаи Баҳо» ном бурда шаванд. Рағбати пурҷӯшу хурӯши Он Кас хидмат буд. Боре баъзе зиёраткунандагони сарватманд аз Ғарб барои Он Кас тартиби мураккаби шустани дастҳоро пеш аз тановули хӯрок фикр карда ёфтанд. Мувофиқи тадбири андешидаи онҳо писарбачаи либоси махсус ба бар намуда бояд ҷоми зебои пур аз оби шаффоф ва дастмоли муаттар низ орад. Вақте ки Ҳазрати Абдулбаҳо диданд, ки гурӯҳи дӯстон аз он сӯи чаман ҳамроҳи писарбачаи дар дасташ ҷоми об ва дастмол ба назди Он Кас меоянд, мақсади онҳоро фаҳмиданд. Фавран дар он наздикӣ об ёфта, дастҳои Худро шустанд ва бо порчаи матои пеши боғбон буда хушк карданд. Бо чеҳраи тобон ҳамон эҳтиромеро, ки барои Он Кас пешбинӣ шуда буд, ба меҳмонони худ тақдим намуда, бо муҳаббат хостанд, то барои шустани дастҳои худ аз он об ва дастмоли хушбӯй истифода баранд.*

**Д. Бозӣ “Гоҳе мо қадбаландем”**

Чашмони яке аз бачаҳоро бибандед ва дигаронро бигузоред, ки дар атрофи ӯ давра бигиранд. Бигзор онҳо бо як овоз гӯянд:

“Мо хеле қадбаландем.” (Онҳо бояд дар болои ангуштони пои худ истода, то ҳадди имкон қади худро ба боло кашанд)

“Мо хеле қадкӯтоҳем.” (Онҳо бояд ба поён нишинанд ва то ҳадди имкон қади худро кӯтоҳ кунанд)

“Гоҳе мо қадбаландем.” (Онҳо боз қади худро ба боло меёзонанд)

“Гоҳе мо қадкӯтоҳем.” (Онҳо боз сари ду по менишинанд)

Акнун ба кӯдакон имову ишора карда, нишон диҳед, ки онҳо бояд қадашонро ба боло кашанд ё сари ду по нишинанд ва ҳамзамон бигӯед:

“Дарёб, ки мо ҳоло чӣ гунаем!”

Шогирди чашмонаш баста бояд кӯшиш намуда, аз рӯи баландии овози дигарон муайян кунад, ки онҳо «кӯтоҳқад» ё «баландқад» ҳастанд. Чашмони ҳар як шогирд бо навбат баста мешаванд.

**Е. Рангдиҳӣ: Наққошии 9**

**Ж. Муноҷоти хотимавӣ**

# ДАРСИ 10

**А. Тиловат ва ба хотир супоридани муноҷот**

Пас аз муноҷотҳои шурӯъ, кӯдакон метавонанд ба аз бар кардани муноҷоте, ки дар дарси пешина оварда шуд, идома диҳанд.

**Б. Суруд (Такрори сурудҳои пешинро низ дарбар мегирад.)**

Аз байни сурудҳои зиёде, ки медонед, як ду суруди муносиб барои дарси имрӯз интихоб кунед ва онро бо кӯдакон бихонед. Агар сурудҳои интихобшуда ба таври ба мавзӯи дарс рабт дошта бошад, дар таъкиди он чӣ ки кӯдакон меомӯзанд, кӯмак хоҳад намуд.

Шукр ва сано Туро Худо

```
  C         Am        Em
Сано ва шукр Туро  Худо
       F        G
Ки тоҷи карам
    C       Am
Ниҳодӣ бар сарам
  F         C
Он  тобад то   абад
         G7        Am
Чун шукри ман     афзояд
 Dm        G7       C
Сано   ва    шукр       Туро
```

Сано ва шукр Туро Худо<br>
Баҳри ишқу маърифат<br>
Ки коштӣ дар қалбам<br>
Онҳо рушд намояд<br>
Чун шукри ман афзояд<br>
Сано ва шукр Туро

Сано ва шукр Туро Худо<br>
З-он нури ҳақиқат<br>
Ба чашмонам нур бахшад<br>
Мавҷи файзат бибинанд<br>
Шукри ман чун афзояд<br>
Ман шукр гӯям Туро (2 бор)

**В. Ба хотир супурдани навиштаҳо**

Навиштаеро, ки донишомӯзонатон бояд аз бар кунанд, ба шакли зер метавонед шарҳ диҳед.

Вақте, ки ҳатто хурдтарин ҳадяро дарёфт мекунем, мо барояш ташаккур мегӯем. Пас чӣ қадар бештар бояд Худоро ба хотири меҳрубониҳо ва атоҳои бешумораш шокир бошем: чашмони меҳрубоне, ки моро нигоҳубин мекунанд, қалбҳое, ки ба мо ишқ меварзанд ва ҳар он чӣ Ӯ халқ кардааст, то мо битавонем рушд ва пешрафт кунем. Ҳазрати Абдулбаҳо ба мо мегӯянд, ки бояд ба хотири меҳрубониҳои бисёре, ки Худо ба мо кардааст ва қалбҳои моро саршори ишқ намудааст, шукргузор бошем. Мо бояд дар ҳама ҳол Худоро шокир бошем, ҳатто дар замонӣ сахтӣ. Шукргузорӣ ба даргоҳи Худо сабаб мешавад, битавонем меҳрубониҳои беканори Ӯро беш аз пеш дарёфт кунем. Биёед, баёни зеринро аз бар кунем:

**"Хушбахт бош. Шукргузор бош. Барои шукри Худо бархез, то шукгузориат сабаби издиёди неъмат гардад."** [110]

*Бархостан*

1. Салма хушҳол буд ки модаркалонаш пас аз бемории тӯлонӣ аз бистар бархост, ва барои гаштугузор баромад.

2. Ҳангоми субҳ кӯдакон барвақт аз хоб бархостанд, то дуо бихонанд.

*Сабаб*

1. Нодиё ҳамеша покиза аст. Ӯ медонад, ки покизагӣ барои рушди руҳонӣ муҳим аст. Покизагӣ сабаби руҳоният мешавад.

2. Аъзои хонаводаи Сефа дар тамоми масъалаҳои муҳим ба ҳамдигар кӯмак мекунанд. Чун ҳамкорӣ мекунанд, дар ваҳдат зиндагӣ мекунанд. Ҳамкорӣ сабаби ваҳдат аст.

*Издиёд*

1. Соли пеш мадрасаи Мария фақат панҷ муаллим дошт. Имсол ҳашт муаллим дорад. Шумораи муаллимони мадраса издиёд ёфтааст.

2. Шоён писари шоде аст ва ҳар боре, ки метавонад ба дигарон кӯмак кунад, сурураш бештар мешавад. Сурури Шоён бо хидмат ба дигарон издиёд меёбад.

**Г. Достон**

*Рӯзи хонуми сарвартманде барои аз сарзамини бисёр дурдаст барои зиёрати Ҳазрати Абдулбаҳо ба Арзи Ақдас омад. Ӯ шурӯъ ба тафсил ба баён кардани мушкилоти хурди худ яке аз паси дигаре пардохт. Ҳазрати Абдулбаҳо бо сабр ва меҳрубонӣ муддате суханонашро шуниданд, то ин ки саранҷом ба хотири қарордоди дигаре маҷбур шуданд бираванд. Аммо пеш аз он, ки меҳмони худро тарк кунанд ва ҷонобе, ки беруни панҷара қадам мезад, ишора фармуданд ва гуфтанд : "Ӯ марде аст, ки назди шумо хоҳам овард, то бо шумо мулоқот кунад. Номаш Мирзо Ҳайдар Алӣ аст. Ӯ рӯи замин роҳ меравад, аммо дар малакут зиндагӣ мекунад. Ӯ мушкилоти бисёре доштааст ва барои шумо баён хоҳад кард."*

*Мирзо Ҳайдар Алӣ дар воқеъ мушкилоти бисёре дошт. Ӯ аз Эрон буд, ки баҳоиён дар он бо рафтори беадолатона ва зулми бисёр рӯ ба рӯ буданд. Чанде аз онҳо дастгир мешуданд ва ба иштибоҳ зиндонӣ мегаштанд ва мардуме, ки саросар гирифтори нафрат ва асабоният буданд, низ баъзеи дигар аз онҳоро зери зарбаву шатта қарор медоданд. Боиси нороҳатии зиёди шумо хоҳад шуд, агар ҳамаи ранҷҳоеро, ки Мирзо Ҳайдар Алӣ дар ҳаёти худ бикашид, бишнавед.*

*Ва аммо Ҳазрати Абдулбаҳо берун рафтанд, то Ҳоҷӣ Мирзо Ҳайдар Алиро ба дохил биёваранд, то бо меҳмонашон мулоқот кунанд. Ҳазрати Абдулбаҳо пас аз муаррифии он кас ба он хонум рафтанд. Мирзо Ҳайдар Алӣ фавран бо сурур ва хоксории бисёр шурӯъ ба сӯҳбат кард: Дар бораи даврони ҳайратангезе, ки дар он зиндагӣ мекунем ва тамоми меҳрубониҳои Илоҳӣ, ки дар пеши рӯй аст. Меҳмон каме ба суханони он кас гӯш дод ва бо бесабрӣ сӯҳбаташонро қатъ кард ва гуфт: "Аммо Ҳазрати Абдулбаҳо гуфтанд, ки дар бораи мушкилотатон ба ман хоҳед гуфт." Мирзо Ҳайдар Алӣ сарашонро ба боло оварданд ва бо тааҷҷуб гуфтанд "Мушкилот? Чаро хонум? Ман ҳаргиз мушкилие надоштам, намедонам мушкил чист." Албатта Ҳазрати Абдулбаҳо медонистанд, ки гарчи Мирзо Ҳайдар Алӣ ранҷҳои азимеро аз сар гузаронида буд, аммо ин мушкилот ҳаргиз ба шодии ӯ зараре нарасонд. Ӯ фақат тамоми меҳрубониҳое, ки Худо дар зиндагӣ ба ӯ дода буд, медид ва ба хотири онҳо шокир буд.*

### Д. Бозӣ "Пулси тез"

Аз кӯдакон бихоҳед, ки дар як доира биистанд ва даст ба дасти ҳам диҳанд. Дар аввал онҳоро тамрин диҳед, ки дасти чапи худ ва сипас дасти рости худро бо ангуштон фишор диҳанд. Сипас ба онҳо тавзеҳ диҳед, ки қарор аст дар гурӯҳ "пулс" ро бифиристанд. Барои шурӯъ яке аз кӯдакон дасти кӯдаки самти рости худро бо суръат бо ангушт мефишорад ва ӯ ин сигналро ба кӯдаки баъдӣ мегузаронад ва ба ҳамин тартиб то вақте, ки пулс ба кӯдаки аввал баргардад. Ба кӯдакон бояд вақти муайяне дод ва онҳо мебояд ҳар чӣ зудтар аз пештар ишораро интиқол диҳанд. Ба маҳзи ин ки кӯдакон асоси бозиро ёд гирифтанд, шумо метавонед аз онҳо бихоҳед, то ишораи набзиро ба самти муқобил фиристанд ва ё ададди фишори набзро афзоиш диҳанд.

### Е. Рангдиҳӣ: Наққошии 10

### Ж. Дуоҳои хотимавӣ

## ДАРСИ 11

### А. Тиловат ва ба хотир супоридани муноҷот.

Синфро мисли муқаррарӣ бо хондани як муноҷот, ки худатон аз бар доред ва даъват кардани якчанд кӯдак ба хондани муноҷот шурӯъ кунед, сипас метавонед ба кӯдакон кӯмак кунед, ки аз бар кардани муноҷотеро, ки ёдгириашро дар Дарси 9 шурӯъ карданд, идома диҳанд.

**Б. Суруд (Такрори сурудҳои пешинро низ дарбар мегирад.)**

Фақат хубиҳоятро ҷӯям

C
Камолотро орзу дорам
F7
Роҳи дарозест ки паймоям
C
Ва он ёрӣ медиҳад маро
G7 C
Гар ҳар рӯз бибинам хубиро
F7
Хатоят аён шуд агар маро
C
Намесароям онро дар сурудҳо
G7
Нагӯям аз он чизе бар дӯстон
F7 C
Ба фикрам наояд дигар он

ДАСТИҶАМЪӢ:
F7
Фақат ҷӯям хубиатро
C
Фақат бинам хубиатро
G7
Аз ман интизори инро
F7 C
Ва он интизории ман аз ту
F7
Худо бинад хубиямро
C Am
Фақат хубиҳоямро
C G
Ва вақте ман пӯшидам
F7
Як кам хато агар карданд
C G7 C
Умедаст Худо ҳам пӯшад хатогии ман

Абдул Баҳо буд асли ҳикмат
Медид замират аз чашмат

*(давомаш дар саҳифаи оянда)*

Агар медид Ӯ иштибоҳ
Илоҷе дошт қавӣ созад туро
Пас гар хатогиятро бинам
Донам ки чӣ бояд ман кунам
Ҳаргиз нагӯям бар касе
Ба худ ҳам нагӯям ман чизе

ДАСТИҶАМЪӢ

**B. Ба хотир супурдани навиштаҳо**

Пешниҳод мешавад мавзӯи дарс ва навиштае, ки кӯдакон бояд аз бар кунанд, бо дар миён гузоштани афкори зер шарҳ диҳед:

> Бахшиш яке аз сифатҳои Худованд аст. Ҳазрати Абдулбаҳо ба мо мефармояд, ки бояд ҳамеша нисбат ба якдигар бахшиш нишон диҳем. Мо бояд бо чашмони бахшиш якдигарро бибинем ва назаркунанда ба хатоҳои якдигар набошем. Агар аз намунаи Ҳазрати Абдулбаҳо пайравӣ кунем, на танҳо вақти дӯстонамон хатогие мекунанд, нисбат ба онҳо бахшанда хоҳем буд, балки нисбат ба касоне, ки бо мо номеҳрубон ҳастанд, аз худ бахшиш нишон медиҳем. Барои ин, ки дар кӯшишҳоямон барои бах-шанда будан кӯмак ва ёрӣ дарёфт кунем, биёед баёни зеро аз бар кунем:

> **“Ороиши худро афв ва бахшиш ва ҳам он чӣ сабаби сурури қалбҳои дӯстдоштагони Худо мешавад, қарор диҳед.”**[111(мазмун аз арабӣ)]

*Авф ва бахшиш*

1. Борон рӯзҳои зиёде меборид. Ҳатто вақте ки деҳқадаро об зер кард, борон қатъ нашуд. Ин борон раҳм надошт.

2. Вақте ки ба даргоҳи Худо дуо мекунем, Ӯ хатогиҳои моро мебахшад. Ӯ бо авф ва бахшиш бо мо рафтор мекунад.

*Сурур*

1. Урсула ҳолаш хуб набуд. Дӯсти ӯ Элси барояш гулдаста овард ва бо ӯ вақти зиёд ҳамроҳӣ кард, бо ӯ сӯҳбат мекард ва барояш достон мегуфт. Пас аз боздид бо Элси Урсула худро хеле беҳтар ҳис мекард. Боздид ба қалби Урсула сурур бахшид

2. Хонум Санчез аз ҳамсараш, ки ба шаҳри ҳамсоя барои кор сафар карда буд номаи муфассале гирифт. Нома хушхабари ба зудӣ ба хона баргаштани ҳамсарашро мерасонид. Ин хушхабар қалби ӯро саршор аз сурур кард.

*Дӯстдошта*

1. Муаллим ҳамаи донишомӯзонашро дӯст медошт, ва ба ҳама тавачӯҳи хосе нишон медод. Ҳамаи донишомӯзон аз дӯстдоштагони муаллим буданд.

2. Ҷеймс ҳамаи фанҳоро дар мактаб дӯст дошт, вале беш аз ҳама дар фанни табиатшиносӣ мумтоз буд. Табиатшиносӣ аз ҳама фанни дӯстдоштаи ӯ буд.

**Г. Достон**

*Дар замоне, ки Мавлои Маҳбуб дар Акко зиндагӣ мекарданд, ҳокиме вуҷуд дошт, ки такрор ба такрор кӯшиш мекард, ба баҳоиён зарар расонад. Як дафъа ӯ нақшае тартиб дод, то баҳоиёнро аз василаҳои зист маҳрум гардонад: ӯ дастур дод, то посбонҳояш тамоми мағозаҳои баҳоиёнро баста, калидҳоро ба назди вай оваранд. Аммо, Ҳазрати Абдулбаҳо аз нақшаи ҳоким огоҳ шуда, ба дӯстон фармуданд, то мағозаҳояшонро рӯзи оянда накушоянд. Он Кас фармуданд, ки мунтазир шаванд ва бибинанд, ки Худованд чӣ чора хоҳад андешид.*

*Ҳайрати ҳокимро тасаввур намоед, ҳангоме шунид, ки посдорон натавонистанд калидҳоро биёваранд, зеро мағозаҳо боз нашуда буданд. Пеш аз ин ки чораи дигаре андешад, воқеаи ногаҳоние рух дод. Телеграммае аз мақомоти болоӣ дарёфт намуд, ки вайро ҳамчун ҳокими шаҳр аз мансабаш сабукдуш намудаанд. Бадин тартиб, мағозаҳои баҳоиен раҳид ва маҳфуз монд.*

*Ҳокими собиқ фармоне дарёфт намуд, ки Аккоро тарк намуда, ба шаҳри дигаре, ки Димишқ ном дошт, раҳсипор гардад. Вай бояд фавран ва ба танҳоӣ мусофират менамуд. Бо хонаводаи ӯ чӣ рух хоҳад дод? Касеро, ки аз назари лутфи ҳукумат афтодааст, ки кӯмак хоҳад намуд? Мавлои Маҳбуб хабарро шунида, ба мулоқоташ шитофтанд. Он Кас бо он марди бадбахт бо меҳрабонии бекароне мулоқот намуданд, гӯё ки ӯ ҳаргиз душмание бо Амри Муборак надошта будааст. Аслан, зикре аз хатоҳои гузаштааш накарданд. Баръакс, фармуданд, ба ҳар роҳе, ки имкон дорад, ба вай кӯмак хоҳанд намуд. Ҳокими собиқ аз ин ки ҳамсару фарзандонашро танҳо мегузорад, дар ташвиш буд. Ҳазрати Абдулбаҳо ба вай итминон доданд, ки дар ин бобат ғамхорӣ хоҳанд намуд. Дертар Он Кас тартиби василаҳои сафари роҳатро доданд: як шахси мавриди эътимоди Худро фиристоданд, то ҳамсару фарзандони вайро ҳамроҳӣ намояд ва тамоми махориҷи сафарро пардохтанд ва хонаводаи ҳокими собиқро ба Димишқ фиристоданд.*

*Ҳангоме ки ҳокими собиқ бо аҳли хонаводаи худ пайваст, хушҳол гардид. Бо дили саршор аз сипос, вай ба марде, ки аҳли хонаводаи ӯро ҳамроҳӣ карда буд, рӯ оварда, аз харҷи сафар пурсид, ки чӣ қадар шуд. Марди мазкур фаҳмонд, ки махориҷ аз ҷониби Ҳазрати Абдулбаҳо пардохта шудааст. Ҳокими собиқ ба ӯ тӯҳфае ба хотири меҳрабонӣ ва ҳиммат ва ғайраташ дар тӯли сафар пешниҳод намуд. Аммо, ӯ тӯҳфаро қабул накард; гуфт, ки ӯ танҳо итоат аз Ҳазрати Абдулбаҳо намудааст ва ҳеҷ чизе дар муқобили хидматаш намехоҳад гирад. Сипас ҳокими собиқ аз он шахс хост, ки шабро ба унвони меҳмони хонаводаи онон саҳар кунад. Вай гуфт: Дар ҳар ҳол, муштоқам, аз роҳнамоиҳои Мавлои Маҳбубам пайравӣ намоям, - Он Кас фармуданд, ки бе таъхир ба Акко баргардам. Ҳокими собиқ аз он мард хоҳиш кард, ақаллан, каме дигар ба хотири ӯ сабр кунад, то ӯ номае ба Ҳазрати Абдулбаҳо нависад. Ин хоҳишро вай пазируфт ва бо расидан ба Акко номаро таслими Ҳазрати Абдулбаҳо намуд. Мазмуни нома ин буд: «Эй Абдулбаҳо, дуо ва илтиҷо мекунам, ки маро бибахшӣ. Ман нафаҳмидаам. Ман Туро намешинохтам. Ман ба Ту бисёр бадӣ кардам. Ту бо хубии бисёр ба ман посух додӣ.”*

**Д. Бозӣ: “Одам бо одам”**

Ба кӯдакон бигӯед , ки ба таври тасодуфӣ ба ин сӯ ба он сӯ бираванд ва бо кафзанӣ бигӯянд “одам ба одам”. Вақте шумо мегӯед “пушт ба пушт” бояд биистанд ва ҳар як пушт ба пушти як кӯдаки дигар ҷойгир шаванд. Ба ишораи шумо, онҳо аз нав, ба ҳар тараф оғози ҳаракат мекунанд ва ҳамзамон каф ба ҳам кӯбида, мегӯянд: «одам ба одам». Ҳангоме, ки шумо мегӯед «рӯ ба рӯ», онҳо бояд истанд ва ҳар як ба як кӯдак рӯй карда бо сарҳояшон ба якдигар

таъзим кунанд. Бозӣ, ба ҳамин минвол, бо ин ду фармон чанд дафъа идома меёбад. Метавон фармонҳои дигар аз қабили «зону ба зону» ва «оринҷ ба оринҷ»-ро низ ворид сохт.

**Е. Рангдиҳӣ: Наққошии 11**

**Ж. Дуоҳои хотимавӣ**

# ДАРСИ 12

**А. Тиловат ва ба хотир супоридани муноҷот**

Мисли ҳамеша синфро бояд бо хондани муноҷотҳои шурӯъ оғоз кунед, Пас аз он шумо бо кӯдакон метавонед ба хотир супурдани муноҷотеро, ки дар се дарси қабл муаррифӣ шуда буд, ба поён расонед. Шумо бояд боварӣ ҳосил кунед, ки ҳамаи донишомӯзонатон метавонанд онро аз бар бихонанд, чун дар дарси 13 ба онҳо муноҷоти навро барои аз бар кардан муаррифӣ хоҳед кард.

**Б. Суруд (Такрори сурудҳои пешинро низ дарбар мегирад.)**

Ростқавлӣ равшантараст аз тобиши офтоб

```
 C              G               D          G
Ростқавлӣ равшантараст аз тобиши     офтоб
 C              G               D          G
Ростқавлӣ равшантараст аз тобиши     офтоб
     C              G        D          G
Ба ростқавлӣ эй одамон   гуфтор          биёроед
     C              G        D          G
Бо ростқавлӣ эй одамон гуфтор          биёроед
```

Амонат руҳи ҳамагонро биёроядаз
Амонат руҳи ҳамагонро биёрояд
Амонат равшантараст аз тобиши офтоб
Амонат равшантараст аз тобиши офтоб

**В. Ба хотир супурдани навиштаҳо**

Пешниҳод мешавад мавзӯи дарс, ки инсоф аст ва навиштаеро, ки кӯдакон бояд аз бар кунанд, бо дар миён гузоштани афкори зер шарҳ диҳед:

> Боғҳо бо гулҳои бо шаклҳо ва рангҳои гуногун зинат ёфтаанд. Дар айёми баҳор дарахтони мева бо шукуфаҳои муаттар оро меёбанд. Мо худро бо либосҳои тоза ва покиза оро медиҳем. Ҳамаи ин зинатҳо зебой меофарад. Бо ин ҳол беш аз ашёи моддӣ, нурнияти сифатҳои руҳонӣ аст, ки инсонҳоро зебо мекунад ва қалбҳои моро пур аз шодӣ месозад. Яке аз зеботарин сифатҳое, ки бо он ҳаёти худро бояд зинат диҳем, амонат

аст. Вақте, ки худро бо амонат мероем, он чиро ки ба дигарон тааллуқ дорад бе иҷозати онон намегирем. Ҳаргиз касеро барои он ки коре анҷом диаҳд, фиреб намедиҳем. Барои он ки ба мо кӯмак шавад, ки сифати амонатро ҳамеша дар ёд дошта бошем, биёед навиштаи зерро аз Ҳазрати Баҳоуллоҳ аз бар кунем:

**"Бигӯ: Эй мардум, забонатонро бо ростӣ ва нафсатонро бо амонат ороста созед."[112]**
**(тарҷумам мазмун)**

*Оростан*

1. Молит гулҳои садбарги зебоеро дар боғча кошт. Гулҳои садбарг боғчаро оростаанд.

2. Сунил фақат ҳарфи рост мегӯяд. Сунил суханаш ҳамеша бо садоқат ороста аст.

## Г. Достон

*Ҳазрати Абдулбаҳо дар охирҳои ҳаёти Худ тавонистанд ба маконҳои бисёре дар сар то сари дунё сафар кунанд. Он Кас ҳар ҷое, ки мерафтанд, бо мардум аз тамоми табақаҳои ҷамъият, умуман аз коргарон ва раҳбарон, омӯзгорон ва олимон мулоқот мекарданд ва ҳар чӣ метавонистанд анҷом медоданд, то ҳама эҳсоси оромиш кунанд. Рӯзе дар Миср яке аз мақомоти ҳукуматии олирутбаро барои наҳор даъват фармуда буданд. Ҳазрати Абдулбаҳо тасмим гирифтанд фойтун киро кунанд, то онҳоро ба мақсадашон бибаранд, зеро он мақоми ҳукуматӣ ба ин навъи осоиш одат дошт.*

*Сафари онҳо тӯлонӣ набуд ва хеле зуд ба мақсад расиданд, аммо вақте фойтунчӣ барои гирифтани харҷи роҳ ба назди Ҳазрати Абдулбаҳо омад, маблағи бештар аз боинсофонаи он сафар дархост кард. Ҳазрати Абдулбаҳо медонистанд, ки ин рафтори фойтунчӣ амонатдорона нест. Ба он фойтунчӣ маблағе, ки ҳаққаш буд ато карданд ва сипас бозгаштанд то бираванд.*

*Вақте фойтунчӣ хост, ки баҳс кунад Ҳазрати Абдулбаҳо истиқомат карданд ва ба мард гуфтанд, ки агар дар бораи кироя амонатдор мебуд, инъоми хубе ба ӯ медоданд. Сипас фойтунчиро тарк карданд, то дар бораи корҳояш фикр кунад.*

## Д. Бозӣ "Чоркунҷа, доира, секунҷа"

Гумон меравад, ки кӯдакон номи ҳадди ақал якчанд шаклҳоро, масалан, «чоркунҷа», «доира» ва «секунҷа»-ро медонанд. Бо кӯдакон шурӯъ ба такрори номи ин шаклҳо намуда, яқин ҳосил намоед, ки онҳо метавонанд ҳар якро бишиносанд. Сипас, кортҳоеро, ки омӯзгор дар он ба ин тартиб се шаклро кашидааст, масалан, доира, доира, чоркунҷа ба онҳо нишон дода, гӯяд ба он бо диққат нигоҳ кунанд. Баъд, кортҳоро канор гузорад ва аз яке бачаҳо бихоҳад, то ба тартиби мазкур шаклҳоро номбар кунад. Омӯзгор инро бояд чанд бор такрор кунад, бо истифода аз кортҳое, ки рӯи онҳо қаблан бо тартибҳои гуногуне шаклҳоро кашидааст. Якчанд корте танҳо бо ду шакл бошад, барои он ҳолатҳое, ки тартиби сетоӣ барои дар ёд нигоҳ доштан ба бачаҳо душвор аст ва чанд корте бо тартиби чор ё панҷтоӣ, барои ҳолатҳое, ки омӯзгор дармеёбад, ки тартиби сетоӣ бисёр осон аст.

Сипас, омӯзгор метавонад ҳар тартибе – ду, се, чор шаклдорро баланд ном барад, вобаста ба лаёқати донишомӯзони худ ва аз яке кӯдакони гурӯҳ бихоҳад, ки онро такрор кунад. Баъд аз он ки якчанд дафъа онро бо ҳар кӯдаке такрор кард, метавонад бозиро мураккабтар намояд: аз кӯдакон хоҳиш намояд, ки он тартиберо, ки ном бурдаанд, кашанд.

**Е. Рангдиҳӣ: Наққошии 12**

**Ж. Дуои хотимавӣ**

# ДАРСИ 13

**А. Тиловат ва ба хотир супоридани муноҷот**.

Дар ин ҷаласа ва се ҷаласаи баъдӣ кӯдакон барои аз бар кардани муноҷоти зер диққат ва кӯшиш хоҳанд кард. Пас аз он ки шумо муноҷоти шуруъиеро монанди муноҷоти пешниҳодшуда дар бахши 13 аз ёд хондед, ва пас аз он ки чанд нафар аз донишомӯзон низ хонданд, метавонед кӯдаконро бо ин муноҷот шинос кунед:

> **"Эй Парвардигор! Ин ниҳоли тозаро дар боғи эҳсонҳои фаровони Худ бинишон ва аз чашмаи иноятат об деҳ, то ба василаи неъмат ва фазли Ту гиёҳи некӯ аз он бирӯяд.**
>
> **"Туи Муқтадир ва Тавоно."**

**Б. Суруд (Такрори сурудҳои пешинро низ дарбар мегирад.)**

## Одил бошед

Дастаҷамъӣ:

```
A
Одил бошед, одил бошед
         E7              A
Дар фикри роҳати ҳамагон бошед
A
Одил бошед, одил бошед
         E7              A
Дар фикри роҳати ҳамагон бошед
          A              E
Вақти нисбат ба дигарон одилем
       E7                         A
Аҳли оила ба мо доранд боварӣ
      A7                               D
Вақти ҳама чӣ тақсим шуд бо адл
E                               A
Нури адолат тобад бар олам
```

Дастаҷамъӣ

Гар бо сидқ ту ёрӣ додӣ
Пайравӣ аз Мавло намудӣ
Бош хирадманд дар калому рафтор -
Шод созӣ атрофиёнатро

Дастаҷамъӣ

**B. Ба хотир супурдани навиштаҳо**

Дар ин дарс кӯдакон навиштаеро дар бораи сифати шафқат хоҳанд омӯхт. Ин сифатро ба шакли зер ба онҳо шинос кунед.

Худованд мушфиқ ва меҳрабон аст. Дар лаҳзаҳои сахтӣ мо қалбҳоямонро ба сӯи Ӯ мегардонем ва аз Ӯ мехоҳем, ки ба мо оромиш ва қудрат диҳад ва ба ҳамин тартиб мо низ бояд нисбат ба дигарон раҳмдил ва меҳрабон бошем. Вақте касе, ки мешиносем мушкилӣ дорад ё ғамгин аст, бояд ниҳояти кӯшиши худро намоем, то ӯро дарк кунем ва ба ӯ кӯмак намоем. Мо бояд дар ҳамаи шароит ба ҳама раҳмдил ва меҳрубон бошем, монади дарахте, ки ба ҳамагон мева медиҳад. Ҳатто ба онҳое, ки ба сӯяш санг мепартоянд. Ҳазрати Абдулбаҳо ҳамеша ба нисбати ҳамагон раҳмдилӣ ва шафқат нишон медоданд. Агарчи зиндагиашон пур аз сахтӣ буд. Барои он, ки дар кӯшишҳоямон дар раҳмдил будан кӯмак бошад, бояд калимоти Он Касро аз бар кунем:

**"Асоси малакути Илоҳӣ бар адл ва инсоф ва раҳм ва шафқат ва меҳрабонӣ бар ҳар нафсе аст."**

*Асос*

1. Доктор аз саломатии кӯдакони деҳкада дар хавотир буд. Бинобар ин дармонгоҳ боз кард, то ба онҳо нигоҳубин кунад. Дармонгоҳ дар асоси ишқи Ӯ бар кӯдакон бино шуд.

2. Муддати тӯлонӣ аст, ки Ҷино ва Мерседес бо ҳам дӯст буданд. Онҳо ҳамеша бо ҳам дарс мехонанд ва дар чизҳои муфиде, ки ёд гирифтанд бо ҳам шариканд. Дӯстии онҳо бар асоси меҳрубонӣ ва муҳаббат аст.

*Адл ва инсоф*

1. Ҳамаи мардуми кишвар барои беҳбудии он бисёр кӯшиш карданд. Вақте тамоми маҳсулот ҷамъоварӣ шуд, шоҳи кишвар онҳоро бар асоси шумораи аъзои хонаводаҳо миёни мардуми кишвар тақсим кард. Шоҳ бо мардуми худ аз руи адл ва инсоф рафтор кард.
2. Шӯрои шаҳр бояд роҳро то деҳкадаи баъдӣ месохт. Шӯро тасмим гирифт ки роҳро аз атрофи заминҳои кишоварзӣ гузаронад. Ба ин тартиб ҳама метавонистанд аз фоидаи роҳи нав сохта шуда баҳраманд шаванд ва дар айни ҳол кишоварзон осебе набинанд. Шӯрои шаҳр дар тасмими худ адл ва инсофро нишон дод.

*Раҳм ва шафқат*

1. Ли Янг мутаваҷҷеҳ шуд, ки дӯсташ Заҳро нороҳат аст. Ба ҳамин хотир назди ӯ рафт, ки бибинад, оё метавонад бо роҳе ба ӯ кӯмак кунад. Заҳро ба ӯ шарҳ дод, ки модараш мариз аст ва дар бемористон бистарӣ аст. Ли Янг ба сӯҳбати Заҳро гӯш дод ва ӯро ором кард ва ба пешниҳод кард, ки рӯзи баъд бо ҳам ба бемористон бираванд. Ли Янг бо раҳму шафқат бо Заҳро рафтор кард.

2. Як рӯз Шиори берун аз шаҳр роҳ мерафт ва баррачае дид, ки пояш дар панҷара дармонда буд. Шиори бо мулоимат пои ӯро озод карда онро бастабандӣ кард. Шиори нисбат ба баррача бо раҳму шафқат рафтор кард.

**Г. Достон**

*Замоне ки Ҳазрати Абдулбаҳо дар Ғарб мусофират доштанд, дар ҳар шаҳре, ки ворид мешуданд, нафарони зиёде ба мулоқоти Он Кас ва шунидани сӯҳбатҳои ташвиқомезашон мешитофтанд. Рӯзу шаб Он Кас бо фирқаҳои гуногуне аз мардум мулоқот мекарданд – ҷавонону пирон, дороёну бенавоён, хосу ом. Бархе ба хотири ишқи бекароне, ки дар дил ба Ҳазрати Абдулбаҳо мепарвариданд, меомаданд ва баъзе дигар аз рӯи кунҷковӣ мехостанд, ба он чӣ Он Кас мегӯянд, гӯш диҳанд.*

*Як рӯз зане ба хонае омад, ки дар он Ҳазрати Абдулбаҳо қарор доштанд ва дарро зад. Ӯ як шахси оддие буд, ки дар дил орзу мепарварид, чанд лаҳзаеро дар ҳузури Ҳазрати Абдулбаҳо сипарӣ намояд. "Шумо қаблан барои қабул ба ҳузури Ҳазрати Абдулбаҳо сабти ном кардаед?" Пурсид аз ӯ марде, ки дарро боз намуд. Зан дар ҷавоб гуфт, ки на. Ба ӯ гуфта шуд, дар ин сурат, мулоқот бо Ҳазрати Абдулбаҳо муяссар нахоҳад шуд, зеро Ҳазраташон бо баъзе аз шахсони бисёр муҳим сӯҳбат доранд. Зан баргашта, бо ғамгинӣ аз пиллаҳо ба фаромадан шурӯъ кард. Дили ӯ аз яъс ва ноумедӣ лабрез гардида буд! Аммо, ногаҳон фиристодае аз Ҳазрати Абдулбаҳо зоҳир шуда, хоҳиш намуд, ки баргардад. Он Кас мехостанд ӯро бинанд. Овозашон шунида мешуд, ки бо қудрат ва иқтидор мегуфтанд, «Қалбе шикаста шуд! Бишитобед, бишитобед. Ӯро назди Ман биёваред!»*

**Д. Бозӣ "Бо ҳам"**

Кӯдаконро ба ҷуфтҳое тақсим кунед, ки дар бари ҳамдигар истода бошанд, дар сурате ки пои чапи як кӯдак ба пои рости кӯдаки дигар баста бошад. Бояд ҳар ҷуфте аз як ҷои таъйиншуда ба ҷои дигар равад. Метавонед бозиро бо гузоштани монеъаҳои хурд дар сари роҳи онон, ба мисли шохаҳо ва сангҳо мураккаб ва печидатар намоед. Албатта, ин корро бо дар назар гирифтани бехатарӣ анҷом диҳед. Роҳи дигари бозӣ, ба ҷои роҳ рафтани маъмулӣ – пешниҳод мешавад, ки ҷуфтҳои кудакон чун қурбоққаҳо ҷаҳанд, монанди аспҳо чорнаъл тозанд ва ғайраҳо.

**Е. Рангдиҳӣ: Наққошии 13**

**Ж. Дуои хотимавӣ**

# ДАРСИ 14

**А. Тиловат ва ба хотир супоридани муноҷот**

Монанди ҳамеша шумо ва чанд тан аз донишомӯзонатон чанд муноҷотро дар оғози дарс тиловат кунед. Сипас кӯдакон метавонанд ба аз бар кардани муноҷоте, ки дар қабл омада буд, давом диҳанд.

**Б. Суруд (Такрори сурудҳои пешинро низ дарбар мегирад.)**

Бо болҳои инқитоъ

ДАСТИҶАМЪӢ:

```
               C                              F     G
Парвоз дошт паррандае           дар осмонҳо

C                 F     G
Бо шодӣ           ва боварӣ

C                F     G         C       F G
Он               Биҳишт     буд  ошиёни ӯ


C                 F          G        C       F G
Дар                 парвоз гурусна шуд  хеле

C                      F        G       C      F G
Сӯи                      обу гил   омад     фуруд

C                F
Дар            замин

G         C        F
Афтод ба        дом

G         C
Доми   ҳавасаш

         F          G            C      F G
       Шуд       болаш           гилолуд

     C
Боли сангин,

           F     G           C      F G
         Намебурд ӯро  бар    ошён
```

ДАСТИҶАМЪӢ

Мисли он мурғ ман ҳам аҳли осмонам
Набандам дил ба олами поён
Дил набандам ба ғано
Дил набандам ба ҳавасҳо
Дил набандам ба чизе ҷуз Худо

```
            C           G         F            G
          Бо поҳои инқитоъ ман равам роҳ

        C           G          F            G
        Бо        боли инқитоъ дорам парвоз

        C     G          F
      Озодам аз ҳама дилбастагӣ

   G            C
Аз ҳама ҷуз Худо!
```
*( қитъа такрор мешавад)*

**В. Ба хотир супурдани навиштаҳо**

Кӯдакон навиштае дар бораи сифати инқитоъ аз бар хоҳанд кард, ки мавзӯи дарс аст. Метавонед мавзӯи дарсро ба шакли зер ба онҳо муаррифӣ кунед:

> Худованд ҳамаи чизҳои хубро дар ин дунё ба вуҷуд овардааст, то аз онҳо лаззат бибарем: саломатӣ, хӯрокиҳои бомазза, ишқу дӯстӣ, зебоии табиат ва қувваҳои ақл ва ҳуш, ки бо онҳо метавонем ба кашфиёт пардозем ва чизҳое ихтироъ кунем, ки зиндагиамонро беҳтар кунанд. Мо бояд аз ҳама атоҳои Худованд истифода кунем ва ба хотири бо шодиву сурур зиндагӣ кардан, шукргузори Ӯ бошем. Аммо бояд эҳтиёт шавем, ки ба ин дунё дилбастагӣ пайдо накунем. Руҳи мо бояд ҳамеша озод бошад ва монанди паррандаи озод ва қавӣ дар осмони муқаддасӣ парвоз кунад. Чӣ қадар ғам-ангез аст, агар паррандае ба ин далел, ки ба чизҳои атрофи худ вобаста мешавад, рӯи замин бимонад ва натавонад парвоз кунад. Биёед баёни зерро аз бар кунем:
>
> **“Бидон, ки зиннати ту иборат аст аз муҳаббати Худованд, ва инқитоъи ту аз ғайри Ӯ.”**

*Иборат аст*

1. Владислав барои наҳор ҳасиб, себи заминӣ ва лубиёи сабз дошт. Наҳори ӯ иборат аз ҳасиб, себи замини ва лубиёи сабз аст.

2. Ин ҷумла панҷ калима дорад. Он иборат аз панҷ калима мебошад.

*Инқитоъ*

1. Ҳелги воқеан дӯст дошт, ки бо дӯстонаш ба шино кардан равад, аммо бо хушҳолӣ бо хоҳари хурдакакаш дар хона монд, то модараш битавонад ба фурушгоҳ биравад. Ҳелги аз барномаи худаш инқитоъ нишон дод, зеро мехост ба хонаводааш кӯмак кунад.

2. Дар охири соли таҳсил Анжали фикр кард ки барои муаллимаш гул бибарад. Хоҳараш пешниҳод кард, ки ба ҷои он торт бипазанд. Ба назари Анжали меояд, ки ин фикри хубе аст. Ӯ аз фикри худаш инқитоъ дорад.

*Ғайр аз ӯ*

1. Ҳама кӯдакон дар имтиҳон хуб ҷавоб доданд, ба ғайр аз як нафар, ки тайёрӣ надида буд. Ҳама имтиҳонро хуб супориданд, ғайр аз ӯ.

2. Модар мехост барои хонаводааш хуроки махсусе бипазад, аммо дид ки наметавонад ин корро анҷом диҳад, зеро як маводи аз ҳама муҳимро надорад. Ӯ ҳамаи маводро дошт ба ғайр аз яке.

**Г. Достон**

> *Рӯзе ду марде, ки аз гузаштаҳои дур дӯсти якдигар буданд, ҳангоми чойнушӣ дар бораи масъалаҳои руҳонӣ гуфтугӯ мекарданд. Яке аз ин мардон дар тули ҳаёти худ сарватҳои зиёде ба даст оварда буд ва муҳтоҷи ҳеҷ чизе набуд, дигарӣ бисёр камтар сарват дошт. Марди дуввум ба дӯсти сарватмандаш гуфт: “Мехоҳам сафаре ба Арзи Ақдас кунам.” Марди аввалӣ бетаъхир посух дод: “Фикри олие аст ва бо ту хоҳам*

*рафт.” Он ду фавран истаконҳои чойи худро канор гузоштанд ва бархостанд ва ба роҳ афтоданд. Роҳӣ ба сӯи Арзи Ақдас шуданд.*

*Ҳанӯз каме бештар роҳ нарафта буданд, ки шаб фаро расид. Марди фақиртар суръаташро кам кард, сипас бозистод ва гуфт: “Дӯсти ман, биё ба хонаҳоямон баргардем ва шабро бигзаронем. Хеле роҳаттар хоҳем буд ва метавонем ҳангоми субҳ аз нав шурӯъ кунем.” Дигарӣ посух дод: “Чаро баргардем? Мо дар роҳи Арзи Ақдас ҳастем.” Аммо дӯсташ ҳанӯз розӣ нашуда буд ва дубора пешниҳод кард: “Арзи Ақдас барои ин, ки бо пои пиёда биравӣ хеле дур аст. Ақаллан бигзор баргардем ва ман хари худро бо худ биёварам. Моил нестам ӯро аз даст диҳам.”*

*Дӯсти сарватманд ба дигарӣ гуфт:“Пас шояд ту касе нестӣ, ки дар ин сафар маро ҳамроҳӣ кунӣ. Ман бо сурур сарвати азимеро раҳо кардам: асп ва замин ва албатта либоси пурҷалол. Аммо эҳсос намекунам чизе аз даст додаам, зеро магар чӣ чизе метавонад муҳимтар ва азим аз он бошад, ки лаҳзаеро дар Арзи Ақдас бигзаронӣ? Оё наметавонӣ хари худро раҳо кунӣ?” Мутаассифона дӯсти камсарват наметавонист танҳо дороии арзишманди худро раҳо кунад. Пас дӯсташро тарк кард. Он дӯст роҳи худро то Арзи Ақдас идома дод ва ҳаргиз ба ақиб нигоҳ накард.*

**Д. Бозӣ “Чарх”**

Аз кӯдакон бихоҳед, ки паҳлӯи ҳам ҳалқавор истода, дастони чапи худро ба дарун дароз карда, дар маркази давра ба ҳам пайванданд. Акнун, шакли чархро бояд гирифта бошанд ва дастони онҳо – дар нақши мила ҳастанд. Сипас, аз кӯдакон хоҳиш намоед дар гирди маркази давра ба монанди чарх давр зананд. Баъд аз ин, ки онҳо ин амалро иҷро карданд, аз онҳо бихоҳед дар дохили маконе, ки дарс мегузарад, ҳаракат намуда, ҳамеша дар шакли чарх боқӣ монанд. Онҳо метавонанд кӯшиш кунанд, ки паранд ва ҷаҳанд, то бозӣ мураккаб ва печидатар шавад.

Шумо метавонед бозиро боз ҳам душвортар созед, вақте ки аз кӯдакон мехоҳед то рӯи замин ба шакли давра нишинанд ва пойҳои худро ба маркази давра дароз кунанд, то нугҳои пояшон ба ҳамдигар бирасад. Он вақт бояд кафҳои дастҳояшонро дар канори худ ба рӯи замин гузоранд. Ҳоло онҳо омодаанд мисли чарх ҳаракат кунанд. Бо ин ҳадаф бояд аз замин худро бо та-кя ба дастҳояшон баланд кунанд ва як қадам ба самти рост ҳаракат кунанд. Ҳамин тавр, қадам ба қадам бояд ба рӯи дастҳояшон баланд шуда ва пойҳояшонро дар маркази доира нигоҳ дошта ҳаракат кунанд, то замоне, ки давра як чархи комил мезанад.

**Е. Рангдиҳӣ: Наққошии 14**

**Ж. Дуои хотимавӣ**

# ДАРСИ 15

**А. Тиловат ва ба хотир супоридани муноҷот**

Баъд аз ин, ки муноҷотҳои шурӯъ тиловат шуд, метавон ба кӯдакон дар талошҳояшон ёрӣ кард, то муноҷотеро, ки дар дарси 13 муаррифӣ гардид, ба хотир супуранд.

**Б. Суруд (Такрори сурудҳои пешинро низ дарбар мегирад.)**

## Қаноат

ДАСТИҶАМЪӢ.

```
    A
Ато намо ризқам бароям
   D        A
Худо, Эй Худоё
    A                  D   A
Ато намо ризқам     бароям
 E                A
Тавре ки дӯст дорӣ


    A
Розӣ будан осон аст
         D                 A
Ҳаёт аст гар         ки роҳат
    A
Розӣ будан осон аст
   E                     A
Вақте ҳолат хуб         аст
       D                   A
Мушкилтар аст вале розӣ бошӣ
      E                 A
Дар баробари ҳар гирифторӣ
       D                 A
Агар  тоб овардӣ ба бебарорӣ
     E               A
Ва ҳатто суруд  сарой
```

ДАСТИҶАМЪӢ

Аз овони хурдсолӣ
Зери таҳқир буд Мавлои мо
Аз овони хурдсолӣ
Ягон рӯзи роҳатие надошт
Ҳамеша вале Ӯ розӣ буд

Ҳеҷ гоҳ набуд дар изтироб
Таваккул ба Худо мекарду, қабул
Иродаи Ҳақро Ӯ бо таҳаммул

ДАСТИҶАМЪӢ

**В. Ба хотир супурдани навиштаҳо**

Дар зер чанде аз фикрҳое оварда шудаанд, ки метавон аз он ҳангоми муаррифии навиштаи Мубораке, ки кӯдакон имрӯз аз бар хоҳанд намуд, истифода кард.

> Ҳазрати Абдулбаҳо дар ҳар шароите аз Иродаи Илоҳӣ розӣ ва хушнуд буданд. Он Кас одатан ба атрофиён мефармуданд, ки розӣ будан осон аст, вақте ки ҳама чиз ба хубӣ пеш меравад, шахс саломат аст ва дар роҳатӣ зиндагӣ мекунад. Кори мушкилтар он аст, ки дар сахтиҳо, дар вақти беморӣ ва балоё масрур ва розӣ бошем. Бо вуҷуди он ҳама ранҷ ва озоре, ки зиндагии Он Кас лабрез аз он буд, Ҳазрати Абдулбаҳо ҳаргиз дилсард нашуданд. Дар сахттарин ва мушкилтарин давраҳо Он Кас розӣ ва ба даргоҳи Илоҳӣ шокир монданд. Он Кас ҳамеша шод ва хушбин буданд. Биёед навиштаи зерро аз бар кунем, то бештар бад-ин тариқ арзиши розӣ будан ба иродатуллоҳро ба ёд дошта бошем:

**“Асли иззат пазируфтани ҳамаи он чизе, аст ки аз Худо ато шуд, ва қаноат намудан ба он чӣ, ки муқаддар гашт.”**[23] **(мазмун)**

*Иззат*

1. Поҳ Ленг пас аз таҳсили илмҳои дақиқ дар мактабаш ба гурӯҳе аз олимон ҳамроҳ шуд. Онҳо кашфиётҳои муҳими зиёде анҷом доданд. Кори ӯ ба номи хонаводааш иззат бахшид.

2. Суи тамошои табиатро дӯст медошт, тамошои кӯҳҳо, дарахтҳо ва дарёҳо. Ӯ ҳар вақт зебоии табиатро медид, дар бораи азамат ва шукӯҳи Худованд фикр мекард, ки Офарандаи ҳамаҷӣ аст. Тамошои табиат Свиро ба фикри иззати Худованд меандозад.

*Ато шуд*

1. Паоло ҳар рӯз Худовандро барои хонаводаи меҳрабон, сиҳатии хуб ва барои тамоми хушиҳое, ки Худованд ба ӯ додааст, сипос ва ташаккур менамояд. Паоло барои ҳадяҳои зиёде ки Худованд ба ӯ ато кардааст сипосгузор аст.

2. Бе офтоб замин торик ва сард мебуд ва чизе наметавонист бар он бирӯяд. Офтоб ба ҷаҳон рӯшанӣ ва гармӣ ато мекунад.

*Муқаддар*

1. Подшоҳ фармон дод, ки ҳамаи мардуми кишвараш дар рӯзи аввали баҳор аз кор даст кашанд. Рӯзи аввали баҳор ба унвони рӯзи таътил муқаддар гардид.

2. Моҳҳои зиёд бороне дар ноҳияе намеборид ва аз тарафи шӯрои деҳа ба аҳли ноҳия фармон дода шуд, ки истифодаи обро маҳдуд намоянд. Маҳдудиятҳо аз тарафи шӯро барои сарфаҷӯии об муқаддар шуд.

**Г. Достон**

*Шабе Ҳазрати Абдулбаҳо бо чанд нафар аз баҳоиён дар рӯшноии шаҳри Лондон қадам мезаданд. Онҳо дар хиёбоне қадам мезаданд, ки дар ду тарафи он чароғҳои нуронӣ қарор дошт. Ва то ҷое, ки чашм медид, идома меёфт. Ҳамроҳони Ҳазрати Абдулбаҳо эҳсос мекарданд, ки қалбҳояшон дар олами дигар дар парвоз аст.*

*Ҳазрати Абдулбаҳо фармуданд: "Аз ин манзара бисёр хушнудам. Нур хуб ва олӣ аст. Дар зиндони Акко торикӣ фаровон буд."*

*Гурӯҳи хурде аз дӯстон, ки Ҳазрати Абдулбаҳорохеле дӯст доштанд, аз хотираи ҳабси Муборак дар шаҳри зиндонии Акко, яъне ҷое, ки Ҳазрати Абдулбаҳо солҳои бисёре дар канори Падари Бузургвори Худ Ҳазрати Баҳоуллоҳ зиндонӣ буданд, ғамгин шуданд. Акко макони бисёр берӯҳ буд ва оилаи Муборак ранҷҳои азимеро дар он ҷо тоқат карданд. Онҳо гуфтанд: "Чӣ қадар хушҳолем, хеле хушҳолем, ки Шумо озод ҳастед."*

*Ҳазрати Абдулбаҳо дар посух фармуданд: "Дар он зиндон ман масрур будам, зеро он айём дар роҳи хидмат гузашт." Он Кас ба онҳо фармуданд, ки бузургтарин зиндон зиндони нафс аст. Агар мо фақат ба худамон фикр кунем ва ба атрофиёни худ наандешем, он замон аст, ки воқеан зиндонӣ ҳастем, он замон аст, ки дар ҳақиқат ранҷ мекашем!"*

*Ҳазрати Абдулбаҳо дар ҳама ҳол розӣ буданд зеро дар роҳи хидмат ба Худо ба навъи башар қадам мезаданд ва ин гуна буд, ки ҳатто дар ториктарин айёме, ки дар Акко зиндонӣ буданд, нуре аз руҳи шикастнопазири Он Кас метобид, ва ба дигарон гармӣ ва оромиш мебахшид.*

**Д. Бозӣ: "Ҳайкалтарош"**

Яке аз кӯдакон аз синф интихоб мешавад, то «ҳайкалтарош» бошад. Вай кӯдаки дигареро интихоб мекунад, то дар назди гурӯҳ баромада, дар чандто аз ҳолатҳо қарор гирад, масалан, хам шуда, дастонашро ба пеш дароз кунад. Яке пас аз дигарӣ, боқимондаи кӯдакон низ назди гурӯҳ фаро хонда шуда, ҳар кадом дар як ҳолате дигар, унсуре аз аносири муҷассамаро ташкил дода, як шакли азим ва беназиреро меофаринанд. Чун ҳар кӯдаке қисмате аз муҷассамаро ташкил дод, худи ҳайкалтарош, ба сифатти элементи охирин ба он илова мешавад.

**Е. Рангдиҳӣ: Нақкошии 15**

**Ж. Дуоҳои хотимавӣ**

## ДАРСИ 16

**А. Тиловат ва ба хотир супоридани муноҷот**

То ин ҷаласа ҳамаи кӯдакон бояд битавонанд дуое, ки дар Дарси 13 оварда шудааст, аз ёд тиловат кунанд. Пас аз муноҷотҳои шурӯъ он муноҷотро бо онҳо такрор кунед

**Б. Суруд (Такрори сурудҳои пешинро низ дарбар мегирад.)**

Ҳама қатраем

C
Қатраҳои
Қатраҳои *(мисли акси садо)*

*(давомаш дар саҳифаи оянда)*

C
Як уқёнус
    Як уқёнус

F
Мавҷҳои як
    Мавҷҳои як

G
Дарёем
    Дарёем

ДАСТИҶАМЪӢ:

C
Биё бо мо
    Биё бо мо *(мисли акси садо)*

F
Дар роҳи ягонагӣ

C G C F C
Ин мароми мост дар зиндагӣ

Мо баргҳои *(мисли акси садо)*
Ва гулҳои
Як дорем

ДАСТИҶАМЪӢ

Кураи арз *(мисли акси садо)*
Як кишвараст
Инсон як аст
Гар бинӣ

ДАСТИҶАМЪӢ *(lore ipsu dolo sitamet)*

**B. Ба хотир супурдани навиштаҳо**

Афкори зер ба шумо кӯмак хоҳад кард, ки меҳрубонӣ ва навиштаеро, ки кӯдакон бояд аз бар кунанд, муаррифӣ намоед.

Худованд ҳамаи навъи башарро офаридааст, то бо якдигар монанди як хонавода зиндагӣ кунанд. Агар қарор бошад монанди як хонавода бошем, наметавонем иҷозат диҳем, ки фарқиятҳоямон миёни мо фосила андозад. Баъакс, мо бояд бо мардум аз ҳар дин ва миллат ва пешинае бо қалби саршор аз муҳаббат ва меҳрубонӣ муомила кунем. Барои он, ки ба мо кӯмак шавад, ин мавзӯъро ба ёд дошта бошем, бояд навиштаи зерро аз Ҳазрати Баҳоуллоҳ аз бар намоем:

**“Некӯст ҳоли нафсе, ки бо муҳаббати тамом бо ҳамаи мардумон муносибат намояд.”**

*Ҳамаи мардумон*

1. Дар синфи кӯдакони Суруш кӯдакони аз пешинаи амрикоӣ, арабӣ ва африқоӣ ширкат мекунанд ва Суруш бо ҳамаи мардумон бозӣ мекунад. Барои Суруш муҳим нест, ки дӯстонаш аҳли куҷо бошад. Ӯ бо ҳамаи мардумон дӯст мешавад.

*Муносибат*

1. Лаклак ва соч ду навъ аз паррандагон ҳастанд, ки дар марғзор зиндагӣ мекунанд. Онҳо аксаран бо якдигар дида мешаванд. Ин ду навъ парранда бо ҳам муносибат мекунанд.

2. Дар ҷаласаи дуо баъд аз тиловати муноҷотҳо, одамон дар маҳал монданд ва дар муносибат буданд.

**Г. Достон**

*Аз баъзе аз достонҳои пешина медонед, ки вақте Ҳазрати Абдулбаҳо ба Акко расиданд, бисёрии аз мардум ба Он Кас бадрафторӣ карданд, онҳо ба баҳоиён зулм мекарданд ва намехостанд бо онҳо сӯҳбат кунанд. Аммо муддати зиёде нагузашт, ки онҳо фаҳмиданд, ки баҳоиён бомуҳаббат ва меҳрубон ҳастанд ва ба тадриҷ аксари мардуми шаҳр дар ҷавоб ба онҳо меҳрубонӣ мекарданд. Аммо шумораи каме аз мардум буданд, ки ба хашму нафрат идома доданд.*

*Як рӯз марде, ки ҳанӯз ба қалби худ ба Ҳазрати Абдулбаҳо нафрати зиёд дошт шунид, ки дигарон бузургворӣ ва накӯкории Он Касро ситоиш мекунанд. Мард бисёр асабонӣ шуд. Ӯ бо асабоният гуфт, ки ба онҳо нишон хоҳад дод, ки Ин Шахс, ки ҳама ба Ӯ эҳтиром мегузоранд, он қадар ҳам одами фавқуллодае нест ва дар ҳоле, ки қалбаш дар оташи хашм мегудохт, аз он ҷо дур шуд. Ӯ медонист, ки метавонад Ҳазрати Абдулбаҳоро дар он соат дар масҷид машғули дуо биёбад. Ба он ҷо шитофт ва омода буд, ки дасти бадбинӣ ба Ҳазрати Абдулбаҳо баланд кунад. Аммо Ҳазрати Абдулбаҳо бо оромиш ва виқор ба мард нигоҳ карданд. Бо муҳаббат таолими илоҳиро ба ӯ ёдовар шуданд, ки мо бояд нисбат ба ҳамаи меҳмонон бахшанда бошем, ҳатто ба меҳмононе, ки аз мо фарқ мекунанд. Дар ин мавқеъ он мард мутаваҷҷеҳ шуд, ки Ҳазрати Абдулбаҳо ва баҳоиён дар воқеъ дар Акко, ки хонаи ӯст монанди меҳмон ҳастанд ва ӯ бояд монанди як мизбони бахшанда онҳоро бо муҳаббат бипазирад ва бо меҳрубонӣ бо онҳо рафтор кунад.*

**Д. Бозӣ: “Сифати пинҳон”**

Ба кӯдакон бигӯед, ки ба шакли доира биистанд ва дастҳояшон ба пеш бигиранд дар ҳоле, ки бо кафҳои ду дасташон шакли коса сохтанд. Дар миёни доира биистед ва як чизи хурдакакеро монанди як сангреза дар даст бигиред. Ин чиз намоёнгари як сифате хоҳад буд, барои мисол “меҳрубонӣ” ҳамчунон, ки дар даруни доира қадам мезанед дастатонро аз рӯи дастони ҳар як кӯдакон гузаронед ва барои мисол бигӯед: “Джон меҳрубон аст, Изабела меҳрубон аст, Дирву меҳрубон аст” ва баҳамин тартиб. Ҳар кӯдаке бояд дастони худро пӯшонад ва чунон рафтор кунад, ки шумо он чизро ба ӯ додаед. Шумо бояд воқеан он чизро дар дастони яке аз кӯдакон биандозед. Вақти тамоми доираро давр задед, яке аз кӯдакон бояд кӯшиш кунад, ки тахмин кунад, ки он чиз дар дасти кист ва барои он кор бояд барои мисол бигӯед: “Кинҷи хеле меҳрубон аст”. Сипас Кинҷи бояд дастони худро боз кунад ва нишон диҳад, ки он чиз дар дасти ӯ аст ё на. Бояд се дафъа ба кӯдак имкон диҳед, ки тахмин кунад, ки он чиз дар дасти кист. Баъд аз он метавонед бозиро бо сифати дигаре такрор кунед. Бояд боварӣ ҳосил кунед, ки ҳар кӯдак ақалан дар яке аз давраҳои бозӣ он чизро дарёфт мекунад.

**Е. Рангдиҳӣ: Наққошии 16**

**Ж. Дуоҳои хотимавӣ**

# ДАРСИ 17

**А. Тиловат ва ба хотир супоридани муноҷот**

Дар чаҳор дарси баъдӣ кӯдакон хоҳанд омӯхт, ки муноҷоти зерро аз бар тиловат кунанд. Агар ҳар ҷаласаро бо муноҷоти нав, ки аз бар кардаанд, монанди муноҷоте, ки дар Бахши 16 пешниҳод шудабуд, шурӯъ кунед, донишомӯзонатон ташвиқ хоҳанд шуд, ва илҳом хоҳанд гирифт. Пас аз он, ки чанд донишомӯзон низ муноҷот тиловат карданд, метавонед ба равиши маъмулӣ муноҷоти зерро муаррифӣ кунед.

> ***"Эй Худои ман, исмат шифои ман ва зикрат давои ман ва наздикиат умед ва орзуи ман ва муҳаббатат мунисӣ ман ва раҳматат табиб ва муъини ман дар дунё ва охират аст ва ба дурустӣ, ки Ту Атокунада, Олим, Ҳаким ҳастӣ"*** *(мазмун)*

**Б. Суруд (Такрори сурудҳои пешинро низ дарбар мегирад.)**

Манбаъи шуҷоат

ДАСТИҶАМЪӢ

```
   Am
Манбаъи қудрату шуҷоат
              Dm              E          Am
Таблиғи Каломаш бувад
   Am
Манбаъи қудрату шуҷоат
  Dm              E       Am
Пойдоррӣ дар ишқаш бувад

   G
Худро фаромӯш кун
   C
Ҳақро дифо намо
   E7
Ҳифз кун афтодаро
  Am
Бо таваккул бар Ӯ
```

Пахш кун Каломаш
Шуҷоъ бош дар амалҳо
Дар раҳаш бирав
Ки орадат ба бахт

ДАСТИҶАМЪӢ

**В. Ба хотир супурдани навиштаҳо**

Ибораи зер дар баёни мавзӯъи дарс ва навиштае, ки кӯдакон бояд аз бар кунанд, ба шумо кӯмак хоҳанд кард.

Шуҷоат доштан ба маънии он аст, ки ҳақиқатро ҳимоят кунем, ва ҳатто агар танҳо касоне ҳастем, ки чунин мекунем, касонеро, ки ба кӯмаки мо эҳтиёҷ доранд мудофиа кунем, ҳатто агар барои мо мушкилӣ оварад. Ҳақиқатро бигӯем, ҳатто агар медонем, ки сахтиҳое барои мо меоварад. Ба шуҷоат эҳтиёҷ дорем, то бо сахтиҳои зиндагӣ бо оромиш ва виқор рӯ ба рӯ шавем. Манбаъи шуҷоати мо - муҳаббати мо нисбат ба Худованд ва иштиёқамон ба ризои Ӯ зиёдтар аз ҳар нафси дигаре аст. Барои кӯмак ба мо, то ин ки ба хотир дошта бошем, ки бояд бо ҳар мавқеияте дар зиндагӣ бо шуҷоат рӯ ба рӯ шавем, биёед навиштаи зерро аз бар намоем:

**“Манбаъи қудрат ва шуҷоати олия калимаҳои Илоҳӣ ва истиқомат дар муҳаббати Ӯст.”** **(мазмун аз арабӣ)**

*Сарчашма*

1. Киюнгим дар деҳкадае дар як дарае зиндагӣ мекунад. Оби деҳкада аз об шудани барфи қуллаҳои кӯҳҳои атроф таъмин мешавад. Оби деҳкада аз сарчашмаъи кӯҳҳо меояд.

2. Хонум Потриз се фарзанди бомуҳаббат ва боадаб дорад. Фарзандони хонум Потриз сарчашмаи хушҳолии ӯ ҳастанд.

*Олия*

1. Ду нафар аз дӯстони Шиво баҳсу мунозира карданд ва аз якдигар асабонӣ шуданд. Шиво ба ҳар яке аз онҳо кӯмак кард, ки дидгоҳи дигареро дарк кунанд ва бо дигарӣ ошти кунад. Шиво ҳамеша дар аълоии сулҳ ва ҳамдигарфаҳмӣ миёни дӯстонаш мекӯшад .

2. Парасторе ба синф меояд то дар бораи ғизоҳое, ки барои саломатии кӯдакон хуб ҳастанд, ба онҳо омӯзиш диҳад. Парастон дар аълоии тандурустии ғазо мекӯшад.

*Истиқомат*

1. Промила медонист, ки мехоҳад пизишк шавад. Ӯ ҳамеша дар мадраса бисёр дарс мехонад ва пас аз солҳои кӯшишҳои зиёд ба ҳадафаш расид. Ӯ дар сайъҳои худ барои доктор шудан истиқомат нишон дод.

2. Звондай ба деҳкадаи хеле дуре рафт , то барои таъсиси як мактаб кӯмак кунад. Агар чи хонаводаашро ёд карда бошад ҳам, ва бо мушкилоти зиёде рӯ ба рӯ шуда бошад ҳам, истиқомат нишон дод ва чандин сол дар деҳкада зиндагӣ карда, ба муаллимон дарс медод ва бо кӯдакон кор мекард.

**Д. Достон**

*Алӣ-Аскар як тоҷире дар Эрон буд. Вақте баҳоӣ шуд, аз дасти онҳое, ки муқобили Амри Муборак буданд, ба мушкилии азиме гирифтор шуд. Дар зарфи муддати кӯтоҳе ҳар он чӣ дошт, аз даст дод. Аммо дилсард нашуд. Вақте дид, ки дар ватани худ намета-*

*вонад харҷи зиндагии худро таъмин кунад, тасмим гирифт, ки ба Адерна равад, шаҳре дар яке аз минтақаҳои ҳамсоя.*

*Дар Адерна гарчи боз ҳам дар нодорӣ буд, тавонист қадре мол ба даст оварад. Қабл аз он, ки битавонад ҳатто яке аз он молҳоро бифурӯшад, duздон ба ӯ ҳамла карданд ва ҳар он чӣ ӯ дошт, гирифтанд. Дубора ӯ монду, нодорӣ.*

*Ба зудӣ дуздон дастгир шуданд ва моли бисёре, ки аз дуздӣ кардан аз одамони зиёде ба даст оварда шуда буданд, забт шуд. Яке аз мансабдорон маҳаллӣ, ки он молҳоро забт карда буд, фикре кард, то сарватро барои худ нигоҳ дорад, Алӣ-Аскарро ба дафтари худ хонд ва тавзеҳ дод.*

*Ӯ гуфт: "Алӣ-Аскар ин дуздон сарвати зиёде доранд, дар гузорише, ки ба ҳукумат доданд, маблағе ки аз ту дуздида буданд бисер зиёд будааст. Пас бояд дар маҳкама ҳозир шавӣ ва шаҳодат диҳӣ, ки он чӣ навиштаам дуруст аст". Он мансабдори давлатӣ фикр мекард, ки ба ин тартиб тамоми пул ба Алӣ-Аскар баргардонида мешавад ва дунафарӣ, онро байни худ тақсим хоҳанд кард.*

*Алӣ-Аскар медонист, ки ҳаргиз ба чунин нақшае ҳамроҳ нахоҳад шуд. Ӯ посух дод: "Саркор Хон, молҳои аз ман дуздида шуда каме буд. Чӣ тавр метавонам гузорише диҳам, ки ҳақиқат надорад? Вақте ки аз ман суол мекунанд, ҳақиқатро ҳамон тавре ки ҳаст, дақиқан баён хоҳам кард. Инро вазифаи худ медонам, ва фақат ҳаминро."*

*Он мансабдор бори дигар сайъ кард Алӣ-Аскарро бовар кунонад гуфт: "Ин ҷо имконияти тиллоие дорем. Туву ман - ҳарду метавонем аз он фоида барем. Нагузор чунин имконияте, ки як бор дар зиндагӣ рух медиҳад, аз дастат биравад."*

*Аммо Алӣ-Аскар бори дигар сарашро такон дод ва гуфт: "Ҷаноби Хон, ҷавоби Худоро чӣ гуна медиҳам? Маро ба ҳоли худ гузор. Ман ҳақиқатро хоҳам гуфт ва чизе ба ғайр аз ҳақиқат нахоҳам гуфт."*

*Ин буд, ки мансабдор хашмгин шуд. Агар Алӣ-Аскар ба нақшаи ӯ ҳамроҳ намешуд тамоми нақшаҳои ӯ беҳуда мешуд ва сарвати азиме, ки ҳоло дар чангаш буд аз даст мерафт. Пас шурӯъ ба таҳдиди Алӣ-Аскар намуд, ба умеде, ки битавонад ӯро аз роҳи тарс ба ҳамкорӣ водор кунад. Ӯ гуфт: "Туро ба зиндон хоҳам андохт, аз шаҳр берун хоҳам кард, азобе нахоҳад монд, ки ба ту наёварам." Сипас ба Алӣ-Аскар гуфт, ки агар розӣ нашавад, ӯро ба Эрон боз хоҳад гардронд. Алӣ-Аскар фақат лабханд зад ва гуфт:*

*"Ҷаноби Хон, ҳар он чӣ мехоҳӣ бо ман бикун, ман аз он чӣ дурустаст рӯ нахоҳам гардонд."*

**Д. Бозӣ "Бале ё на"**

Бозиро ин тавр шурӯъ кунед, ки кӯдакон як давраи калон ташкил кунанд ва шумо дар миёнаи он қарор гиред, ҳоло барои кӯдакон шарҳ диҳед, ки қарор аст ба онҳо чизе баён кунед. Баъзе аз онҳо дуруст хоҳанд буд ва баъзе нодуруст. Ба онҳо бигӯед, ки агар ибораҳо дуруст бошад, бояд бо садои баланд бигӯянд "бале" ва як қадам ба самти маркази доира бипаранд. Агар ибора нодуруст бошад, бояд бо садои баланд бигӯянд "не" ва як қадам ба ақиб бипаранд.

Тамоми ибораҳое, ки месозед бояд бар асоси чизҳое бошанд, ки кӯдакон ба осонӣ метавонанд мушоҳида кунанд. Мисолҳои ҷумлаҳои дуруст чунин ҳастанд: "Хуршед нур медиҳад." "Дарахтон аз донаҳо мерӯянд." "Кӯҳҳо баланд ҳастанд" ҳамчунон ибораҳое бисозед, ки тавсиф кунанд, кӯдакон чӣ либосҳое дар тан доранд, монанди "Соро куртаи кабуд пӯшидааст." Ё ибораҳое, дар тавсифи он чизҳое, ки дар фазои атрофи худ чӣ мебинанд, монанди "Ду нимкат он ҷо истодааст."

Баъзе ҷумлаҳои нодуруст чунин ҳастанд: “Борон ба боло меборад.” “Моҳиҳо парвоз мекунанд.” “Сангҳо бо по роҳ мераванд.” Барои сохтани ибораҳои нодуруст низ метавонед аз чизҳои атрофи худ истифода кунед. Ба ёд дошта бошед, ки нисбат ба ибораҳои нодуруст бояд ибораҳои дурусти бештаре дошта бошед, ки то охири бозӣ кӯдакон ба назди шумо, ки дар маркази доира ҳастед, бирасанд.

**Е. Рангдиҳӣ: Наққошии 17**

**Ж. Дуоҳои хотимавӣ**

# ДАРСИ 18

**А. Тиловат ва ба хотир супоридани муноҷот**

Пас аз муноҷотҳои шурӯъ кӯдакон бояд замонеро барои аз ёд кардан ва тиловати муноҷоте, ки дар дарси пешина муаррифӣ шуда буд, сарф намоянд.

**Б. Суруд (Такрори сурудҳои пешинро низ дарбар мегирад.)**

Умед

```
    C              F
Надонем мо аз оянда
  G                  C
Аз рӯйдодҳои рӯзи баъд
     C              F
Ҳамеша лек файзаш бо мост
  G           C
Пас роҳи таваккул паймо
```

ДАСТИҶАМЪӢ:

```
    F           G
Умед кун, умед кун
    C                  F
Бубин фазлаш ҳама ҷо
     F
Чун осмон
     G
Аз Шамс равшан
  C           F
Бо умед бингар боло
  F                G       C
Бо умед бингар Ӯро
```

*(давомаш дар саҳифаи оянда)*

Умедвор бош дар рушду саъй
Баҳор аст пас аз зимистон
Қатъ нагардад файзаш ҳеҷ
Ҳама зиндаанд аз он

ДАСТИҶАМЪӢ

Чун чашмаи сулҳу шодӣ
Руҳат руҳат аз хидмат
Дар ёди файзи абадӣ
Умед аз фардои беҳтар

ДАСТИҶАМЪӢ

**В. Ба хотир супурдани навиштаҳо**

Дар зер чанд афкореро мебинед, ки метавонед барои муаррифии навиштае, ки кӯдакон дар ин ҷаласа аз бар хоҳанд кард, ба кор баред.

Муҳаббати Худованд ҳамеша бо мост. Ӯ ҳаргиз моро танҳо нахоҳад гузошт ва ба мо ваъда додааст, ки моро дар сар то сари ҳаётамон ёрӣ диҳад. Агарчи мо намедонем, ки аз ин рӯз то фардо чӣ пеш хоҳад омад, аммо ба Худо эътимод дорем ва ба хотир дорем, ки неъмат ва меҳрубонии Ӯ моро ҳамеша иҳота кардаст ва ба ҳамин далел вақте ба оянда менигарем, умедвор ҳастем ва боварӣ дорем, ки насибе аз меҳрубониҳои беинтиҳои Илоҳӣ хоҳем гирифт. Бо қалбҳои саршор аз умед ҳамеша мунтазири бориши иноёти Илоҳӣ ҳастем. Барои он, ки ба мо кӯмак шавад, аҳамияти умедвориро ба ёд дошта бошем, биёед то калимотеро аз Ҳазрати Абдулбаҳо аз бар намоем:

**"Абадан умедро аз Худо қатъ манамо. Дар ҳар ҳол умедвор бош, зеро лутфи Ҳақ дар ҳар ҳолат аз инсон қатъ нагардад."**[120]

*Умедвор*

1. Ёзафино дар маҳаллаи офтобгир донае мекорад ва ҳар рӯз ба он об медиҳад. Ӯ дар интизори дидани рушди он дона аст. Ёзафина умедвор аст, ки дона як рӯз ба дарахти танумаңде табдил шавад.

2. Дӯсти хуби Антонио Матис ба шаҳри дигаре мекӯчад. Антонио дӯсташро ёд карда буд, аммо умедвор буд, ки ба дубора якдигарро хоҳанд дид.

*Лутфҳо*

1. Ҳар шаб вақте Лилиан дуо мекуанд, ба тамоми чизҳое, ки хушбахтона аз он бархурдор аст, фикр мекунад. Ӯ ба падару модараш, дӯстонаш,муаллимонаш ва ҳатто бистаре, ки дар он мехобад, фикр мекунад. Лилиан ҳамеша аз лутфҳо, ки ба ӯ расидааст, сипосгузор аст.

2. Ризо дӯстон ва рафиуқони бисёре дорад, ки ӯро дӯст доранд, ва ба ӯ кӯмак мекунанд, ки рушд кунад. Ризо ба хотири муҳаббат ва ҳимояти онҳо яъне лутфҳое, ки ба ӯ расидааст, шукргузор аст.

*Қатъ*

1. Вақте Тоҳир милаи лӯлаи обро мебандад, дигар аз он об намеояд. Ҷараёни об қатъ мешавад.

2. Ҳатто дар рӯзҳои абрӣ партавҳои хуршед заминро гарм мекунанд. Партавҳои хуршед ҳаргиз аз замин қатъ намешаванд.

**Г. Достон**

*Замоне марде буд, ки хонае надошт ва ба танҳоӣ канори рудхонаи Темза дар Лондон зиндагӣ мекард. Ӯ хеле ғамгин буд ва ҳамаи умедаш ба саодат дар зиндагиро аз даст дода буд. Як рӯз ӯ аз мағоза гузашт ва аксе дар рӯзнома диққаташро ҷалб кард. Он чӣ медид чеҳраи Ҳазрати Абдулбаҳо буд. Мард шах шуд ва ба чеҳраи Он Кас ҷазб шуд. Ӯ ҳаргиз пеш аз ин Ҳазрати Абдулбаҳоро надида буд ва Он Касро намешинохт аммо боварӣ дошт, ки бояд Он Касро зиёрат кунад. Адреси хонае дар рӯзнома дода шуда буд, бинобари ин мард шурӯъ ба роҳрафтан кард ба ин умед, ки Он Касро дар он ҷо биёбад. Роҳи дуре буд. Ҳадуди 50 км. Аммо ӯ ба роҳрафтан идома дод, то ба он хона расид.*

*Вақте оқибат ба он ҷо расид, монда шуда ва гурусна буд. Ва хонуми хона бо муҳаббат ӯро ба дохил даъват кард ба ӯ миқдоре хӯрок дод ва иҷоза дод муддате истироҳат кунад. Ҳамчунон ки истироҳат мекард, достони худро барои хонум таъриф кард ва аз ӯ пурсид оё Ҳазрати Абдулбаҳо дар он ҷо ҳастанд. Хонум ба ӯ боварӣ бахшид ки Он Кас дар он ҷо ҳастанд.*

*Ӯ пурсид; “Оё Он Кас маро мулоқот хоҳанд кад? Ҳатто маро?” Дуруст замоне, ки он хонум ҷавоб медод, ки мутмаин аст, Ҳазрати Абдулбаҳо ӯро мулоқот хоҳанд кард, Ҳазрати Абдулбаҳо худ дами дар зоҳир шуданд. Мард бархост ва Ҳазрати Абдулбаҳо дастони Худро дароз карданд, ки аз ӯ истиқбол кунанд. Чунонки гӯё ин мард яке аз дӯстони қадимии Ҳазрати Абдулбаҳо бошад, ки Он Кас аз муддатҳои қабл мунтазираш буданд. Он Кас бо ишқ ва шафқат аз ӯ истиқбол карданд ва аз ӯ хостанд, ки дар канорашон бинишинад. Сипас Ҳазрати Абдулбаҳо, ки ҳамеша медонистанд, чӣ тавр сурури аз даст рафтаи одамонро ба қалбҳояшон бозгардонанд, ба сӯҳтат бо он мард шурӯъ карданд. Он Кас ӯро ташвиқ карданд, ки ғам ва андӯҳашро канор бигузорад ва ба ӯ ёдовар шуданд, ки ӯ дар малакути илоҳӣ сарватманд аст. Ҳамчунон, ки Ҳазрати Абдулбаҳо борони шафқати Худро бар мард мебориданд, калимоти оромибахши Он Кас ба тадриҷ қалби ӯро тасаллӣ дод ва ба ӯ қувват бахшид. Кам кам андӯҳи ӯ хомӯш шуд, мард қабл аз ин ки биравад, ба Ҳазрати Абдулбаҳо гуфт, ки дигар намегузорад камбағалиаш ӯро нороҳат кунад. Баръакс, ӯ барои худ коре пайдо хоҳад кард ва пули худро ҷамъ хоҳад кард, то битавонад қитъаи замин бихарад. Дар он замин бунафша хоҳад кошт, ки дар бозор бифурӯшад. Он мард аз Ҳазрати Абдулбаҳо ёд гирифт, ки ба Худо таваккул кунад ва боварӣ дошта бошад, ки Худо кӯшишҳои ӯро таъйид хоҳад кард ва баракат хоҳад бахшид. Ноумедии ӯ ба умед табдил шуд.*

**Д. Бозӣ: “Боронсоз”**

Кӯдакон, бигзор, даври шуморо ҳалқавор гиранд. Аз кӯдакон бихоҳед, тасаввур намоянд, ки дар биёбоне мебошанд ва шадидан таманно доранд, ки борон борад. Сипас шумо шурӯъ ба молидани кафи дастони худ намоед ва аз кӯдакон низ бихоҳед ин амалро ба навбат такрор намоянд. Вақте ки шумо ин ҳаракатро иҷро кардед ва ҳама кӯдакон дастони худро ба ҳам молиданд, аз онҳо бихоҳед, ин корро то вақте идома диҳанд, ки шумо ба ҳар кадоме назар карда, ҳаракати баъдиро нишон хоҳед дод. Шумо метавонед бишкан занед, сипас каф бикубед, дастон ба по бикубед ва по бикӯбед. Овозе, ки бачаҳо ба вуҷуд меоваранд, бояд ба нахустин қатраҳои борон, дар аввал ва ба раъду барқи шадид дар охир шабоҳат дошта бошад.

**Е. Рангдиҳӣ: Наққошии 18**

**Ж. Дуоҳои хотимавӣ**

# ДАРСИ 19

**А. Тиловат ва ба хотир супоридани муноҷот**

Монанди ҳамеша дарсро бо муноҷот шурӯъ кунед. Сипас метавонед ба кӯдакон кӯмак кунед, ки ба аз бар кардани муноҷоте, ки дар дарси 17 муаррифӣ шуд, идома диҳанд.

**Б. Суруд (Такрори сурудҳои пешинро низ дарбар мегирад.)**

## Дастони серкор

ДАСТИҶАМЪӢ:

```
  C                    F
Дастони серкор шод созанд
  C                 G
Кӯдаконро ва онҳо
   C               F
Паҳн месозанд ишқу сулҳро
     C        F           G     C
Бахшанд шодӣ ба дилҳо

  C                     F
Дар сохтани дунёи нав
C             G
Нақше бошад ҳар касро
 C              F
Ҳама агар шокир бошем
 C        F           G          C
Зудтар расем мақсадро
```

*(давомаш дар саҳифаи оянда)*

ДАСТИҶАМЪӢ

Дар сохтани дунёи нав
Кӯмак мекунад Худо
Бо кӯмак ва бо муҳаббат
Тарҷеҳ диҳем дигаронро

ДАСТИҶАМЪӢ

**B. Ба хотир супурдани навиштаҳо**

Дар ин дарс кӯдакон навиштаро дар бораи амонат аз бар хоҳанд кард. Метавонед мавзӯи дарсро ба ин тариқ муаррифӣ кунед.

Яке аз бузургтарин сифатҳо дар назари Худованд амонат аст. Агар одам амин, росткор ва дурусткор бошад, метавон ба қавли ӯ бовар кард. Набояд қавли мо як чизе бошад ва амаламон як чизи дигар. Амалҳои мо бояд ҳамеша инъикосе аз қавлҳоямон бошад. Вақте амин ҳастем, дигарон метавонанд боварӣ дошта бошанд, ки мо тамоми кӯшишамонро мекунем, то ба масъулиятҳои худ амал кунем ва вазифаҳоямонро ба анҷом расонем. Ба ин тартиб одамон метавонанд дар бари ҳамдигар бо ҳамоҳангӣ кор кунанд. Бо донистани ин, ки ҳар касе нақши худро иҷро ҳоҳад кард. Барои ин, ки ба мо кӯмак шавад, то аҳамияти амонатро ба ёд дошта бошем, биёед навиштаи зерро аз бар кунем:

**“Амонат дарвозаи аъзам аст аз барои роҳат ва итминони халқ.”**

*Амонат*

1. Атос ба модараш қавл дод, ки ба ӯ дар муҳайё кардани шом кӯмак мекунад. Вақте дӯстонаш ба хонаашон омадаанд, ки ӯро барои бозӣ садо кунанд, Атос қавле ки ба модараш дода будро ба ёд овард ва ба дӯстонаш гуфт, ки вақти дигаре бо онҳо бозӣ мекунад. Атос сифати амонатро дар худ нишон дод.

2. Сунита ба мағоза рафт то чизҳое барои хонавода бигирад. Аммо фаҳмид, ки пули кофӣ наовардааст, то харҷи лозимаро бидиҳад. Ӯ аз соҳиби мағоза пурсид, ки оё метавонад боқимондаи пулро рӯзи дигар биёварад. Соҳиби мағоза гуфт, ки розӣ аст, зеро медонад, ки Сунита бо сифати амонат зинат ёфтааст ва мувофиқи қавли худ пули қаламҳое, ки харида буд, хоҳад пардохт

*Роҳат*

1. Эмилио ҳар вақт мехоҳад тасмими муҳиме бигирад сайъ мекунад ҷои ороме барои фикронӣ ва андешаронӣ пайдо кунад. Ӯ ба боғи ҳамон наздикӣ меравад ва дар роҳат ва оромиши боғ метавонад ақл ва дили худро равшан кунад.

2. Вақте тӯфони шадид гузашт, ҳама чизҳо ба тарзи ғайримаъмулӣ сокит ва ором шуданд. Баъд аз тӯфон роҳат ва оромиш ҳукмфармо шуд.

*Амният*

1. Вақте бачаи ҳайвон метарсад, аксаран барои амният назди модараш медавад. Ҳайвон-модар ба бачааш амният мебахшад.

2. Кӯҳнавард роҳашро гум кард ва дар ҷангал гум шуд. Вақте, ки барнагашт роҳнамоён аз деҳкада аз паси ӯ рафтанд ва вақте ӯро ёфтанд, ӯ эҳсоси амният кард, зеро фаҳмид, ки онҳо ӯро ба ҷои бехатар хоҳанд расонд.

**Г. Достон**

*Солҳои қабл дар айёми аввалияи Амри Муборак шумораи ками баҳоиён вуҷуд дошт, ки дар чандин кишвар пароканда буданд. Онҳо бо мушкилиҳои бисёре рӯ ба рӯ буданд ва аксар ба Ҳазрати Абдулбаҳо дар Арзи Ақдас нома менавиштанд ва ахбор ва саволоти худро баён мекарданд. Номаҳои онҳо қабл аз расидан ба мақсад роҳи тӯлониро тай мекард ва Ҳазрати Абдулбаҳо ҳар якеро бо муҳаббат ва диққати зиёд ҷавоб медоданд. Баёноти ташвиқомези Он Кас ба онҳо қувват мебахшид, ва қалбҳояшонро масрур месохт ва бинобар ин бисёр муҳим буд, ки ин ҷараёни иртиботӣ қатъ нашавад. Дар он замон як баҳоӣ бо номи Муҳаммад Тоқӣ дар он ноҳия зиндагӣ мекард. Ӯ солҳои пеш, дар замони ҷавониаш аз Эрон омада буд ва тиҷорати хурдеро ба роҳ андохта буд. Ӯ ба тадриҷ ба ин машҳур шуда буд, ки ҳамеша лоиқи эътимод буд, ва тамоми номаҳое, ки ба Ҳазрати Абдулбаҳо дар Арзи Ақдас фиристода мешуд, ва посуххое, ки Он Ҳазрат мефиристоданд, ба воситаи хонаи Муҳаммад Тоқӣ буд. Ҳама медонистанд, ки метавонанд ба ӯ эътимод кунанд, ки ҳар номаро бо суръат ва амният ба мақсад мерасонад. Аммо дар он замон душманони Амри Муборак зидди Ҳазрати Абдулбаҳо қиём карда буданд. Онҳо нисбат ба муҳаббат ва эҳтироме, ки мардум ба Он Кас иброз менамуданд, ҳасудӣ мекарданд, умедвор буданд, ки битавонанд сабаби бадарға шудан ва ҳатто бадтар аз он – қатли Он Ҳазратро фароҳам оваранд. Ҷосусоне атрофи манзили Мубораки Он Кас гузошта шуда буданд, ва Он Кас доимо таҳти назорат буданд. Агар душманонашон метавонистанд ҷараёни мукотибаро қатъ кунанд ва робитаи байни Ҳазрати Абдулбаҳо ва баҳоиёни вафодори кишварҳои дигарро аз байн бибаранд, чӣ қадар хушнуд мешуданд ва чӣ қадар хушнудтар мешуданд агар метавонистанд баъзе аз навиштаҳоеро, ки мешуд барои гумроҳ кардани мансабдорон истифода баранд, бидузданд. Аммо касе наметавонист пеши роҳи Ҳазрати Абдулбаҳоро бигирад. Аксар мешуд Он Касро дид, ки то охири шаб зери нури чароғи Худ дар ҳоли навиштан ҳастанд зеро воситаи боэътимодеро, ки барои дарёфт ва ирсоли номаҳо тайёр буд, доштанд. Фикр мекунед Он Кас чӣ карданд? Ҳазрати Абдулбаҳо медонистанд, ки душманонашон бохабар аз кори муҳиме, ки Муҳаммад Тоқӣ анҷом медод, шудаанд. Бе ҳеҷ шакку шубҳа сайъ хоҳанд кард, ки пеши роҳи номаҳоеро ки ба воситаи ӯ мерасид, бигиранд. Пас Ҳазрати Абдулбаҳо Муҳаммад Тоқиро ба макони наздике дар кишвари ҳамсоя фиристоданд, ки дар он ҷо аз хатар дар амн буд. Сипас нафарони дигар, ки душманони Он Ҳазрат онҳоро наме-шинохтанд, тамоми номаҳоеро, ки ба Арзи Ақдас фиристода шуда буданд, ё аз он ҷо ба дигар нуқтаҳо бояд фиристода мешуданд, ба Муҳаммад Тоқӣ мерасонданд ва Муҳаммад Тоқӣ аз ин нуқтаи амн вафодорона ба дарёфт ва ирсоли номаҳо идома дод ва ҳаргиз ба эътимоде, ки Ҳазрати Абдулбаҳо ба ӯ карда буданд, ҳодисае ворид накард. Чунин буд, ки ҳатто дар сахттарин айём иртибот бо Арзи Ақдас ҳеҷ вақт қатъ на-шуда буд ва роҳнамоии Илоҳӣ дар дуртарин маконҳо ба дасти дӯстон мерасид.*

**Д. Бозӣ: “Роҳнамо”**

Донишомӯзони худро ба гурӯҳҳои дунафара тақсим кунед ва аз онҳо бихоҳед дасти ҳамгурӯҳи худро бигиранд. Чашмони яке аз кӯдакони ҳар гурӯҳро бибандед. Кӯдаки дигар бояд дӯсти худро ба ин су ва он су ҳидоят кунад ва боварӣ ҳосил кунад, ки ӯ дар роҳ бо монеаҳо бар намехӯрад. Барои он ки мушкилии бозӣ бештар шавад, кӯдаки чашмбастаро метавон аз миёни монеаҳо ҳидоят кард. Масалан, чандто дарахт, чуқурӣ, тахтасанг ва чархи мошин. Ба маҳзи ин, ки ба ин тартиб пайванди эътимод байни ду аъзои гурӯҳ барқарор шуд, роҳнамо метавонад кӯдаки чашмбастаро танҳо бо роҳнамоиҳои суханӣ ҳидоят кунад. Дар он сурат роҳнамо бояд кӯдаки чашмбастаро аз наздик ҳамроҳӣ кунад, то дар сурати бо монеъа бархӯрдани ӯ битавонад ӯро бигирад.

Шакли дигари бозӣ ин аст, ки метавонед чашми ҳамаи кӯдаконро бибандед ва онҳо мисли қаторе дароянд, ки тавассути шумо ё яке аз донишомӯзон ҳидоят мешавад.

Дар ҳар ҷуфте чашми яке аз бачаҳоро бандед. Кӯдаки дигарӣ бояд тавре вайро роҳнамоӣ кунад, ки ӯ пешпой нахӯрад. Агар мехоҳед бозиро мураккаб ва печидатар намоед, кӯдаки чашмбастаро аз роҳе баред, ки мавонеъе ба монанди чуб, хандақ, санг ва шинаи мошин дошта бошад. Барои озмуда намудани истеъдоди роҳнамоӣ ва пайравии бачаҳо кӯдаки чашмбастаро фақат шифоҳан бояд роҳнамоӣ кард. Кӯдаки роҳбалад метавонад аз ақиби бачаи чашмбаста рафта, дар сурати лузум ёрии худро дареғ надорад.

Ҷойгузини бозӣ: дар ин бозӣ метавонед чашмони ҳамаи бачаҳоро баста ва онҳо ба сурати қофилае боистӣ дастуроти шумо ва ё яке аз бачаҳоро иҷро кунанд.

**Е. Рангдиҳӣ: Наққошии 19**

**Ж. Дуоҳои хотимавӣ**

## ДАРСИ 20

**А. Тиловат ва ба хотир супоридани муноҷот**

Пас аз он ки шумо ва чанд тан аз донишомӯзон муноҷоти шурӯъро тиловат кардед, муноҷоте, ки кӯдакон дар се ҷаласаи охир меомӯхтанд, бо онҳо такрор кунед.

**Б. Суруд (Такрори сурудҳои пешинро низ дарбар мегирад.)**

Нори ишқи Худо барафрузад

D
Дар қалбам

A
Равшан аст норе

G
Худо афрӯхт

*(давомаш дар саҳифаи оянда)*

D
Махсус норе

A
Ва ин норест

G
Он норест

D
Аз ишқи Ӯ

ДАСТИҶАМЪӢ:

D A
Ва ман бо дуо
Ва ман бо дуо *(акси садо)*

G
Хоҳам

A D A
Дилам барафрӯзад
Дилам барафрӯзад *(акси садо)*

G
Бо нор

A D A
Бо нори ишқи Худ

G
Ва мекунам саъй

A D
Ки афрӯзам ҳама дилҳоро

Рӯз то рӯз
Шӯълавартар созам
Бо дуо
Ва некӣ бар ҳамагон

Фузун гардад он
Бо дуо
Ва хидмати башар

Ва чун нор
Фузун гардад
Кунанд эҳсос
Онond ки оянд
Роҳаш
Диҳад гармӣ
Ҳамаро
Дар роҳи худ

ДАСТИҶАМЪӢ

## В. Ба хотир супурдани навиштаҳо

Мавзӯъи ин дарс иштиол (шӯълавар будан, афрӯхтагӣ) аст. Матлаби зер дар ошно кардан бо мавзӯъи навишта, ки аз бар хоҳанд кард, ба шумо кӯмак хоҳанд кард.

> Ҳар инсоне барои маърифати Илоҳӣ ва муҳаббати Ӯ офарида шудааст, ва ҳамаи мо тобиши муҳаббати Ӯро дар қалбҳои худ дорем. Муҳим аст, ки ин шӯълаи муҳаббати Худоро бо дуо ба остонаш ва бо хидмат бо дигарон шӯълавар нигоҳ дорем, то бо қуввати ҳар чӣ бештар рушд намояд. Ва ҳамчунон ки ин шӯъла бо шиддати ҳарчи бештаре дар қалбҳоямон медурахшад, тамоми онҳое, ки ба сари роҳи мо қарор мегиранд, гармиашро эҳсос хоҳанд кард ва қалбҳои онҳо низ равшан хоҳад шуд. Вақте инчунин шӯълавар бошем, монанди шамъҳои фурӯзоне мешавем, ки ногузир ба атрофиёни худ нур ва гармӣ мебахшем. Биёед навиштаи зерро аз бар кунем:

> **“Эй қавм, ба ҳарорати муҳаббати Худо шӯълавар бошед, то қалбҳои дигаронро шӯълавар созед.”[122]**

*Шуълавар*

1. Хона сард буд, ба ҳамин хотир падари Аксел тасмим гирифт оташ рӯшан кунад. Ӯ кундаҳои калонро ба оташдон гузошт ва чанд шохаи хурдтаре зери он даргиронд. Чӯб ба зудӣ шуълавар шуд ва оташ хонаро гарм кард.

2. Як донишманд ба мадраса омад ва чизҳои ҷолиби бисӯре дар бораи амалкарди ҷаҳон барои донишомӯзон шарҳ дод онҳо баъд аз сӯҳбати ӯ ба пурсидани суолоти гуногун шурӯъ карданд. Донишманд майли дар бораи ҷаҳон бештар донистанро дар донишомӯзон шӯълавар сохта буд.

## В. Достон

> *Томас Брейквелл марди ҷавоне буд, ки вазифаи муҳимме дар як корхонаи нахресӣ дар ҷануби Иёлоти Муттаҳида ба ӯҳда дошт ва таътилоти худро дар Аврупо мегузаронид. Ӯ дар тобистони соли 1901, дар роҳи Аврупо, дар як киштии бухорӣ, бо зане мулоқот кард ва дар бораи мавзӯҳои руҳонӣ шурӯъ ба сӯҳбат намуд. Вақте, ба Париж расиданд, он зан ӯро ба дидори дӯсте бурд, ки дар шаҳр зиндагӣ мекард. Ӯ медонист, ки дӯсташ ва Брейквелл ба ҳамон як мавзӯъҳо алоқа доранд. Зани ҷавон онҳоро истиқбол гирифт ва ин се нафар муддате ба ҳам сӯҳбат карданд. Қабл аз тарки манзил Брейквелл аз мизбонаш пурсид, ки оё метавонад баъдан бозгардад, то бештар сӯҳбат кунад. Он хонум ӯро даъват кард, ки субҳи рӯзи баъд бозгардад. Фардо, вақте Брейквелл ба он ҷо расид, зани ҷавон диққат дод, ки чашмони ӯ медурахшиданд ва садояш пур аз эҳсос аст. Зан аз ӯ хост, ки бинишинад. Брейквелл чанд лаҳзае муштоқона ба ӯ нигоҳ кард ва сипас воқеаи аҷибе, ки аз сар гузарнидаашро нақл кард. Гуфт, ки рӯзи қабл хонумро тарк карда, дар ҳавои гарм ва вазнини баъд аз зуҳр танҳо дар давоми хиёбоне роҳ мерафт, ҳатто як барг дар атрофи ӯ ҳаракат намекард. Ногаҳон шамоли сахте омад, ки ба назар мерасид бошорати паёми наве аз сӯи Худовандро бо худ овардааст!*
>
> *Зани ҷавон аз ӯ хост, ки ором шавад. Медонед, ӯ паёмеро, ки Брейквелл ба он ишора мекард, мешинохт. Дар се рӯзи баъд, дар тӯли соатҳои дароз, ӯ ҳар он чӣ метавонист дар бораи Диёнати Баҳоӣ аз “таърих ва таълимаш” ва дар бораи Ҳазрати Абдулбаҳо, яъне Намунаи Аълои он таолим, ки дар шаҳри зиндонии Акко дар Арзи Ақдас зиндагӣ мекарданд, ба ӯ гуфт.*

*Дар охири ин се руз, қалби Брейквелл чунон аз сурур ва умед пур шуда буд, ки чизе ба ҷуз сафар ба Акко ва зиёрати Ҳазрати Абдулбаҳо намехост. Ва иттифоқан марди ҷавони дигаре низ буд, ки аз қабл барнома дошт бо ҳамин мақсад ба Арзи Ақдас биравад ва хеле хушҳол мешуд, агар Брейквелл дар ин сафар ӯро ҳамроҳӣ мекард. Бинобар ин паёме ба Ҳазрати Абдулбаҳо фиристод ва барои омадани ӯ низ иҷозат дода шуд ва онҳо хеле зуд ба роҳ баромаданд.*

*Вақте ин ду мард ба хонаи Ҳазрати Абдулбаҳо расиданд, ба утоқе бурда шуданд, ки чандин марди дигар низ дар он ҷо буданд. Брейквелл дар ҳоле, ки ба атроф нигоҳ мекард, хеле нигарон шуд. Дар ин утоқ ҳеҷ касе набуд, ки қалби ӯуро ба худ ҷазб кунад ва бо ин фикр, ки Ҳазрати Абдулбаҳо бояд дар миёни ҳозирон бошанд, тарсид, ки мабодо натавонистааст он вуҷуди муборакеро, ки дар Париж дар бораашон шунида буд, бишносад. Ӯ бо ноумедӣ нишаст. Дар он лаҳза даре боз шуд ва Брейквелл ба боло нигарист, дар он ҷо нури дурахшон дид, ки аз миёни Он Ҳайкали Мубораки Ҳазрати Абдулбаҳо зоҳир шуд. Фавран донист, ки бузургтарин орзуяш иҷро шудааст.*

*Брейквелл ду рӯзи бошукӯҳро дар ҳузури Ҳазрати Абдулбаҳо сипарӣ намуд, ва муддати он ду рӯз оташе, ки дар қалби ӯ шуълавар шуда буд бештар ва бештар қувват мегирифт. Вақте Брейквелл ба Ҳазрати Абдулбаҳо дар бораи кори худ дар корхонаи нахресӣ арз кард, ки дар он аз кӯдакон ба унвони коргар истифода мешуд, Ҳазрати Абдулбаҳо ба ӯ тавсия карданд, ки аз вазифаи худ истеъфо диҳад - коре, ки ӯ бетаъхир анҷом дод. Дар охири ин мулоқот ӯ ба Париж бозгашт, дар ҳоле, ки руҳаш шӯълавар шуда буд. Дар давоми ҳаёти кӯтоҳаш монанди шамъи рӯшан месӯхт ва нури шӯълаварбударо дар қалби худаш ба ҳар касе, ки ки ӯро медид мебахшид. Баъд аз суудаш, Ҳазрати Абдулбаҳо ба ифтихораш Лавҳе содир фармуданд, ки дар он ин иборaҳо мавҷуд аст: “Эй Брейквелл, эй азизам! Ту дар чароғи Малаъи Аъло оташе афрӯхтӣ ва ба Фирдавси Абҳо ворид шудӣ ва дар сояи Шаҷараи Тубо паноҳ ёфтӣ ва ба Лиқио Ӯ дар Ҷаннати маъво фоиз шудӣ.”*

### 3. Бозӣ: “Ерӣ ба бемор”

Яке аз кӯдаконро интихоб кунед ва ба ӯ бигӯед, ки вонамуд кунад, ки “бемор аст” ҳоло аз ду кӯдаки дигар бихоҳед, ки рӯ ба рӯи ҳамдигар биистанд. Дар ҳоле, ки дастони худро дар атрофи дастони кӯдаки дигарӣ қуфл гардонанд, то як “сандалӣ” сохта шавад. Бар асоси ҷусса ва маҳорати кӯдакон дар назар гирифтан, метавонед аз онҳо бихоҳед, ки ба тарзи дигар сандалиро бисозанд. Дар он сурат аз ҳар ду кӯдак бихоҳед, ки бо дастҳои рости худ ба бозуи чап ва дастони чапи худро аз бозуи рост бигиранд.

Ҳамсинфони дигар бояд акнун ба “дӯсти бемор” кӯмак кунанд, рӯи ин сандалӣ биншинад. Як дарахт ё маҳалли дигареро ба унвони “дармонгоҳ” интихоб кунед ва аз кӯдаконе, ки сандалӣ сохтаанд, бихоҳед кӯдаки “бемор”-ро ба онҷо бибаранд.

Дигар гурӯҳи калонтар, метавон аз кӯдакон хост, ки биистанд рӯ ба рӯи якдигар дар як саф, ва ба ҷои сандалӣ як кат дуруст кунанд. Онҳо бояд дастҳояшонро аз оринҷ хам кунанд ва ҳар як бозувони кӯдаки муқобили худро бигирад сипас кӯдаки бемор рӯи он кат қарор гирад, то ба дармонгоҳ бурда шавад. Ба кӯдакон ёдоварӣ кунед, ки агар қароор аст, ки беморро сиҳат саломат ба дармонгоҳ бирасонад, ҳама бояд бо якдигар ҳамкорӣ кунанд. Метавонед бигӯед, агар бигузорем бемор биафтад, осеб мебинад ва ҳама нороҳат хоҳем шуд, аммо агар бе мушкилӣ ба дармонгоҳ бирасем, метавонем хушҳолу розӣ бошем, зеро ба дӯстамон кӯмак кардаем.

### Е. Рангдиҳӣ: Наққошии 20

### Ж. Дуоҳои хотимавӣ

# ДАРСИ 21

## А. Тиловат ва ба хотир супоридани муноҷот

Дар ин ҷаласа ва се ҷаласа баъд аз ин яке аз муноҷотҳое, ки аз бар ҳастед, монанди муноҷоти пешинҳодшуда дар бахши 19-ро тиловат кунед. Пас аз он, ки шумо ва чанд нафар аз кӯдакон хондед, метавонед муноҷоти зерро ба онҳо шинос кунед. Ин охирин муноҷоте аст, ки дар соли ҷорӣ аз бар хоҳед кард.

***“Парвардигоро!Ин тифлонро ниҳолҳои беҳамол кун ва дар ҳадиқаи Мисоқ нашъу намо бахш ва ба файзи саҳоби Малакути Абҳо тароват ва латофат деҳ. Меҳрабоно! Тифли сағирам ба духул дар Малакут кабир фармо. Дар заминам, осмонӣ фармо. Носутиям, лоҳутӣ фармо. Зулмониям, нуронӣ кун. Ҷисмониям, руҳонӣ намо. Ва мазҳари фуюзоти номутаноҳӣ фармо. Туӣ Муқтадир ва Меҳрабон. ”***

## Б. Суруд “Нурoният”

Равшанӣ

E A
Нури болоро инъикос мекунем
B E
Дилҳо мунаввар аз нури муҳаббат
E A
Гар мо шодему мунаввару равшан
B E
Ҳама гармии нурашро ҳис кунанд

ДАСТИҶАМЪӢ

E A
Писар! Эй Писари Вуҷуд!
B E
Чароғи Маниву нури Ман дар ту!
E A
Писар! Эй Писари Вуҷуд!
B E
Чароғи Маниву нури Ман дар ту!

Муҳаббати Худо ҳамеша ҷорист
Хидмат равшанишро диҳад афзоиш
Дареғ надор! Равшанӣ деҳ! Бо ҳама қувва!
То ки ҳар қалб шавад пур аз нури Ӯ

ДАСТИҶАМЪӢ

**В. Ба хотир супоридани навиштаҳо**

Дар ин дарс кӯдакон навиштаи дар бораи сифати нурониятро аз бар хоҳанд кард, ки метавонед ба шакли зер шинос намоед:

> Муҳаббати Худо ҳаргиз қатъ намешавад ва аз нур бахшидан ба қалбҳои мо бознамеистад. Ҳамчунон, ки ин нур руз ба руз равшантар мешавад, қалбҳои мо аз ишқи Ӯ нуронӣ мегардад. Нури маърифати Илоҳӣ, яъне маърифати азамат ва ҷалоли Ӯ чашмони моро равшан мекунад. Аз роҳи рафтори бахшанда ва суханони пурмеҳри мо нури муҳаббат ва маърифат дар атроф метобад. Касоне, ки дар атрофи мо ҳастанд, аз нуронияти сурури мо зери таъсир қарор мегиранд. Барои он, ки ба мо кӯмак шавад, то аҳамияти сифати нурониятро ба ёд дошта бошем, биёед навиштаи зерро аз бар кунем:

> **“Эй Писари Вуҷуд! Ту чароғдони Манӣ ва чароғи Ман дар туст. Пас аз он нуроният биҷӯ ва ҷуз Маро маҷӯ.”[124]**

*Нуроният биҷӯ*

1. Вақте Тойирил аз хоб бедор шуд, нури хуршед утоқро фаро гирифта буд. Ӯ хушҳол буд, ки нуронияти хуршед ба ӯ субҳ ба хайр мегӯяд.

2. Хонум Сантос ҳамаро монанди хонаводаи худ дӯст дорад. Ӯ ҳамеша нисбат ба дигарон бахшанда, меҳрубон ва ёридиҳанда аст. Ҳамаи касоне, ки ӯро мулоқот мекунанд, муҳаббатеро ки дар қалби ӯст, эҳсос мекунанд ва хурсанд мешаванд. Ҳама нуронияти ӯро ҳис мекунанд.

*Маҷӯ*

1. Вақте чӯҷа аз тухм берун меояд, модар барои ғизо додани ӯ аз паси ғизо хоҳад гашт. Паррандамодар барои чӯҷаи нав ғизо меҷӯяд.

2. Мактаб ҳамаи донишомӯзонро барои як лагери махсус даъват кард. Онҳо ба хотири ширкат дар лагерӣ ба иҷозат аз волидайни худ низ эҳтиёҷ доштанд. Аз ҳамаи донишомӯзон хоста шуд, ки барои рафтан ба лагер мувофиқати волидайни худро биҷӯянд.

**Г. Достон**

> *Дороти Бейкер, ки эҳтимолан рӯзе бисёртар дар бораи он кас хоҳед омӯхт, вақте духтари ҷавон буд, ифтихори мулоқоти Ҳазрати Абдулбаҳоро пайдо кард.*
>
> *Ин модарбузурги Дороти буд, ки ӯро барои мулоқот бо Ҳазрати Абдулбаҳо бо худ бурд. Дороти ба хонае расид, ки пеш аз ин, ҳаргиз ба он ҷо наомада буд. Онҳо ба утоқе даромаданд, ки одамони бисёре оҳиста ва дар камоли майл, дар интизори нутқи Ҳазрати Абдулбаҳо, миёни худ сӯҳбат мекарданд. Ҳангоме ки Дороти ва модарбузургаш вориди утоқ шуданд, Ҳазрати Абдулбаҳо лабханд заданд ва ба Доротии хурдакак ишора карданд, ки дар канори Он Кас биншинад. Дороти муштоқона, аммо бо каме нигаронӣ ба он сӯи утоқ рафт. Бе он, ки чашмашро аз замин бардорад, бо диққат аз канори ҳамаи меҳмонони дигар гузашт ва бо чорпояе, ки дар наздикии пои Ҳазрати Абдулбаҳо буд, расид.*

*Вақте Ҳазрати Абдулбаҳо шурӯъ ба сӯҳбат карданд, Дороти он ҷо нишаста буд дар ҳоле, ки чашмонашро ба замин дӯхта, ба кафшҳои сиёҳаш бодиққат нигоҳ мекард. Ӯ шуҷоати ба Он Ҳазрат нигоҳ карданро надошт. Аммо хеле зуд тарсаш аз байн рафт. Гармии ҳузури пурмеҳри Ҳазрати Абдулбаҳоро эҳсос кард ва ҷазб шуд. Нуронияти Он Кас монанди оҳанрабо буд. Дороти бе он, ки ҳатто мутаваҷҷеҳи ҳаракати худ шавад, пайхас кард, ки рӯяшро ба сӯи Он Ҳазрат карда, оринҷҳояшро ба рӯи зонувон гузоштааст, манаҳашро ба зери дастонаш такя дода дар ҳоли нигаристан ба чеҳраи нуронии Ҳазрати Абдулбаҳо аст.*

*Дороти ҳаргиз натавонист ба ёд оварад, ки дар он рӯз Ҳазрати Абдулбаҳо дар бораи чӣ чизе сӯҳбат фармуданд. Тамоми он чи дар ёд дошт, чеҳраи меҳрубони Он Кас, садои хушнавояшон ва гармии ҳузурашон буд. Ба назар мерасид чашмони пурмеҳри Он Ҳазрат аз оламҳои руҳонии илоҳӣ барои ӯ мегӯянд. Бо мурури замон муҳаббати Худо, ки дар қалбаш афрӯхта шуда буд, чунон қувват гирифт, ки тасмим гирифт, ки номае ба Ҳазрати Абдулбаҳо бинависад. Ӯ дар номааш аз Он Кас хоҳиш кард, ки иҷозат диҳанд, то ба Он Кас ва Амри Падари Бузургворашон Ҳазрати Баҳоуллоҳ хизмат кунад. Ҳазрати Абдулбаҳо дар посух ба Дороти ҳадафи ӯро ситоиш карданд ва ӯро аз меҳрубониҳои Илоҳӣ итминон бахшиданд ва ибрози умедворӣ фармуданд, ки дар расидан ба хоҳишаш муваффақ хоҳад шуд. Ва дар воқеъ Дороти тамоми ҳаёти худро ба хидмат ба Худованд ва башарият бахшид.*

**Д. Бозӣ: “Копияҳои дутарафа”**

Кӯдаконро ба гурӯҳҳои ду нафарӣ тақсим кунед. Ҳар ҷуфте бояд рӯ ба рӯи якдигар истад. Яке аз кӯдакон дар ҷуфт бояд ҳаракат кунад, кӯдаки дигарӣ бояд ҳаракатҳои ӯро такрор намояд, мисли инъикосе, ки бар оина меафтад. Баъд аз муддате кӯдакон нақшашонро иваз мекунанд. Ғайр аз ҳаракатҳо метавонанд тағйири қиёфаи ҳамдигарро такрор кунанд. Сипас, ҷуфтҳо яке баъд аз дигарӣ меистанд ва он касе, ки дар пеш аст, ҳаракат мекунад, ва оне, ки аз ақиби ӯ истодааст, бояд ҳаракатҳои ӯро соявор такрор кунад.

**Е. Рангдиҳӣ: Наққошии 21**

**Ж. Дуоҳои хотимавӣ**

## ДАРСИ 22

**А. Тиловат ва ба хотир супоридани муноҷот**

Пас аз муноҷотҳои шурӯъ, кӯдакон метавонанд, аз бар кардани муноҷоте, ки дар дарси пешина оварда шудааст, давом диҳанд.

**Б. Суруд (Такрори сурудҳои пешинро низ дарбар мегирад.)**

Хушбахт будан хоҳам

Am
Ҳақиқатест бояд бидонӣ
Am E7
Дар ин Амр бояд собит намоӣ
Dm
Ки марди амал ҳастӣ, на сухан
Am E7 Am
Далел аз Амр ҳаёти ту бар дӯсту душман

ДАСТИҶАМЪӢ:

Am
Хушбахт будан хоҳам
Am
Қавӣ буданро
Am
Бахшам бар хидматаш
Am
Ҳама умрамро
Dm Am
Аз аҳкомаш итоат кунам
E7 Am
Аз аҳкомаш итоат кунам

Ҳақиқатест бояд бидонӣ
Дар олами ҳавасҳои фонӣ
Хастаанд ҳама ҳама аз ҳарфҳои холӣ
Хоҳанд ки ту амал бар таблиғат кунӣ

ДАСТИҶАМЪӢ

**В. Ба хотир супурдани навиштаҳо**

Кӯдакон дар ин дарс хоҳанд омӯхт, ки ин навиштаи зерро аз бар тиловат кунанд. Ин навишта дар бораи мавзӯи вафо аст. Афкоре дар ин ҷо овардашудааст, ки барои фаҳминадани ин навишта кӯмак мекунад.

> Як мӯъмини бовафо ҳаргиз тамоми меҳрубониҳоро, ки Худованд ба ӯ бахшидааст, фаромӯш намекунад; ҳаргиз аз ишқ ба Худованд бознамемонад. Аз сар вафо бар Худованд аст, ки ҳамеша мекӯшем бар таолими Ӯ пайравӣ кунем ва ба аҳкоми Ӯ итоат намоем, ҳатто вақте ин кор мушкил мешавад. Ин гуна аст, ки мо барои хидмат ба дигарон ва анҷоми корҳои шоиста сахт кӯшиш мекунем ва ҳеҷ фикре надорем, ба ғайр аз

ин ки ризои Ӯро ба даст оварем. Барои мӯъмини бовафо сурури аъзамтар аз кӯшиш барои ризои Илоҳӣ нест. Бояд ин навиштаро аз Ҳазрати Баҳоуллоҳ аз бар кунем:

**“Хушо аз барои хушбахте, ки ба тарози ҳиммат музайян шуд ва бар хидмати Амр қиём намуд.”[125]**

*Тароз*

1. Дар чанде маконҳо қозиҳо бояд дар додгоҳ кулоҳи гиси сафеде бар сар гузоранд ва либоси сиёҳи дароз бипӯшанд. Онҳо бояд тарози комили қозигиро бипӯшанд.

2. Пеш аз тарк кардани қаср шоҳзода ҳамоил ва тоҷашро мегузорад. Ӯ тарози султонии худро дар бар мекунад.

3. Джикоп ҳар субҳ қабл аз ин ки хонаро тарк кунад, дуо мехонад. Дуоҳо монанди тарозе барои рух ҳастанд. Онҳо дар тӯли рӯз Джекопр қавӣ ва муҳофиза мекунанд.

*Ҳиммат*

1. Шогирдон тасмим гирифтанд, ки дар атрофи мактабашон дарахт шинонанд. Ҷомеа бо таъмин кардани ниҳолҳо ва хок онҳоро дастгирӣ кард ва ҳимматашонро қадрдонӣ кард.

2. Пиер ва Орлин тасмим гирифтанд, ки ба қуллаи кӯҳ бароянд. Онҳо медонистанд, ки ин кор ҳиммати зиёд металабад, аммо қарори қатъӣ доштанд, ки кӯшиши худро мекунанд.

*Музайян*

1. Мей пироҳани зебое дорад, ки танҳо дар рӯзҳои хос мепӯшад. Ӯ пироҳанашро барои ҷаласаи ҷомеа пӯшид. Мей бо пироҳани махсус музайян буд.

2. Наталия ба ҳама меҳрубон аст. Худованд рухи Наталияро бо меҳрубонӣ музайян сохтааст.

*Қиём*

1. Дар аввалин рӯзи мактаб Брюс хеле барвақт ба мактаб рафт. Ӯ танҳо дар синф нишаста буд, ки мудири мактаб ворид шуд. Брюс ба эҳтироми мудирахонум аз ҷояш қиём кард.

2. Қалби Пиёно аз дидани ин ки нисбат ба касе беинсофӣ шавад ғамгин мегардад, ва ӯ ҳамеша барои ҳимояти адолат қиём мекунад.

**Г. Достон**

*Замоне, ки Ҳазрати Абдулбаҳо хурдсол буданд, хонаводаи Он Кас, ки ба ашрофзодагони Форс тааллуқ доштанд, хидматгоре бо номи Исфандиёр доштанд. Ӯ ба оилаи Ҳазрати Абдулбаҳо бениҳоят вафодор буд ва аҳли оила ба ӯ боварӣ доштанд. Ҳангоме ки ҳукумат аз рӯи ҳасодат ва нодонӣ Падари маҳбуби Ҳазрати Абдулбаҳо, Ҳазрати Баҳоуллоҳро ҳабс карданд, тамоми молу мулки оиларо низ мусодира карданд. Барои онҳо чизе боқӣ намонд ва ҳама наздикони Ҳазрати Баҳоуллоҳ дар зери хатар буданд. Бо ин ҳол Исфандиёр ҳамчунон ин хонаводаро нигоҳубин мекард. Модари Ҳазрати Аб-*

*дулбаҳо медонистанд, ки Исфандиёр ҳам мумкин аст дастгир шавад, ба ӯ маслиҳат доданд, ки шаҳрро тарк кунанд. Аммо Исфандиёр ҳозир ба рафтан набуд.*

*«Ман наметавонам биравам», - гуфт ӯ, зеро аз мағозаҳои атроф қарздорам. «Чӣ тавр ман метавонам биравам? – пурсид ӯ. Онҳо хоҳанд гуфт, ки хидматгори Ҳазрати Баҳоуллоҳ маҳсулот ва озуқа гирифта, пулашро нададааст. То он даме, ки ман тамоми қарзҳоямро надиҳам, наметавонам биравам. Агар маро боздошт карданд, аҳамият надиҳед. Агар ҷазое доданд, боке нест. Агар куштанд, ғам нахӯред. Аммо, наметавонам биравам. Ман бояд то замоне бимонам, ки тамоми қарзҳоямро пас дида бошам.»*

*Дар муддати як моҳ Исфандиёр дар кӯчаву бозор гашта, он чизу чораи каме, ки дошт, мефурӯхт. Ӯ медонист, ки бештар аз ин бо ин оила монда наметавонист. Яке аз вазирон розӣ шуд, ки дар ин давраи хатарнок ӯро бо худ гирифта, таҳти ҳимояти худ қарор диҳад.*

*Моҳҳои бисёре гузашт. Ҳазрати Баҳоуллоҳ аз зиндон озод гаштанд, ҳукумати замон Он Ҳазратро бо аҳли байти Муборак аз Форс бадарға ва сургун намуданд. Онҳо ба Бағдод рафтанд, ба шаҳре, ки дар қаламрави кишвари ҳамсоя қарор дошт. Исфандиёр ходими бовафои Ҳазрати Баҳоуллоҳ ба Бағдод рафтанд ва хоҳиш намуданд, ки ӯро дубора барои хидмати аҳли оилаи Муборак қабул фармоянд. Ҳазрати Баҳоуллоҳ фармуданд: «Ҳангоме ки ту аз хонаи мо рафтӣ, туро яке аз вазирон дар айёми душвор сарпаноҳ дод ва ҳимоятат намуд, ки касе дигар аз ӯҳдаи ин кор барнаёмад. Ту бояд дар вафо нисбат ба ӯ собит ва пойдор боқӣ мемондӣ. Назди мо биё, агар ӯ ба ту иҷоза фармояд ва агар туро рухсат надиҳад, ӯро тарк накун.»*

*Исфандиёр бисёр инсони бовиҷдон, хеле мавриди эътимод ва бовафо буд, аз ин рӯ он вазир нахост, ба ӯ рухсати рафтан диҳад. «Эй Исфандиёр! – хитоб фармуд ӯ. – Ман намехоҳам, ки ту биравӣ, вале тасмими ниҳоӣ бо худи туст». Исфандиёр суханони Ҳазрати Баҳоуллоҳро ба ёд дошт. Ӯ дар хидмати вазир то он даме боқӣ монд, ки вазир дунёро падруд гуфт, он гоҳ Ифандиёр ба хонаводае баргашт, ки бо меҳри фаровон ба онҳо хидмат менамуд, ва то охири ҳаёт дар хидмати Ҳазрати Абдулбаҳо барпо буд.*

**Д. Бозӣ: “Чӣ касе дар мезанад? ”**

Чашмони яке аз кӯдаконро бандед ва пушташ ба сӯи дигарон рӯи нимкат нишонед. Яке аз кӯдакон назди ӯ омада, ба нимкат тақ-тақ кунад, ки гӯё дар мезанад. Кӯдаке, ки чашмонаш баста аст, бояд пурсад: «Он ҷо кист?», дар посух кӯдаки дарзан бояд гӯяд: «Манам», вале бояд овозашро тағйир диҳад. Кӯдаки чашмбаста бояд пай барад, ки ӯ кист. Ӯ се ҳаққи озмоиш дорад, баъд аз он кӯдаки дигаре ба ҷои вай менишинад. Шояд бихоҳед ба кӯдакон гӯшзад кунед, ки агар қарор аст кӯдаки чашмбаста бодиққат гӯш кунад, бақияи синф бояд сокит бимонанд.

**Е. Рангдиҳӣ: Наққошии 22**

**Ж. Дуоҳои хотимавӣ**

# ДАРСИ 23

**А. Тиловат ва ба хотир супоридани муноҷот**

Метавонед синфро бо чанд муноҷот шурӯъ кунед ва сипас ба кӯдакон кӯмак кунед, ки кӯшиши худро барои аз бар кардани муноҷоти дар дарси 21 овардa шуда идама диҳанд.

**Б. Суруд (Такрори сурудҳои пешинро низ дарбар мегирад.)**

Сабр

D A
Пойҳои ту хастаанд

A D
Вале роҳ аст тӯлонӣ хеле

D A
Надорӣ майли кӯшиш

A D
Офтоб ҳам сӯзон аст

G D
Бесабрӣ бемаънӣ аст

G D
Аз гиря нест фоида

G D
Қадам бар қадам гар равӣ

A D
Гузашт вақт давида

ДАСТИҶАМЪӢ:

G D
Сабурӣ бошад ҷавобат

G D
Дар роҳативу ғам

G D
Сабуриро подошест

A D
К-орад хушбахтӣ бо ҳам

Гар додарат намефаҳмад
Бигӯяш аз ду бор бештар
Ҳамвора бояд саъй кард
То бошӣ меҳрабонтар

*(давомаш дар саҳифаи оянда)*

Бесабрӣ бемаънӣ аст
Дурушт будан - камтар
Бо ӯ гар меҳрабонӣ ту
Ӯ ёд мегирад тезтар

ДАСТИҶАМЪӢ

Пешрафт дар корат хостӣ
Вале нагаштӣ муваффақ
Пас чаро бояд саъй кард
Куҷо равӣ фаротар?

Бесабрӣ бемаънӣ аст
Саъйи камтар-беақлист
Бештар агар саъй мекунӣ
Ҳатман мекунӣ пешрафт

ДАСТИҶАМЪӢ

**В. Ба хотир супурдани навиштаҳо**

Дар ин дарс кӯдакон навиштаеро дар бораи сабр аз бар хоҳанд кард, ки ба шакли зер метавонед онро баён кунед:

> Сабр яке аз муҳимтарин сифатҳое аст, ки метавонед дошта бошед. Бе сабр дар ин зиндагӣ муваффақиятҳои каме ба даст хоҳед овард ва дар мутолиаамон, дар корамон, дар хонданамон, дар дӯстиҳоямон бо дигарон, дар кӯшишҳоямон барои рушди руҳонӣ сабр зарур аст. Ҳамаи корҳо дар зиндагиамон наметавонад бо суръат анҷом гиранд. Бисёрии корҳоро метавонед фақат кам-кам, рӯз ба рӯз анҷом диҳед. Вақте ки сабуриро пеша мекунед, сайъ мекунед нисбат ба чизҳое, ки ба вақт эҳтиёҷ доранд, саросема нашавед. Мо бояд нисбат ба дигарон ва худамон босабр бошем. Зеро ҳамаи мо дар ҳоли ёдгирӣ ва рушд ҳастем. Барои он ки ба кӯшишҳои мо барои ба даст овардани сабр кӯмак шавад, биёед навиштаи зерро аз бар кунем:

**“Худованд подоши касонеро, ки сабр мекунанд, хоҳад афзуд.”[26]**

*Аҷр*

1. Хонум Андерсен аз пружаҳои илмии олие ки донишомӯзони синфаш таҳия кардаанд, бисёр хушнуд буд. Ӯ аҷри кори онҳоро дод ва онҳоро барои дидан аквариуми дар он наздикӣ бурд.

2. Улияна ҳар рӯз замонеро барои ёдгирииии навохтани гитор мебахшад. Вақте суруди зебоеро барои бародари хурдсолаш навохт, шодие, ки дар чеҳраи бародараш дид, ҳамаи аҷре буд, ки барои талошҳояш эҳтиёҷ дошт

*Босабр*

1. Олия ва хонаводааш ба ҷои дурдаст кӯчиданд. Дар чанд моҳи аввал мушкилоти бисёре доштанд, аммо бо кӯмаки ҳамсоягони меҳрабонашон тавонистанд, дар ин мушктлот собир бошанд ва акнун дар хонаи ҷадидашон бисёр хушҳол ҳастатнд

2. Ҳю бемор шуд. Ӯ дарди зиёде дошт, аммо шикоят намекард. Ӯ дар тоқаткардан собир буд.

**4. Достон**

*Ли Шен шафтолуро бисёр дӯст медошт. Шафтолуро аз ҳар меваи дигаре бештар меписандид. Ҳар рӯз ба мактаб бо худ шафтолу оварда, ҳангоми наҳор аз он тановул мекард. Ҳар луқмаеро бо як лаззати азиме фурӯ мебурд, вале он қисмеро, ки дона дар дарунаш буд, доим мепартофт.*

*Як рӯз Ли Шен дар дарс мавзӯи тухмиҳоро омӯхт ва дар ин ҳангом буд, ки ба сари ӯ фикре расид. Ӯ тасмим гирифт, донаи шафтолуро корида, дарахти шафтолу сабзонад! Вай донаи шафтолуро дар коғазе печонд. Баъд аз дарс, ба хона давида рафт ва аз падараш хоҳиш кард, ки ба вай ёрӣ диҳад, то ҷое барои коридани дона пайдо кунад. Падар гуфт, ки аввалан бояд сабр кард, ки дона хушк шавад, то тухмиро аз дарунаш кашида гиранд. Аммо Ли Шин мунтазир шудан намехост, боз ҳам мехост онро корад. «Ли Шин, - гуфт падар, - агар тоқат надорӣ, ки мунтазир шавӣ, то дона хушк шавад, чӣ гуна метавонӣ интизор бикашӣ, то аз тухмӣ ҷавона пайдо шавад?»*

*Баъд, Ли Шин донаро гузошт, то хушк шавад. Якчанд рӯз гузашт ва Ли Шин тавонист донаро шикаста, тухмиро берун оварад. Модараш ҷоеро дар боғ нишон дод, ки мумкин буд дар он ҷо дарахти калоне сарсабз шавад. Ли Шин чуқуричае канда, тухмиро он ҷо монда, аз болояш хоки наме рехт. Вай аз хушҳолӣ табассум кард. Дарахти ӯ оқибат ба рӯидан оғоз кард!*

*Ҳар рӯз Ли Шин рафта, он ҷоро хабар мегирифт, ба умеде, ки нишонае аз ҷавона задани тухмӣ пайдо кунад.*

*Чанд ҳафта гузашт, вале аз ҷавона хабаре набуд. Ли Шин дар ҳоли яъс ва навмедӣ буд. Модараш дид, ки писараш дилтанг аст, пурсид, ки чӣ хабар аст? «Тухмии ман намерӯяд, - гуфт Ли Шин. – Мехостам бидонам, ки аслан ин дарахт оё мерӯида бошад?». «Медонӣ, тухмӣ бояд аз бисёр монеаҳое гузарад, то ки аз замин неш зада барояд. Он тақрибан монанди туст. Вақте ки ту таваллуд шудӣ, ниҳоят хурд будӣ, корат фақат хӯрдану хобидан буд. Акнун ба худат як нигоҳ кун! Писари калон шудаӣ: ту роҳ рафтан, ҳарф задан метавонӣ, ва инчунин метавонӣ мустақилона хулоса барорӣ! Ба ин дарахт солиёни дарозе лозим аст, ки бирӯяд, ва агар ту хуб нигоҳаш кунӣ, як рӯзе метавонӣ дар сояи ин дарахт нишаста, аз меваҳои он нӯши ҷон кунӣ.» Пас аз ин суханони модар, Ли Шин дубора саршор аз умед шуд. Вай дарси мактабро ба хотир дошт ва медонист, ки ногузир тухмӣ чандин бор бояд тағйир ёбад, пеш аз он ки ҷавона занад.*

*Дар як рӯзи баҳорӣ Ли Шин ба таври маъмул, рафт, то он ҷоеро хабар гирад, ки тухмӣ кошта шуда буд. Барои ӯ хеле тааҷҷубовар буд: дид, ки ҷавонаи хурде аз қабати хок зада баромада истодааст! Дарахти ӯ рӯидааст! Назди ҳамсоязане давида рафт, ки боғбон буд, хост муждагонӣ диҳад. Вай чанд маслиҳати судмандеро дар бораи даврае,*

*ки ниҳолҳо хурд ва нозуканд, ва тарзи нигоҳдорӣ аз онҳоро ба ӯ дод. Ли Шин ба ҳар як калимаи ӯ гӯш дод, то ба беҳтарин ваҷҳ дарахташро парвариш диҳад. «Ба зудӣ ман соҳиби шафтолуи бисёр мешавам, то аҷр ва подоши Шуморо барои машваратҳои муфидатон диҳам», - гуфт Ли Шин. Ҳамсоязан дар посух танҳо лабханд зад. «Ли Шин, ёд дорӣ, ночор чӣ қадар интизор кашидӣ, то дона хушк шавад?», - пурсид ӯ. Ли Шин ба аломати ризо сар ҷунбонд. «Оё ба ёд дорӣ, ночор ба муддати дарозе мунтазир шудӣ, то ҷавона бирӯяд?», - хотиррасон кард ҳамсоязан. Ли Шин инро низ ба хубӣ дар ёд дошт. «Инак гӯш кун, - гуфт ҳамсоязан, - бештар аз ин вақт мехоҳад, то ҷавонаи ту ба дарахт табдил шавад, ва боз як каме дигар, то дарахт мева диҳад. Шояд, якчанд сол бояд мунтазир бимонӣ, то дар дарахти ту шафтолуҳои хушмазаат пайдо шаванд.»*

*Ли Шин аз ҳамон вақт аз дарахташ нигоҳдорӣ мекард, то ки он аз ҷавона ба як дарахти воқеӣ табдил ёфт. Он оҳиста-оҳиста қад мекашид, Ли Шин низ ҳамин тавр, ва як рӯзе, ҳангоме ки Ли Шин аз мактаб бармегашт, дид, ки чи гуна аввалин шафтолуҳои хурд пайдо шудаанд, дар ҳамон ҷое, ки пеш аз ин гулҳо буданд. Ли Шин боз як бори дигар эҳсоси амиқи хушҳолӣ кард, ва дили ӯ ба мисли он рӯзе, ки аввалин бор ҷавонаро дар ҳоли аз замин неш задан дида буд, саршор аз сурур шуд. Ӯ медонист, ки бояд сабр намояд, зеро як каме дигар вақт лозим аст, то шафтолуҳо пухта расанд.*

### 5. Бозӣ: “Роҳнамо”

Яке аз кӯдаконро интихоб кунед ва хоҳиш кунед, ки аз утоқ барояд. Дар ҳоле ки ӯ мунтазир аст, кӯдакони дигар дар синф «роҳнамо»-ро интихоб мекунанд. Сипас ҳамаи кӯдакон ҳаракатҳои роҳнаморо такрор мекунанд. Масалан, агар ӯ каф занад, бақияи бачаҳо низ каф мезананд. Агар ӯ дастонашро такон диҳад, бақияи кӯдакон низ ба даст такон додан оғоз мекунанд. Акнун кӯдаке, ки баромада буд, бояд бо диққат нигоҳ кунад ва кӯшиш кунад, ки «роҳнамо»-ро пайдо кунад. Бақияи бачагон набояд ба роҳнамо бо диққат ё ба муддати зиёд нигоҳ кунанд, зеро дар ин ҳолат ҷӯянда ба осонӣ пай хоҳад бурд, ки роҳнамо кист.

### Е. Рангдиҳӣ: Наққошии 23

### Ж. Дуоҳои хотимавӣ

## ДАРСИ 24

### А. Тиловат ва ба хотир супоридани муноҷот

Монанди ҳамеша дарсро бо чанд муноҷот шурӯъ кунед. Сипас муноҷотеро, ки кӯдакон дар чанд ҷаласаи охир машғули аз бар карданаш буданд, бо онҳо такрор намоед.

**Б. Суруд “Истиқомат дар муҳаббати Худо”**

Мо меравем

G C
Мо меравем, мо меравем
D G
Бо роҳи Худованд
G C
Мо собитем, мо собитем
D G
Дар ишқ ба Худованд

G C
Равем роҳи Худо
D G
Гар сахтӣ дар роҳ аст
G C
Дар ишқаш пойдорем
D G
Дар роҳаш мустақим

Хидмат кунем, хидмат кунем
Хидмат бар Амри Ӯ.
Мо собитем, мо собитем
Собит дар ишқи Ӯ.
Дар хидмат бар Амраш,
Саҳми худ гузорем.
Дар ишқаш босубот
Дар хидмат масрурем

Мо собитем, мо собитем
Мутаваҷҷеҳ бар Ӯ.
Мо собитем, мо собитем,
Пойдор дар ишқи Ӯ.
Ба ёрии Худо
Надорем шубҳае.
Дар ишқаш пойдорӣ,
Дур созад ҳар ғаме.

**В. Ба хотир супурдани навиштаҳо**

Афкори зер ба шумо кӯмак хоҳад кард, то навиштаеро, ки дар ин дарси охирин бо кӯдакон аз бар хоҳед кард, муаррифӣ кунед. Ин навишта бар мавзӯи мустақим будан (пойдорӣ) марказонида шудааст.

Яке аз муҳимтарин сифатҳои касе, ки воқеан Худовандро дӯст дорад мустақим будан (пойдорӣ) аст. Сарфи назар аз он чӣ дар зиндагии мо рӯй медиҳад, мо ҳамеша Худо ва муҳаббатамонро нисбат ба Ӯ ба ёд дорем. Бинобар ин ҳеҷ чизе, ки дигарон мумкин аст нисбат ба мо бигӯянд ё анҷом диҳанд, наметавонад имони моро ба Ӯ зери таъсир гузорад. Мо ошиқи Ӯ ҳастем ва ба аҳкому таълимоташ итоат мекунем. Барои он, ки ба мо ёдоварӣ шавад, ки бояд дар ҳама ҳол мустақим (пойдор) бимонем, биёед навиштаи зеро аз Ҳазрати Абдулбаҳо аз ёд кунем:

**“Агар бар амри Мавлои худ мустақим бошӣ, худро дар мақоми аъло хоҳӣ ёфт.”**[127]

*Аъло*

1. Боғҳо аз ҳар он чи Завер то он замон дида буд, зеботар буданд. Боғҳо дар назари Завер дар аъло дараҷаи зебоӣ буданд.

2. Модари Килитсу торти бисёр махсусе барои хонавода дуруст кард. Онҳо онро бо лаззати бисёр хӯрданд ва ҳама гуфтанд, ки торт ба аъло дараҷа лазиз аст.

*Мақом*

1. Марта ҳар шаб пеш аз он, ки бихобад дуо менамояд ва эҳсоси наздикӣ ба Худо мекунад. Вақте ба хоб меравад, руҳаш дар мақоми баланд қарор дорад.

2. Кумар дар ҷаласа дар бораи сулҳи ҷаҳонӣ ва хайри навъи башар суханронӣ кард. Мавзӯъҳои сӯҳбати Кумар аз мақоми боло бархӯрдоранд.

*Мустақим*

1. Дӯстони Розмари мудом ба ӯ мегӯянд, ки ситораҳо чароғҳои хурде ҳастанд, ки дар осмон овезон шудаанд. Аммо Розмари дар синфаш ёд гирифт, ки ҳар ситора дар воқеъ як хуршед дар дурдастҳо аст. Розмари фикрашро тағйир намедиҳад. Ӯ дар он чӣ ки медонад дуруст аст, мустақим мемонад.

2. Касе ба Моно гуфт, ки муҳим нест ҳар рӯз дуо бихонад. Аммо ӯ ҳамчунон дуо мехонд, зеро медонист, ки дуо хондан яке аз аҳкоми Худованд аст. Моно дар итоат аз ҳукми дуо мустақим монд.

**Г. Достон**

*Шояд бидонед, ки Баҳия Хонум хоҳари хурдии Ҳазрати Абдулбаҳо буданд. Вақте падари маҳбубашон Ҳазрати Баҳоуллоҳ аз тарафи ҳукумати ноодил дастгир шуданд ва ба зиндон фиристода шуданд, Баҳия Хонум танҳо шаш сола буданд. Аз достони дигар ба ёд доред, ки хонаводаи он кас аз наҷибзодагон буданд. Аммо ҳангоми дастгир шудани Падарашон тамоми дороиҳои хонавода ғорат шуд. Тақрибан чизе барои хонавода боқӣ намонд, ҳатто ғизое барои хӯрдан. Вақте он кас ва бародари калониашон Ҳазрати Абдулбаҳо гурусна буданд ва ноне набуд, ки ба онҳо дода шавад, модарашон як миқдор аз орд дар кафи дастони онҳо мерехтанд, то ба ҷои нон бихӯранд.*

*Баъд аз муддате Падарашон аз зиндон озод шуданд ва ҳукумат маҷбур кард то ватанашонро тарк кунанд. Баҳия Хонум ва хонаводаашон дар сармои сахти зимистон роҳи*

*Бағдод - шаҳре дар як кишвари ҳамсояро, гирифтанд. Барои расидан ба он шаҳр онҳо бояд аз кӯҳистонҳои азими барфпӯш рад мешуданд. Сафари онҳо пурхатар буд ва хӯроке ки барои сафар доштанд, кофӣ набуд. Либосашон барои муҳофизат аз сармо ва барф қариб ҳеҷ кӯмаке намекард. Бо кӯмаки танҳо чанд хачир онҳо базӯр қуллаҳои баланди барфпӯшро тай мекардаднд. Аксар вақт маҷбур буданд шабҳоро дар маконе, ки тамоман беодам буд, гузаронанд. Аммо Худованд онҳоро муҳофизат намуд ва бо кӯмаки барқарори Илоҳӣ онҳо пас аз се моҳ дар амн ва амон ба Бағдод расиданд. Баҳия Хонум дигар ҳеҷ гоҳ ба зодгоҳи худ барнагаштанд.*

*Баҳия Хонум дар давоми ҳаёти муборaки худ дар ранҷҳо ва бадарғаҳои Падари бузургворашон шарик буданд. Саранҷом ҳукумат Ҳазрати Баҳоуллоҳро ба шаҳри зиндонии Акко бадарға кард, ҷое, ки Баҳия Хонум ва оилаи муборкакшон дар миёни нафратангезтарин ҷинояткорон зиндагӣ карданд. Вақте Падари  Баҳия Хонум, ки барояшон хеле маҳбуб буданд, ин дунёро тарк фармуданд, он кас вафодорона аз бародари маҳбуби худ Ҳазрати Абдулбаҳо, ки ба унвони сарвари Амри муборак таъин шуда буданд, ҳимоят фармуданд. Ва  солҳои баъд, вақте Ҳазрати Абдулбаҳо низ ба олами баъд сууд фармуданд, Баҳия Хонум бузургтарин ҳимоятгар ва пойдортарин мудофиакунандаи набераи Он Ҳазрат Шавқи Раббонии ҷавон шуданд, яъне шахсияти муқаддасе, ки Ҳазрати Абдулбаҳо Он Касро ба унвони Валии Амруллоҳ таъин фармуда буданд.*

*Баҳия Хонум ҳоло хонуми солхурдае буданд. Ҳаёташон аз изтиробот ва инқилобот акнун пур буд. Дар зиндагӣ ҳамеша аз мусибате ба мусибати дигар ва аз фоҷиа ба фоҷиаи дигар меафтоданд. Аммо руҳи он кас ҳамеша собит монд ва қалбашон ҳамеша саршор аз муҳаббати Худо буд. Он кас то рӯзҳои вопасини ҳаёти худ мустақим ва устувор буданд.*

**Д. Бозӣ: "Дасти ёрӣ"**

Аз кӯдакон бихоҳед гурӯҳҳои дунафара ташкил диҳанд ва дастони ҳамгурӯҳи худро бигиранд. Дар аввал аз онҳо бихоҳед дунафара дар атроф роҳ бираванд дар ҳоле, ки чашмонашон боз аст. Онҳо бо қадамҳои хурд роҳ бираванд ва ба тадриҷ қадамҳояшон калонтар шавад. Ҳар гурӯҳ бояд диққат кунад, ки ба касе барнахӯрад. Сипас бояд як нафар аз гурӯҳ чашмони худро бипӯшад ва ба ин тартиб тамрини роҳрафтанро такрор кунанд. Дар ин ҳолат агар қарор аст барои ба якдигар барнахӯрдан кӯшиш кунанд, кӯдаки дигар бояд роҳнамои дӯсташ бошад. Ба онҳо бигӯед, ки бояд фақат аз аломати ламсӣ истифода кунанд. Бояд ба онҳо кӯмак кунед, то пеш аз шурӯъ аломатҳоро тарроҳӣ кунанд. Масалан, як фишори даст ба маънои "ист", ду фишор "ба ақиб баргард", ва се фишор "ба тарафи рост", ва чор фишор ба маънии "тарафи чап" бошад.

**Е. Рангдиҳӣ:  Наққошии 24**

**Ж.  Дуоҳои  хотимавӣ**



**“Эй Писари Руҳ! Нахустини насиҳати Ман ин аст, ки қалби пок, некӯ ва мунирро молик шав...”**



**“Роҳи адлро бипаймоед, ки дар ҳақиқат он роҳи рост аст...”**



**“Эй Дӯст! Дар равзаи қалб ҷуз гули ишқ макор.”**



**“Сидқ ва ростӣ асоси ҳамаи фазилатҳои инсонӣ аст.”**



**“Бахшандагӣ ва саховат аз сифатҳои Мананд; хушо аз барои касе, ки бо сифатҳои Ман ороста шуд.”**



**“Хушо ба ҳоли касе, ки бародарашро аз худ афзалтар донад!”**



**“Эй Писари Инсон! Бо сурури қалбат масрур шав, то шоистаи дидори Ман бошӣ ва инъикоси зебоиям шавӣ!”**



**“Бояд дар ҳама давру замон ростқавлӣ ва самимияти худро зоҳир намоем...”**



**“Эй Писари Инсон! Дар баробари Ман фурӯтан бош, то дар баробари ту бо лутфу марҳамат бошам.”**



**“Хушбахт бош. Шукргузор бош. Барои шукри Худо бархез, то шукргузориат сабаби издиёди неъмат гардад.”**



**“Ороиши худро раҳму бахшиш ва фазлу ва ҳам он чӣ сабаби сурури қалбҳои дӯстдоштагони Худо мешавад, қарор диҳед.”**



**“Бигӯ: Эй мардум, Забонатонро бо ростӣ ва нафсатонро бо амонат ороста созед.”**



**“Асоси малакути Илоҳӣ бар адл ва инсоф ва раҳм ва мшафқат ва меҳрабонӣ бар ҳар нафсе аст.”**



**“Бидон, ки зиннати ту иборат аст аз муҳаббати Худованд, ва инқитоъи ту аз ғайри Ӯ.”**



**“Асли иззат пазируфтани ҳамаи он чизе аст, ки аз Худо ато шуд, ва қаноат намудан ба он чӣ, ки муқаддар гашт.”**



**“Некӯст ҳоли нафсе, ки бо муҳаббати тамом бо ҳамаи мардумон муносибат намояд.”**



**“Манбаъи қудрат ва шуҷоати олия калимаҳои Илоҳӣ ва истиқомат дар муҳаббати Ӯст.”**



**“Абаданро умедро аз Худо қатъ манамо. Дар ҳар ҳол умедвор бош, зеро лутфи Ҳақ дар ҳар ҳолат аз инсон қатъ нагардад.”**



**“Амонат дарвозаи аъзам аст аз барои роҳат ва итминони халқ.”**



**“Эй қавм, ба ҳарорати муҳаббати Худо шӯълавар бошед, то қалбҳои дигаронро шӯълавар созед.”**



**“Эй Писари Вуҷуд! Ту чароғдони Манӣ ва чароғи Ман дар туст. Пас аз он нуроният биҷӯй ва ҷуз Маро маҷӯ.”**



**“Хушо аз барои хушбахте, ки ба тарози ҳиммат музайян шуд ва бар хидмати Амр қиём намуд.”**



**“Худованд подоши касонеро, ки сабр мекунанд, хоҳад афзуд.”**



**“Агар бар амри Мавлои худ мустақим бошӣ, худро дар мақоми аъло хоҳӣ ёфт.”**

# АДАБИЁТ БА ЗАБОНИ АНГЛИСӢ


1. Ҳазрати Абдулбаҳо, дар *Муноҷотҳои Баҳоӣ: Мунтахаботе аз Дуоҳое, ки Ҳазрати Баҳоуллоҳ, Ҳазрати Боб ва Ҳазрати Абдулбаҳо нозил кардаанд* (Wilmette: Bahá'í Publishing Trust, 2002, 2017 printing), с. 28.

2. Дар ҳамон ҷо., с. 29.

3. Маҷмӯаи Алвоҳи *Ҳазрати Баҳоуллоҳ, ки пас аз Китоби Ақдас нозил шудаанд*, (Wilmette: Bahá'í Publishing Trust, 1988, 2005 printing), №. 6.25, с. 66–67.

4. Ҳазрати Баҳоуллоҳ, нақл шуда тавассути Ҳазрати Валии Амруллоҳ, *Зуҳури Адли Илоҳӣ* (Wilmette: Bahá'í Publishing Trust, 2006, 2018 printing), пар. 42, с. 41.

5. Маҷмӯаи алвоҳи *Ҳазрати Баҳоуллоҳ, ки пас аз Китоби Ақдас нозил шудаанд*, №. 3.23, с. 27.

6. Ҳазрати Баҳоуллоҳ, *Калимоти Макнуна* (Wilmette: Bahá'í Publishing Trust, 2003, 2012 printing), арабӣ № 2, с. 3–4.

7. *Маҷмӯаи Алвоҳи Ҳазрати Баҳоуллоҳ, ки пас аз Китоби Ақдас нозил шудаанд,*, №. 10.5, с. 155.

8. Мунтахаботе аз Макотиби Ҳазрати Абдулбаҳо. (тарҷумаи тасвибшуда ба англисӣ)

9. Дар ҳамон ҷо.

10. Мунтахаботе аз *Макотиби Ҳазрати Абдулбаҳо* (Wilmette: Bahá'í Publishing, 2010, 2015 printing), №. 12.1, с. 42.

11. Мунтахаботе *аз Осори Ҳазрати Баҳоуллоҳ* (Wilmette: Bahá'í Publishing Trust, 1983, 2017 printing), CXXXIX, пар. 8, с. 345.

12. Ҳазрати Абдулбаҳо, ки аз нақли Шавқи Афандӣ оварда шудааст, *Зуҳури Адли Илоҳӣ*, пар. 40, с. 39.

13. Ҳазрати Абдулбаҳо, дар "Амонат: Як фазилати асосии Баҳоӣ", ки аз ҷониби Дорултаҳқиқи Байтул Адли Аъзам таҳия шудааст *Маҷмӯаи Маҷмӯаҳо* (Maryborough: Bahá'í Publications Australia, 1991), ҷ. 2, №. 2053, с. 338.

14. Ҳазрати Абдулбаҳо, дар *Муноҷотҳои Баҳоӣ*, с. 28.

15. Дар ҳамон ҷо., с. 29.

16. *Маҷмӯаи Алвоҳи Ҳазрати Баҳоуллоҳ, ки пас аз Китоби Ақдас нозил шудаанд,*, №. 9.4, с. 138.

17. Дар ҳамон ҷо., №. 10.15, с. 156.

18. Мунтахаботе *аз Макотиби Ҳазрати Абдулбаҳо* №. 206.13, с. 357.

19. Дар ҳамон ҷо., №. 199.6, с. 334.

20 . Аз хитобаҳои 1 июли соли 1912, ки дар *Эълони Сулҳи Умумӣ* нашр шудааст*: Гуфтугӯҳои Ҳазрати Абдулбаҳо ҳангоми сафари Худ ба Иёлоти Муттаҳида ва Канада дар соли 1912* (Wilmette: Bahá'í Publishing, 2012), пар. 1, с. 304.

21. *Мунтахаботе аз Осори Ҳазрати Абдулбаҳо*, №. 237.5, с. 442; инчунин дар *Муноҷотҳои Баҳоӣ,* с. 328.

22. Хитобаҳое аз Ҳазрати Абдулбаҳо 3 Сентябри соли 1912, ки дар *Эълони Сулҳи Умумӣ* нашр шудааст, пар. 29, с. 441.

23. *Саропардаи Ягонагӣ: Посуххҳои Ҳазрати Баҳоуллоҳ ба Маникчи Саҳиб ва Дигар Навиштаҳо* (Haifa: Bahá'í World Centre, 2006), №. 5.7, с. 74.

24. *Рӯзҳои Ёдбуд: Мунтахаботе аз Осори Ҳазрати Баҳоуллоҳ барои Айёми Мутабарикаи Баҳоӣ* (Haifa: Bahá'í World Centre, 2016), №. 42.8, с. 209–10.

25. Хитоботи Муборака аз 22 Ноябри соли 1911, ки дар *Музокиротҳои Порис* нашр шудаст: *Сӯҳбатҳое, ки Ҳазрати Абдулбаҳо дар соли 1911 Додааст* (Wilmette: Bahá'í Publishing, 2006, 2016 printing), №. 35.2, с. 135.

26. *Мунтахаботе аз Макотиби Ҳазрати Абдулбаҳо* №. 16.5, с. 51–52.

27. *Нидои Раббул Ҷунуд: Алвоҳи Ҳазрати Баҳоуллоҳ* (Wilmette: Bahá'í Publishing, 2006), №. 5.51, с. 301.

28. *Маҷмӯаи алвоҳи Ҳазрати Баҳоуллоҳ, ки пас аз Китоби Ақдас нозил шудаанд.* №. 4.23, с. 39.

29. *Нидои Раббул Ҷунуд*, №. 3.17, с. 249.

30. Хитоботи Ҳазрати Абдулбаҳо 5 Майи соли 1912, ки дар *Эълони Сулҳи Умумӣ* нашр шудааст пар. 3, с. 127.

31. Ҳазрати Баҳоуллоҳ, дар *Муноҷотҳои Баҳоӣ* , с. 164.

32. Дар ҳамон ҷо., с. i.

33. *Алвоҳи Ҳазрати Баҳоуллоҳ пас Китоби Ақдас Нозил шудааст*, №. 6.19, с. 64.

34. *Мунтахаботе аз Осори Ҳазрати Баҳоуллоҳ*, LXXXII, пар. 3, с. 180–181.

35. Дар ҳамон ҷо., V, пар. 2, с. 6–7.

36. Ҳазрати Абдулбаҳо, *Сирри Тамаддуни Илоҳӣ* (Wilmette: Bahá'í Publishing, 2007, 2016 printing), пар. 130, с. 93.

37. *Калимоти Макнуна*, арабӣ №. 70, с. 21.

38. *Мунтахаботе аз Осори Ҳазрати Баҳоуллоҳ*, CXXIX, пар. 2, с. 316.

39. Дар ҳамон ҷо., CXXXIX, пар. 4, с. 343.

40. Аз хитобаҳои Ҳазрати Абдулбаҳо 23 Апрели соли 1912, ки дар *Эълони Сулҳи Умумӣ* нашр шудааст пар. 5, с. 69.

41. *Мунтахаботе аз Осори Ҳазрати Баҳоуллоҳ* CXXV, пар. 3, с. 300–301.

42. Дар ҳамон ҷо., XV, пар. 1, с. 39.

43. Аз хитобаи Ҳазрати Абдулбаҳо 5 Майи соли 1912, ки дар *Эълони Сулҳи Умумӣ* нашр шудааст, пар. 4, с. 128.

44. Аз хитобаҳои Ҳазрати Абдулбаҳо 2 Декабри соли 1912, дар ҳамон ҷо., пар. 2, с. 638–639.

45. *Маҷмӯаи Алвоҳи Ҳазрати Баҳоуллоҳ, ки пас аз Китоби Ақдас нозил шудаанд,* №. 6.3, с. 57.

46. Ҳазрати Баҳоуллоҳ, *Лавҳи Ибни Зеъб* (Wilmette: Bahá'í Publishing Trust, 1988, 2016 printing), с. 23.

47. Ҳазрати Баҳоуллоҳ, дар "Амонат", ки дар *Маҷмӯаи Маҷмӯаҳо* нашр шудааст ҷ. 2, №. 2037, с. 334.

48. Ҳазрати Абдулбаҳо, дар "Муноҷотҳои Баҳоӣ ва Алвоҳ барои Кӯдакон: Маҷмӯае, ки аз ҷониби Дорултаҳқиқи Байтул Адли Аъзам омода шудааст", №. 11.

49. Дар ҳамон ҷо., №. 10.

50. Аз хитобаҳои Ҳазрати Абдулбаҳо 14 Апрели соли 1912,ки дар *Эълони Сулҳи Умумӣ* нашр шудааст пар. 9, с. 17.

51. *Ҳазрати Абдулбаҳо дар бораи Фалсафаи Илоҳӣ* (Boston: The Tudor Press, 1918), с. 41–42.

52. *Макотиби Ҳазрати Абдулбаҳо* №. 35.8, с. 104.

53. Дар ҳамон ҷо., №. 7.4, с. 33.

54. *Мунтахаботе аз Осори Ҳазрати Баҳоуллоҳ CXXI, пар. 6, с. 291.*

55. Дар ҳамон ҷо., LXVI, пар. 6, с. 144.

56. *Маҷмӯаи Алвоҳи Ҳазрати Баҳоуллоҳ, ки пас аз Китоби Ақдас нозил шудаанд,* №. 10.8, с. 155.

57. Ҳазрати Баҳоуллоҳ, дар *Ҷаҳони Баҳоӣ: Ҷилди Якум 1925–1926* (Wilmette: Bahá'í Publishing Trust, 1926, 1980 printing), с. 42.

58. *Калимоти Макнунаи* арабӣ №. 40, с. 13.

58. Дар ҳамон ҷо., Форсӣ № 50, с. 39.

60. Мунтахаботе аз Макотиби Ҳазрати Абдулбаҳо. (тарҷумаи тасвибшудаи англисӣ)

61. *Мунтахаботе аз Осори Ҳазрати Баҳоуллоҳ* CXLVI, пар.1, с. 357.

62. *Мунтахаботе аз Осори Ҳазрати Абдулбаҳо*, №. 1.7, с. 8.

63. Аз хитобаҳои Ҳазрати Абдулбаҳо 12 Майи соли 1912, ки дар *Эълони Сулҳи Умумӣ* нашр шудааст пар. 8, с. 166.

64. Аз хитобаҳои Ҳазрати Абдулбаҳо 16 ва 17 Октябри соли 1911, ки дар *Хитоботи Порис* нашр шудааст, №. 1.7, с. 6.

65. Ҳазрати Абдулбаҳо, дар *Муноҷотҳои Баҳоӣ* с. 173.

66. Ҳазрати Баҳоуллоҳ, дар ҳамон ҷо., с. 94.

67. *Макотиб аз Осори Ҳазрати Абдулбаҳо* №. 179.1, с. 285.

68. Аз хитобаҳои Ҳазрати Абдулбаҳо 10 Ноябри соли 1912, ки дар *Эълони Сулҳи Умумӣ* нашр шудааст пар. 8, с. 599.

69. Мунтахаботе *аз Осори Ҳазрати Баҳоуллоҳ CLIII*, пар. 1, с. 366–67.

70. *Калимоти Макнунаи* форсӣ №. 21, с. 29.

71. *Макотиб аз Осори Ҳазрати Абдулбаҳо* №. 178.1, с. 284.

72. Аз хитоботи Ҳазрати Абдулбаҳо 21 Ноябри соли 1911, ки дар *Париж* нашр шудааст №. 34.8, с. 133.

73. Ҳазрати Баҳоуллоҳ, дар “Амонат”, ки дар *Маҷмӯаи Маҷмӯаҳо* нашр шудааст ҷ. 2, №о. 2013, с. 327.

74. Дар ҳамон ҷо., №. 2024, с. 330.

75. Дар ҳамон ҷо., №. 2027, с. 330.

76. Ҳазрати Баҳоуллоҳ дар “Роҳнамоиҳое барои тадрис”, ки аз ҷониби Дорултаҳқиқи Байтул Адли Аъзам тартиб дода шудааст, ки дар *Маҷмӯаи Маҷмӯаҳо* нашр шудааст ҷ. 2, №. 1898, с. 293.

77. *Мунтахаботе аз Осори Ҳазрати Баҳоуллоҳ* XV, пар. 6, с. 41.

78. *Нидои Раббул Ҷунуд* №. 1.145, pp. 114–15.

79. *Нидои Маҳбуби Илоҳӣ: Асарҳои Ирфонии Мунтахаби Ҳазрати Баҳоуллоҳ* (Haifa: Bahá’í World Centre, 2018), №. 2.22, с. 21.

80. Ҳазрати Баҳоуллоҳ дар *Муноҷотҳои Баҳоӣ* с. 162.

81. Ҳазрати Абдулбаҳо, дар ҳамон ҷо., с. 29.

82. Аз Алвоҳи Ҳазрати Абдулбаҳо. (тарҷумаи тасвибшудаи англисӣ)

83. Ҳазрати Баҳоуллоҳ, дар *Китоби Aқдас: Китоби Мустатоби Aқдас* (Wilmette: Bahá'í Publishing Trust, 1993, 2013 printing),пар. 70, с. 45.

84. Аз хитоботи Ҳазрати Абдулбаҳо 23 Ноябри соли 1911, ки дар *Музокироти Порис* нашр шудааст №. 36.9, с. 140.

85. Мунтахаботе аз Макотиби Ҳазрати Абдулбаҳо 12 апрели соли 1912, ки дар *Эълони Сулҳи Умумӣ*, пар. 2, с. 10.

86. *Саропардаи ягонагӣ* №. 3.16, с. 64.

87. *Мунтахаботе аз Макотиби Ҳазрати Абдулбаҳо* №. 141.4, с. 228.

88. Дар ҳамон ҷо., №. 1.4, с. 6.

89. *Калимоти Макнунаи арабӣ* №. 48, с. 15.

90. *Мунтахаботе аз Осори Ҳазрати Баҳоуллоҳ* LXVI, пар. 11, с. 146.

91. *Нидои Раббул Ҷунуд*, №. 2.30, с. 229.

92. *Маҷмӯаи алвоҳи Ҳазрати Баҳоуллоҳ, ки пас аз Китоби Aқдас нозил шудаанд,* №. 14.11, с. 212.

93. *Мунтахаботе аз Осори Ҳазрати Баҳоуллоҳ* CXXXIV, пар. 1, с. 328.

94. Дар ҳамон ҷо., CLXI, пар. 1, с. 384.

95. Дар ҳамон ҷо., CXLIII, пар. 1, с. 353–354.

96. Ҳазрати Баҳоуллоҳ, *Китоби Иқон* (Wilmette: Bahá'í Publishing Trust, 2003, 2018 printing), пар. 146, с. 123–24.

97. Аз хитобаҳои Ҳазрати Абдулбаҳо 23 Ноябри соли 1912, ки дар *Эълони Сулҳи Умумӣ* нашр шудааст, пар. 4, с. 632.

98. Ҳазрати Абдулбаҳо дар *Муноҷотҳои Баҳоӣ* с. 29.

99. *Калимоти Муборакаи Макнуна* арабӣ №. 1, с. 3.

100. *Мунтахаботе аз Осори Ҳазрати Баҳоуллоҳ* CXVIII, пар. 1, с. 283.

101. *Калимоти Муборакаи Макнунаи форсӣ* №. 3, с. 23.

102. Ҳазрати Абдулбаҳо, нақлшуда тавассути Ҳазрати Валии Амруллоҳ, дар *«Зуҳури Адли Илоҳӣ»,* пар. 40, с. 39.

103. Ҳазрати Абдулбаҳо дар *Муноҷотҳои Баҳоӣ* с. 29.

104 *Калимоти Муборакаи Макнунаи форсӣ* №. 49, с. 39.

105. *Маҷмӯаи Алвоҳи Ҳазрати Баҳоуллоҳ, ки пас аз Китоби Ақдас нозил шудаанд,* №. 6.37, с. 71.

106. *Калимоти Муборакаи Макнунаи* арабӣ №. 36, с. 12.

107. *Макотиб аз Осори Ҳазрати Абдулбаҳо* №. 225.30, с. 407.

108. Ҳазрати Баҳоуллоҳ, дар *Муноҷотҳои Баҳоӣ* с. i.

109. *Калимоти Муборакаи Макнунаи* арабӣ №. 42, с. 13.

110. *Алвоҳи Ҳазрати Абдулбаҳо Аббос* (New York: Bahá'í Publishing Committee, 1915, 1940 printing), ч. 2, с. 483. (тарҷумаи тасвибшудаи англисӣ)

111. *Алвоҳи Ҳазрати Баҳоуллоҳ пас аз Китоби Ақдас нозил шудааст* №. 9.5, с. 139.

112. *Мунтахаботе аз Осори Ҳазрати Баҳоуллоҳ* CXXXVI, пар. 6, с. 336.

113. Ҳазрати Абдулбаҳо дар "Муноҷотҳои Баҳоӣ ва Алвоҳ барои кӯдакон" №. 10.

114. *Макотибе аз Осори Ҳазрати Абдулбаҳо* №. 138.1, с. 220.

115. *Нидои Раббул Ҷунуд* №. 1.119, с. 93.

116. *Маҷмӯаи Алвоҳи Ҳазрати Баҳоуллоҳ, ки пас аз Китоби Ақдас нозил шудаанд,* №10.4, p. 155.

117. *Мунтахаботе аз Осори Ҳазрати Баҳоуллоҳ* CLVI, пар. 1, с. 378.

118. Ҳазрати Баҳоуллоҳ, дар *Муноҷотҳои Баҳоӣ* с. 94.

119. *Маҷмӯаи Алвоҳи Ҳазрати Баҳоуллоҳ, ки пас аз Китоби Ақдас нозил шудаанд,* № 10.10, p. 156.

120. *Макотибе аз Осори Ҳазрати Абдулбаҳо* №. 178.1, с. 284.

121. *Маҷмӯаи алвоҳи Ҳазрати Баҳоуллоҳ, ки пас аз Китоби Ақдас нозил шудаанд,* № 4.16, с. 37.

122. Аз Лавҳи Ҳазрати Абдулбаҳо. (тарҷумаи тасвибшудаи англисӣ)

123. Ҳазрати Абдулбаҳо, дар *Муноҷотҳои Баҳоӣ* с. 29.

124. *Калимоти Муборакаи Макнунаи* арабӣ №. 11, с. 6.

125. *Маҷмӯаи алвоҳи Ҳазрати Баҳоуллоҳ, ки пас аз Китоби Ақдас нозил шудаанд,* №. 17, с. 257.

126. *Мунтахаботе аз Осори Ҳазрати Баҳоуллоҳ* LXVI, пар. 10, с. 146.

127. Дар ҳамон ҷо., CXV, пар. 13, с. 278.